# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ОКТЯБР-ДЕКАБРИ 2019

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Сироҷиддин Икромӣ,** бонкдор
**Шералӣ Зардов,** иқтисодчӣ
**Сайисмонов Раҳматшо,** коршинос
**Холназар Шамсуллозода,** пажӯҳишгар

10 СОЛИ БОСАМАРИ ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ БМТ 36

УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҚАРЗӢ: ТАҶРИБАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ 62

ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ОҒОЗ ЁФТ 34




**Ҷашни 25 солагии Конститутсия фархунда бод!**


Соли нави 2020 муборак бод!
БА КОР ДАРОМАДАНИ ЧАРХАИ ДУЮМИ “РОҒУН”
ДАСТОВАРДҲОИ НАМОЁНИ СОЛ
10 соли департаменти мониторинги молиявии БМТ
Таъсиси нахустин бонки исломӣ
Аввалин кешбек аз бонкҳои Тоҷикистон
Аввалин зан роҳбари бонк
Таҳияи стратегияи миллии фарогирии молиявӣ
Афзоиши истеҳсоли рекордии тилло
Ташкили маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо
Коҳиши фоизи қарзҳо

# ДАР ИН ШУМОРА:»


**3**

**КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БОЗ САДСОЛАҲО БАРОИ РУШДИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН ВА ОРОМИВУ ОСОИШИ ҲАР ЯК ФАРДИ ВАТАН ХИЗМАТ ХОҲАД КАРД**

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ тамоми сокинони мамлакат ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба муносибати ин санаи бузург табрик гуфта, ба хонадони ҳар фарди Ватан сулҳу осоиш ва ба ин санади муқаддасу таърихиамон . . .



**34** **ТАҲИЯИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ФАРОГИРИИ МОЛИЯВӢ ОҒОЗ ЁФТ**

**68**

**ТЕХНОЛОГИЯҲОИ МУОСИРИ ПАРДОХТӢ ВА ДАСТОВАРДИ БОНКҲО**

Дар шаҳри Душанбе бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон 6 декабри соли 2019 Форуми байналмилалии “Технологияҳои муосири пардохтӣ. Амалияи истифодабарии технологияҳои муосир дар соҳаи молиявӣ” баргузор гардид.

**36**

**10 СОЛИ БОСАМАРИ ДЕПАРТАМЕНТИ МОНИТОРИНГИ МОЛИЯВИИ БМТ**

Конфронси илмӣ-тадқиқотӣ бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон таҳти унвони “Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти . . .

**38**

**ДАСТУРАМАЛИ №238 «ДАР БОРАИ ТАРТИБИ ТАНЗИМИ ФАЪОЛИЯТИ . . .»**

Дастурамали №238 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ» (минбаъд- Дастурамал) тибқи моддаи 42 Қонуни . . .



**62** **УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҚАРЗӢ: ТАҶРИБА БАЙНАЛМИЛАЛӢ**

**27**

**НИГОҲИ ДОНИШҶӮ БА ТАЪРИХИ ПАЙДОИШИ АМОНАТБОНК**

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», бонк ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои . . .

**71**

**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ПРОТСЕССИНГИИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО БЕ КУШОДАНИ . . .**

3 декабри соли 2019 дар назди Бонки миллии Тоҷикистон Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳо ба фаъолият шурӯъ намуд.

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:»



59 РОҲҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ



18
ИМРӮЗ МУШТАРИЁН ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ХУДРО ХУБТАР МЕДОНАНД ВА ТАЛАБОТ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БЕҲТАР ДОРАНД

Амонатбонк бо мақсади саҳмгузорӣ дар ғанӣ гардидани Буҷети давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ аз рӯи фаъолияти худ 64,8 млн. сомонӣ андозу пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлат пардохт намудааст…



50
Ш.ЗАРДОВ"ИМРӮЗ ДОРОИҲОИ УМУМИИ БОНКҲОИ ИСЛОМӢ БЕШ АЗ 2 ТРЛН. ДОЛЛАРИ ИМА-РО ТАШКИЛ МЕДИҲАНД"

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар робита ба фаъолият оғоз кардани ташкилоти нав, нақшаҳои корӣ, дурнамо, аввалин комёбиҳо ва мушкилоти пайдошуда бо И.в. раиси Раёсати ҶСК Тавҳидбонк" Шералӣ Зардов мусоҳибаи…

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
4 (87) Октябр- декабр, 2019

**ТЕЛ:** +992 (44) 600- 31- 24
**ФАКС:** +992 (44) 600- 32- 49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 107А
E- mail: **majalla@nbt. tj**

**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҷ. Нурмаҳмадзода
**Аъзои Шӯрои машваратӣ:**
Ҷ. Нуралиев, Ф. Ҳамрализода,
Л. Салимова, А. Миралиев,
Н. Абибуллоев, А. Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А. Қурбонов
Сармутахассис: А. Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З. Ҷамолов
Мутахассиси дараҷаи I: Л. Имомова

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №114/МҶ- 97, аз 20 июни 2019 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 382 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ ба ифтихори 25-умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 04.11.2019, шаҳри Душанбе

# КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БОЗ САДСОЛАҲО БАРОИ РУШДИ ҶОМЕАИ ТОҶИКИСТОН ВА ОРОМИВУ ОСОИШИ ҲАР ЯК ФАРДИ ВАТАН ХИЗМАТ ХОҲАД КАРД

**Ҳамватанони азиз!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Қабули Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки ҳоло мо дар остонаи таҷлили 25-умин солгарди он қарор дорем, аз ҷумлаи муҳимтарин рӯйдодҳои таърихи навини халқи тоҷик ва дастоварди бузурги мардуми шарафманди кишвар мебошад.

Бо камоли ифтихору сарфарозӣ тамоми сокинони мамлакат ва ҳамаи шумо – ҳозирини арҷмандро ба муносибати ин санаи бузург табрик гуфта, ба хонадони ҳар фарди Ватан сулҳу осоиш ва ба ин санади муқаддасу таърихиамон умри ҷовидонӣ орзу менамоям.

> Ман, ки ҳанӯз дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ тарафдори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани худро эълон дошта будам, итминони комил доштам, ки барпо кардани чунин давлат танҳо бо дастгирии мардум ва дар асоси Конститутсияи аз ҷониби халқ қабулшуда имконпазир аст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоскунандаи воқеияти даврони истиқлолу озодии Ватан, рушди давлат ва пешрафти миллати тамаддунсози тоҷик мебошад.

Таҷрибаи қабули конститутсия дар давлатҳои ҷаҳон, аз ҷумла дар Тоҷикистони мо баръало нишон медиҳад, ки он ҳамчун ҳуҷҷати бисёр муҳимми сиёсӣ ва санади олии ҳуқуқӣ бо истиқлоли давлатӣ робитаи ногусастанӣ дорад.

Мутаассифона, эълони истиқлол дар кишвари мо ба давраи ниҳоят мураккаби сиёсӣ ва бӯҳрони шадиди конститутсионӣ рост омад. Дар он айём Конститутсия ва умуман қонуният поймол шуда, сохторҳои идораи давлатӣ фалаҷ гардиданд. Дар пойтахти мамлакат шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои кишвар беқонуниву бенизомӣ ва беҳокимиятиву бесарусомонӣ ҳукмфармо гардида буд. Вазъ то ҳадде мураккабу даҳшатнок буд, ки дар пойтахти мамлакат барои доир намудани ягон чорабинӣ ҷиҳати ислоҳ ва ба эътидол овардани он имкон вуҷуд надошт.

Маҳз бо ҳамин сабаб дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи 16-уми таърихии Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват ва баргузор шуд ва дар он роҳбарияти нави мамлакат интихоб шуда, қарорҳои таърихие қабул гардиданд, ки барои ояндаи Тоҷикистони тозаистиқлол аҳамияти сарнавиштсоз доштанд. Вазъи ноороми он рӯзҳо дар назди роҳбарияти нав интихобшудаи давлату Ҳукумат ҳалли вазифаҳои



тақдирсоз ва дар навбати аввал, қатъи ҷангу хунрезӣ, барқарор кардани сохтори конститутсионӣ, таъмини волоияти қонун, сулҳу субот ва сарҷамъ намудани мардуми кишварро ба миён гузошта буд.

Дигар масъалаи муҳимтарине, ки дар назди мо қарор дошт, ин ҳарчи зудтар таҳия ва қабул кардани Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли тоҷикон буд. Зеро Конститутсия бояд пояҳои давлатдориро устувор намуда, роҳи минбаъдаи таҳким ва пешрафти онро муайян мекард. Дар он айёми буҳрониву ноором мо бояд шакли давлатдорӣ ва роҳи минбаъдаи рушду такомули онро интихоб мекардем. Зимнан, яке аз сабабҳои сар задани ҷанги шаҳрвандӣ мухолифати ду қувваи асосӣ – тарафдорони сохти дунявӣ ва ҷонибдорони бунёди давлати исломӣ доир ба масъалаи таъмини сарнавишти ояндаи мамлакат, яъне муайян кардани сохтори давлатдорӣ буд.

Дар чунин шароит, зарур буд, ки мо ҷомеаро ҳарчи зудтар аз вартаи буҳрони сиёсӣ ва иҷтимоӣ берун оварда, роҳи рушди минбаъдаи худро интихоб намоем. Ин мақсаду мароми миллат ва ҷомеаро фақат Конститутсия, яъне қонуни асосии давлат метавонист ба расмият дарорад. Зеро фақат қабули Конститутсия барои ҳифзи истиқлол, аз оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ берун овардани ҷомеа, барқарор намудани фаъолияти сохторҳои фалаҷшудаи давлатӣ, таъмин намудани амнияти миллӣ, тартиботи ҷамъиятӣ, ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, инчунин, ҷиҳати мустаҳкам кардани заминаҳои сиёсиву ҳуқуқӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии давлат шароити мусоиди ҳуқуқиро фароҳам меовард. Ва мо танҳо дар ҳамон сурат метавонистем, ки барои барқарор кардани қонунияту тартибот, сулҳу субот, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ва рушди устувори ҷомеа нахустин қадамҳои устувори худро гузорем.

Дар рӯзҳое, ки ҳамаи саъю талоши мо ба ҳалли мушкилоту масъалаҳои зикргардида равона шуда буд, гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ ва хоҷаҳои хориҷии онҳо, ки ба қабули Конститутсия қатъиян манфиатдор набуданд, кӯшиш мекарданд, ки вазъи ин ё он минтақаи кишварро бо содир намудани аъмоли хоинонаву террористӣ, аз ҷумла таркиш ва қатлу куштори ваҳшиёнаи одамони бегуноҳ, гаравгонгирӣ, ғоратгарӣ ва дигар амалҳои ғаразнок ноором ва хавфнок нишон дода, монеаи баргузории раъйпурсии умумихалқӣ шаванд.

Ман, ки ҳанӯз дар Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ тарафдори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани худро эълон дошта будам, итминони комил доштам, ки барпо кардани чунин давлат танҳо бо дастгирии мардум ва дар асоси Конститутсияи аз ҷониби халқ қабулшуда имконпазир аст. Дар ҳамон шароити ҳассосе, ки гуфта шуд, ҳайати нави Комиссияи конститутсионӣ тасдиқ гардида, бо такя ба арзишҳои таърихии халқамон, орзуву омоли мардуми кишвар, дарки манфиатҳои миллӣ, таҷрибаи қабули конститутсия дар давлатҳои дигар, эҳтиром ба арзишҳо аз ҷониби умум

эътирофшудаи байналмилалӣ, арҷгузорӣ ба ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва муҳимтар аз ҳама, бо мақсади ҳифз ва таҳкими истиқлоли давлатӣ ба кори худ шурӯъ кард.

Зикр бояд кард, ки раванди таҳияи лоиҳаи Конститутсия мушкил мегузашт, зеро он вақт таъсири мафкураву арзишҳои даврони шӯравӣ ҳанӯз хеле қавӣ буд ва дарки арзишҳои нави ҷомеа, аз ҷумла гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, шаклҳои гуногуни моликият, иқтисоди бозаргонӣ, соҳибкорӣ ва монанди инҳо хеле дарднок ва бо душворӣ қабул мешуд. Барои дар сатҳи Конститутсия пешбинӣ намудани ин меъёрҳо баҳсҳои доманадор сурат мегирифтанд ва оқибат бо санҷида шудани ҳамаи паҳлуҳои мусбату манфии онҳо барои рушди минбаъдаи давлат ва ҳимояи манфиатҳои ҷомеаи кишвар мо ба натиҷаи дилхоҳ муваффақ шудем. Аз ҷумла, масъалаи интихоби шакли идораи давлат, яъне дар Конститутсия муқаррар намудани ҷумҳурии президентӣ ё парламентӣ мавриди баҳсу талошҳои доманадор қарор гирифт. Тарафдорони ҳарду навъи идораи давлат барои тасдиқи андешаи худ бурҳону далелҳои гуногун пеш меоварданд.

Мо бе ягон дудилагӣ ҷонибдории худро аз шакли идораи мустаҳками президентӣ иброз намудем, зеро бовар доштем, ки дар марҳалаи гузариш, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он қарор дошт, фақат идораи мустаҳками президентӣ ба ҳалли бисёр масъалаҳои ҳаётиву муҳим имконият медиҳад. Хушбахтона, ин шакли идораи давлатро халқи Тоҷикистон низ ҷонибдорӣ кард ва минбаъд ҳаёт дурустии онро собит намуд. Баъдан лоиҳаи Конститутсия ба муҳокимаи васеи мардум пешниҳод гардид ва зарурати аз тариқи раъйпурсӣ қабул кардани он маъқул дониста шуд. Зеро таҷрибаи талхи солҳои навадум талаб мекард, ки Конститутсияро худи халқ қабул намояд.

Дар он айём зери таъсири майдонҳо ва гурӯҳҳои ҷонибдори онҳо ба Конститутсия дар як рӯз чандин тағйирот, аз ҷумла тағйироти мухолифи якдигар ворид карда мешуданд ва онҳо дар маҷмӯъ, ин санади олиро ба як қонуни одӣ ва бозичаи дасти худ табдил дода буданд. Ин зарурат, инчунин, аз принсипи ба халқ тааллуқ доштани ҳокимияти давлатӣ ва ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ будани раъйпурсии умумихалқӣ сарчашма мегирад. Дар давоми зиёда аз ду моҳи муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия ба Шӯрои Олӣ зиёда аз ҳаштуним ҳазор пешниҳод ворид гардид. Бо дарназардошти он, ки дар муҳокимаи ин санади таърихӣ доираҳои васеи мардум иштирок карда, фикру андешаҳои худро фаъолона иброз намуданд, лоиҳаи Конститутсия танҳо баъди ба эътибор гирифтани пешниҳодҳои мардум такмил дода, ба раъйпурсии умумихалқӣ бароварда шуд ва қонуни асосии мо воқеан ҳам ба Конститутсияи халқӣ мубаддал гардид.

Тавассути раъйпурсӣ қабул гардидани Конститутсия дар таърихи рушди конститутсионии кишварамон таҷрибаи нодир ва нахустин буд, зеро конститутсияҳои қаблӣ аз ҷониби намояндагони мардумӣ дар парламент қабул гардида буданд. Қобили зикр аст, ки тавассути раъйи мардум қабул шудани қонуни асосии мо дар миқёси кишварҳои пасошӯравӣ низ яке аз таҷрибаҳои аввалин ба шумор меравад.

Дар он айёми барои кишвар бисёр мураккаб мо тамоми тадбирҳои зарурири андешидем, то ки ин чорабинии муҳимми сиёсиро дар сатҳи баланд доир намоем ва бо ин роҳ ба ҷомеаи ҷаҳон нишон диҳем, ки мардуми соҳибмаърифати Тоҷикистон ба ояндаи давлат ва миллати худ бетарафу бетафовут нестанд. Бо дарки чунин масъулияти таърихӣ 6 - уми ноябри соли 1994 сокинони кишвар дар фазои озод дар раъйпурсии умумихалқӣ фаъолона иштирок карда, аксари мутлақи онҳо (беш аз 87 фоиз) ба ҷонибдории Конститутсия раъйи худро изҳор доштанд. Раъйи мардум ба тарафдории давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявӣ яъне интихоби тақдири ояндаи ободу осудаи кишвар зарбаи ҷонкоҳ ба нерӯҳои радикаливу террористӣ - тарафдорони бунёди давлати исломӣ ва хоҷаҳои хориҷии онҳо гардид. Яъне халқи тоҷик бо роҳи ифодаи озодонаи мавқеи худ аввалин маротиба имконияти таърихии қабули бевоситаи ин ҳуҷҷати бунёдии сиёсиро бо азму иродаи хеш амалӣ намуда, барои эъмори пойдевори ҳуқуқии давлати мустақили демократӣ ва дунявии

Тоҷикистон асоси мустаҳкам гузошт.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат бо баргузории чунин маъракаи муҳиму тақдирсоз аз имтиҳони ҷиддӣ гузашт ва бовар ҳосил кард, ки сиёсати дурусту санҷида ва ба манфиати мардум равонашуда аз ҷониби халқ ҳамеша пуштибонӣ меёбад. Аз ин лиҳоз, мо татбиқи сиёсати пешгирифтаамонро, ки дар иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ эълон карда будем ва асоси ҳуқуқии он дар Конститутсия гузошта шуд, дилпурона оғоз намудем.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Бо қабули Конститутсия дар инкишофи давлатдории Тоҷикистон марҳалаи нави таърихӣ оғоз гардид ва он моро ба дигаргуниҳои азими сиёсиву ҳуқуқӣ, иқтисодиву иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва созандагиву бунёдкорӣ роҳнамоӣ кард. Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати дарбаргирандаи арзишҳои калидии ҷомеаву давлат ва марому мақсади халқи кишвар симои таърихӣ ва муосири Тоҷикистони азизро дар худ инъикос намуд.

Дар Конститутсия марому мақсади халқи Тоҷикистон, ки аз бунёди ҷомеаи адолатпарвар иборат мебошад, дар асоси арзишҳои милливу умумибашарӣ, аз ҷумла қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳон будан, озодӣ ва ҳуқуқи шахсро муқаддас шуморидан, баробарҳуқуқӣ ва дӯстии тамоми миллату халқиятҳоро эътироф кардан, дарки масъулият дар назди наслҳои гузашта, ҳозира ва оянда муайян карда шуд. Ин санади тақдирсози замони соҳибистиқлолӣ, ҳамчунин, бо иродаи халқ асосҳои бунёдии давлати навтаъсис, аз ҷумла давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона будани Тоҷикистонро эълон намуда, тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро кафолат додааст.

Меҳоҳам махсус таъкид намоям, ки ин меъёр, яъне тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлат яке аз дастовардҳои бузурги халқи тоҷик дар роҳи интихоби тақдириояндаи худ ва кафолати Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли мо мебошад.

Ва қарзи инсониву шаҳрвандии ҳар яки мост, ки онро бо тамоми ҳастии худ ҳифз намоем.

> Зикр бояд кард, ки раванди таҳияи лоиҳаи Конститутсия мушкил мегузашт, зеро он вақт таъсири мафкураву арзишҳои даврони шӯравӣ ҳанӯз хеле қавӣ буд ва дарки арзишҳои нави ҷомеа, аз ҷумла гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравӣ, бисёрҳизбӣ, шаклҳои гуногуни моликият, иқтисоди бозаргонӣ, соҳибкорӣ ва монанди инҳо хеле дарднок ва бо душворӣ қабул мешуд.

**Ҳозирини арҷманд!**

Аҳаммияти таърихии Конститутсия дар он аст, ки ин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқӣ арзишҳои олии халқи тоҷикро дар худ таҷассум намуда, суннатҳои таърихии давлатдорӣ ва ғояҳои инсондӯстонаи миллати фарҳангсолори моро инъикос кардааст ва таъмин намудани адолати иҷтимоӣ, волоияти қонуну тартиботи ҳуқуқиро яке аз мақсадҳои асосии фаъолияти тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ қарор додааст. Конститутсия барои таъсис ва рушди низоми ҳуқуқии мамлакат, сохтору мақомоти давлатӣ ва дар меҳвари фаъолияти онҳо қарор додани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ, манфиатҳои давлат ва шаҳрвандон, инчунин, бунёди ҷомеаи адолатпарвар асос гузошта, кафолати таъмини озодӣ, адолати иҷтимоӣ ва баробарҳуқуқии ҷомеаи навини Тоҷикистон гардид. Бинобар ин, Конститутсияи мо аз ҷумлаи беҳтарин конститутсияҳои замони муосир буда, мо дар заминаи он ба муваффақиятҳои бузург ноил гардидем.

Бо дарназардошти он, ки Конститутсия ҳамчун ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ ва сиёсӣ самтҳои асосии рушди ҷомеа ва давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро муайян мекунад, баъди қабули он дар кишвар, дар баробари ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, инчунин, ислоҳоти бунёдии сохтори давлатӣ амалӣ гардид, ки бо ин роҳ низоми идораи давлат ба шароити муосир

мутобиқ гардонида шуд.

Дар Конститутсия забони тоҷикӣ ба сифати забони давлатӣ эътироф гардида, тайи бисту панҷ соли гузашта барои рушд ва истифодаи васеи он дар коргузории давлатӣ ва ҳаёти ҷомеа шароити кофӣ муҳайё гардид.

Конститутсия ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсонро ҳадафи воло эътироф карда, ҳамчун санади башардӯстона инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро арзиши олӣ эълон намуд.

**Ҳозирини гиромӣ!**

Конститутсия асосҳои ҳаёти сиёсиро муайян карда, барои рушди гуногунандешии сиёсӣ, низоми бисёрҳизбӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, иштироки фаъоли шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлат заминаҳои ҳуқуқиро фароҳам овардааст. Дар даврони истиқлол дар кишвари мо шумораи иттиҳодияҳои ҷамъиятии шаҳрвандон босуръат афзуда, ҷомеаи шаҳрвандӣ ташаккул ёфт.

Ҳоло дар Тоҷикистон ҳафт ҳизби сиёсӣ ва зиёда аз ду ҳазору панҷсад иттиҳодияи ҷамъиятӣ фаъолият доранд, ки онҳо ба иштироки шаҳрвандон дар идораи давлат, ифода ва таъмини манфиатҳои гуногуни аҳолӣ мусоидат менамоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қабули Конститутсия худро давлати иҷтимоӣ эълон намуда, таъмин намудани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаи ҳар шахсро кафолат додааст.

Бо мақсади бунёди давлати иҷтимоӣ, аз ҷумла роҳандозии сиёсати оқилонаи иҷтимоӣ,



дастгирии ятимону маъюбон, нафақахӯрон ва дигар гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ то ба имрӯз тадбирҳои муассир андешида шудаанд. Ва бояд гуфт, ки дар заминаи маҷмӯи тадбирҳои амалишуда ҳаёти иҷтимоии мамлакат босуръат рушд мекунад.

Конститутсия асоси низоми нави қонунгузории мамлакатро гузошт ва дар заминаи ин ҳуҷҷати олии ҳуқуқӣ қонунгузории нави давлати Тоҷикистон ташаккул ва инкишоф ёфт. Қонунҳое, ки дар асоси Конститутсия ва бо мақсади амалишавии он қабул шудаанд, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва сохтору фаъолияти давлатро танзим намуда, барои рушди босуръати устувори иқтисодиву иҷтимоӣ ва сиёсиву фарҳангии мамлакат заминаи кофӣ гузоштанд. Дар байни қонунҳои қабулшуда қонунҳо «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки табиати сирф миллӣ доранд, барои рушди ҷомеа, танзими ҳаёту фаъолияти ҳар як сокини мамлакат, пешгирии хурофоту шуҳратпарастӣ, зоҳирпарастиву исрофкорӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, тарбия ва таълими насли наврас нақши калидӣ мебозанд.

Умуман, дар заминаи Конститутсия тамоми қонунгузории кишвар аз нав таҳия ва қабул гардид ва муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ҳамаҷониба ба танзим дароварда шуданд.

Ҷиҳати идомаи минбаъдаи ислоҳоти ҳуқуқӣ ва татбиқи сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти арзишҳои умумибашарӣ ва манфиатҳои миллӣ, таъмини ҳуқуқии рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсии кишвар бо Фармони Президенти мамлакат аз 6 феврали



соли 2018 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид ва ҳоло бомаром амалӣ шуда истодааст.

**Дӯстони азиз!**

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри бунёдӣ ва бисёр муҳимми иқтисодиёт пешбинӣ шудааст, ки он эътирофи шаклҳои гуногуни моликият мебошад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат додааст. Дар заминаи ин меъёри конститутсионӣ дар солҳои истиқлол соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна ва соҳибкории истеҳсолӣ босуръат рушд карда истодааст. Ба ҳолати 1 - уми июли соли 2019 дар кишвар 323 ҳазор субъекти соҳибкории фаъолияткунанда ба қайд гирифта шудааст. Бо мақсади рушди соҳибкорӣ то имрӯз 70 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ шудааст ва татбиқи як қисми онҳо идома дорад, ки маблағи умумии лоиҳаҳои зикршуда қариб 32 миллиард сомониро ташкил медиҳад. Ҳоло саҳми бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ба 70 фоиз расидааст.

Конститутсия барои рушди ҳаёти маънавию фарҳангӣ низ заминаи мусоиди ҳуқуқиро фароҳам овардааст. Меъёрҳои Конститутсия барои ширкати озод дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷодиёти бадеӣ, илмӣ ва техникӣ, истифода аз дастовардҳои мероси фарҳангӣ, рушди илм, маориф ва фарҳанг заминаи кофӣ гузоштаанд. Қобили зикр аст, ки маблағгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла маориф, тандурустӣ, фарҳанг, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз ҳисоби буҷети давлат ҳар сол зиёд карда мешавад. Масалан, ҳиссаи хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ 43,7 фоизи хароҷоти буҷети соли 2019-ро ташкил медиҳад.

Ҷиҳати дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани 30-солагии истиқлоли давлатӣ ҳоло дар мамлакат корҳои созандагиву ободонӣ бо иштироки фаъолонаи кулли шаҳрвандони мамлакат, соҳибкорон ва дигар шахсони ватандӯсту бонангу номус вусъати бесобиқа пайдо карда, иншооти зиёди иҷтимоӣ сохта ва мавриди истифода қарор гирифта истодааст. Тибқи нақша то ҷашни бузурги миллӣ бунёди беш аз 21 ҳазор иншоот ва пеш аз ҳама, муассисаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла 1050 муассисаи нави томактабӣ ва миёнаи умумӣ, 560 беморхона ва марказҳои саломатӣ ва дигар иншооти соҳаи тандурустӣ сохта, ба истифода дода мешаванд, ки бешубҳа, ба некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

**Ҳозирини муҳтарам!**

Меъёрҳои Конститутсия барои ҳамгироӣ бо ҷомеаи ҷаҳон замина гузоштанд ва Тоҷикистон дар як муддати кӯтоҳ ба узвияти созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ пазируфта шуд ва бо 160 давлати дунё муносибатҳои дипломатӣ барқарор кард. Имрӯз Тоҷикистон сиёсатеро пеш мебарад, ки ба мутобиқ намудани масъалаҳои рушди кишвар бо равандҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мусоидат намояд, ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи хатару таҳдидҳои эҳтимолӣ ба амнияти миллӣ имкониятҳои муносиб фароҳам оварад ва заминаҳои мусоидро барои татбиқи пайгиронаи манфиатҳои миллӣ таъмин созад.

Вусъати раванди ҷаҳонишавӣ, тағйирёбии иқлими сайёра, торафт кам шудани захираҳои

оби тоза, паҳншавии гуруснагӣ дар минтақаҳои ҷудогонаи ҷаҳон, бемориҳои сироятӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои ҷаҳони имрӯза, аз қабили экстремизм ва терроризм ба рушди ҷомеа ва ҳаёти ҳар сокини сайёраи мо хатари ҷиддӣ эҷод менамояд. Дар чунин шароит, Тоҷикистон барои пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, хусусан, терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ, ҷиноятҳои киберӣ ва дигар ҷиноятлкориҳои муташаккили фаромиллӣ ҳамаи тадбирҳои заруриро роҳандозӣ кардааст.

Маҳз бо ҳамин мақсад ман қариб дар ҳамаи мулоқоту суханрониҳои худ таъкид мекунам, ки мардуми Тоҷикистон, бахусус, ҷавонон бояд ҳушёр бошанд, зиракии сиёсиро аз даст надиҳанд ва барои ҳимояи сулҳу оромӣ ва суботи сиёсӣ дар кишвар ҳамеша омода бошанд. Зеро тибқи маълумоту далелҳои аниқе, ки мо дар даст дорем, боқимондагони нерӯҳои радикаливу террористӣ, яъне хоинону душманони миллати тоҷик ва давлати тоҷикон бо кумаку дастгирии хоҷаҳои хориҷиашон то ҳанӯз аз нияту нақшаҳои ғаразноки худ даст накашидаанд ва бо ҳар роҳу восита мехоҳанд, ки онҳоро амалӣ созанд.

Бори дигар таъкид месозам, ки ҳимояи дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ қарзи инсонӣ ва вазифаи шаҳрвандии ҳар як сокини Тоҷикистон аст. Конститутсия низ пешбинӣ намудааст, ки ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлол, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванд мебошад.

Бо пешрафти ҷомеа, хусусан, ҷомеаҳое, ки дар марҳалаи гузариш аз як сохт ба сохти дигари ҷамъиятӣ ва дар ҳоли рушду такомул қарор доранд, зарурати ба Конститутсия ворид кардани тағйиру иловаҳо пеш меояд. Чунин зарурат, яъне такмили Конститутсия дар Тоҷикистон низ пеш омад ва мо онро сари вақт анҷом додем, яъне аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ 26-уми сентябри соли 1999-ум, 22-ми июни соли 2003-юм ва 22 майи соли 2016-ум ба қонуни асосии кишвар тағйиру иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд.

Солҳои сипаришуда собит сохтанд, ки тағйиру иловаҳои ба Конститутсия воридшуда саривақтӣ буда, ба таҳкими истиқлоли давлатӣ, такмили идораи давлат, таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, волоияти қонун, назму суботи ҷомеа ва рушди минбаъдаи устувори иқтисодиву иҷтимоии кишвар мусоидат намуданд. Бо гузашти бисту панҷ сол аз қабули ин санади бунёдии давлати соҳибистиқлоламон мо бо ифтихор гуфта метавонем, ки роҳи интихобкардаи халқи Тоҷикистон, ки дар Конститутсияи он инъикос ёфтааст, ҷавобгӯйи мароми мақсади олии мардуми кишвар ва ҳадафҳои стратегии ҷомеа мебошад. Дар заминаи Конститутсия дар ҷомеа сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ, ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ, рушди устувору босуръати ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, зиндагии осудаи шаҳрвандон, бовару умеди онҳо ба ояндаи дурахшон, нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ таъмин гардид. Бовар дорам, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон боз садсолаҳои дароз барои рушди ҷомеаи Тоҷикистон ва оромиву осоиши ҳар як фарди Ватан хизмат хоҳад кард.

Дар ин лаҳзаҳои фараҳбахши идона бори дигар тамоми мардуми шарафманди Тоҷикистон ва ҳамаи шумо - ҳозирини гиромиро ба ифтихори биступанҷумин солгарди қабули Конститутсия Тоҷикистони соҳибистиқлол табрику таҳният гуфта, орзуманди он ҳастам, ки дар хонадони ҳар яки шумо сулҳу амонӣ, хушбахтӣ ва саодати рӯзгор ҳамеша пойдор бошад.

Бигзор, арзишҳои волои ин ҳуҷҷати воқеан тақдирсозу таърихӣ таҳкимбахши давлату давлатдории мустақили Тоҷикистон ва кафолати зиндагии ороми осудаи мардуми шарифи он бошанд.

**Саломату сарбаланд бошед ҳамватанони азиз!**

**www.president.tj**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ▲ЧСК “ТАВҲИДБОНК”– АВВАЛИН БОНКИ ИСЛОМӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



16 сентябри соли 2019 аввалин маротиба дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси моддаҳои марбутаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ”ба нахустин бонкии исломӣ - ЧСК “Тавҳидбонк” барои анҷом додани амалиёти бонки исломӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар ҷараёни мулоқот ва ба И.в. раиси ЧСК “Тавҳидбонк” Шералӣ Зардов (собиқ ЧСК “Соҳибкорбонк”) супурдани иҷозатнома барои фаъолияти бонкдории исломӣ изҳор намуд, ки ин навиди хотирмон дар низоми бонкии кишвар як саҳифаи наверо боз менамояд ва барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва кушодани бонкҳои нав бо принсипи бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард. Ҳамчунин барои фаъолияти босамар ҷиҳати рушди низоми бонкӣ бо истифода аз таҷрибаи нави бонкдории исломӣ ба роҳбарияти ЧСК “Тавҳидбонк” комёбиҳо таманно намуд.

Тавре маълум аст, бӯҳронҳои пай дар пайи иқтисодию молиявии ҷаҳонӣ дар баробари таъсир ба аксар мамлакатҳои пешрафтаи дунё, ҳамчунин ба иқтисодиёти кишвари мо, аз ҷумла ба соҳаи бонкдорӣ таъсири манфӣ расонид. Маҳз бо мақсади рушди мўътадил ва устувор нигоҳ доштани низоми бонкии ҷумҳурӣ тасмим гирифта шуд бонкҳои исломӣ бо пешниҳоди маҳсулотҳои бонкдории исломӣ, ки таҷрибаи устувори пешгирикунандаи хавфҳои молиявиро доранд ва метавонанд маблағҳои озоди аҳолӣ ва сармоягузориҳои дарозмуддати мустақими хориҷиро ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҷалб намоянд, ташкил карда шаванд. Муҳимтар аз ҳама, бо ин восита барои рушди минбаъдаи иқтисодиёт ва низоми бонкии ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам хоҳад омад.

Бинобар ин, ҷиҳати муҳайё намудани заминаи ҳуқуқӣ барои ҷорӣ намудани бонкдории исломӣ ҳанӯз 26 июли соли 2014 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” қабул гардид, ки он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкили фаъолияти бонкии исломиро дар кишвар муайян намуда, шароити заруриро барои пешбурди фаъолияти бонкии исломӣ фароҳам меорад.

Қобили қайд аст, ки маҳз бо ташаббуси саҳмиядорони ЧСК “Соҳибкорбонк”, бинобар сабаби ба бонки исломӣ табдил додани бонк, дар асоси қарори Маҷлиси умумии саҳмиядорон 12 июни соли 2019 номи он ба ЧСК “Тавҳидбонк” иваз карда шуд.

Ҳамзамон мутобиқи қарори зикршудаи Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон иҷозатномаи ЧСК “Соҳибкорбонк” аз 14 октябри соли 2013, ки барои иҷрои амалиёти бонкӣ дода шуда буд, бинобар табдилёбӣ ба бонки исломӣ, аз эътибор соқит дониста шуд.

Бинобар ин, дар Феҳристи ташкилотҳои қарзии исломӣ ва Маълумотномаи “Рамзҳои мушаххаси бонкии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон” сабтҳои дахлдор ворид карда мешаванд.

## ▲ ТАШАККУЛ ВА ФАЪОЛ НАМУДАНИ БОЗОРИ АВВАЛИЯИ КОҒАЗҲОИ ҚИМАТНОКИ ДАВЛАТӢ ДАР ТОҶИКИСТОН



22 октябри соли 2019 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо Муовини якуми директори Департаменти рушди асъори миллӣ ва бозори сармояи Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (БАТР) ҷаноби Ҷим Тёрнбулл мулоқоти корӣ анҷом дод.

Зимни вохӯрӣ ҷонибҳо масъалаҳои сиёсати пулию қарзии мамлакат, аз ҷумла, тавсеаи бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, баҳодиҳии низоми бозори аввалияи коғазҳои қиматноки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкории техникии БАТР ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи лоиҳаи “Ислоҳоти ҳуқуқии бозори сармоя дар Ҷумҳурии Қирғизистон, Тоҷикистон ва Муғулистон”-ро мавриди баррасӣ қарор доданд.

Муовини якуми Раиси Бонки

## ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев аз натиҷаи ҳамкориҳои самарабахши Бонки миллии Тоҷикистон ва БАТР изҳори қаноатмандӣ карда, гуфт: "Барориши коғазҳои қиматноки давлатӣ яке аз фишангҳои асосии низоми молиявии кишвар ба ҳисоб рафта, ҳамчун механизми иловагӣ барои танзими буҷети давлатӣ аз ҳисоби диверсификатсияи манбаи ҷалби сармоя ба буҷети давлатӣ ва рушд додани бозори пардохтпазирии молиявӣ мусоидат менамояд. Дар баробари ин, қоғазҳои қиматнок ҳамчун фишанги ғайримустақими сиёсати пулию қарзӣ ба ҳисоб рафта, ба Бонки миллии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки пардохтпазирии низоми бонкиро танзим намуда, бозори аввалияи коғазҳои қиматнокро фаъол намояд. Дар натиҷаи беҳтар намудани шарту шароити анҷом додани амалиётҳо барои иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қиматнок, самаранокии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ таъмин гардида, дар самти рушди бозори коғазҳои қиматнок қадамҳои устувор гузошта мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бозори муташаккили коғазҳои киматноки давлатӣ омили пешбарандаи иқтисодиёт буда, метавонад ба рушди бозори коғазҳои қиматноки бахши хусусӣ, баланд бардоштани сатҳи тиҷорати касбӣ ва беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ мусоидат намояд".

Директори Департаменти рушди асъори миллӣ ва бозори сармояи БАТР ҷаноби Ҷим Тёрнбулл ба тавсеаи ҳамкориҳои дуҷониба, аз ҷумла вусъат додани фаъолияти бозори аввалия ва дуюмдараҷаи коғазҳои қиматноки давлатӣ ва саҳми Бонки миллии Тоҷикистон дар он изҳори ҳавасмандӣ кард. Номбурда барои рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ тавассути зиёд кардани иштирокдорони бозор ва муҳайё кардани заминаи ҳуқуқии он, бо ин васила ба танзим даровардани сиёсати буҷети давлатӣ ва қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии хешро дар доираи фаъолияти Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба бозори пул ва бозори сармоя дар Тоҷикистон изҳор намуд.



### ▲ МУЛОҚОТ БО КОРШИНОСОНИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода 2 октябри соли ҷорӣ бо коршиносони Бонки ҷаҳонӣ, ки таҳти роҳбарии мутахассиси калон оид ба соҳаи молияи Бонки ҷаҳонӣ хонум Маргарет Миллер ба Тоҷикистон ташриф овардаанд, мулоқот доир намуд.
Дар мулоқот масъалаҳои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявии аҳолӣ, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути низомҳои пардохтии электронӣ, татбиқи технологияҳои муосир ва рушди бонкдории мобилӣ, зиёд гардидани миқдори суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ва дар умум, фарогирии молиявии аҳолии кишвар мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуд.
Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ба хонум Маргарет Миллер ва ҳамроҳони ӯ барои ҳамкории судманд ва иштироки фаъолона дар раванди таҳияи "Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, изҳори сипос намуда, таъкид дошт, ки таҳияи стратегияи мазкур саривақтӣ буда, метавонад дар рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар саҳми арзанда гузорад.
- Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини фарогирии молиявии аҳолӣ як қатор тадбирҳо, аз ҷумла, пешниҳоди имтиёзҳо дар самти вусъати ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва татбиқи технологияҳои муосир дар низоми бонкӣ, ҷалби пасандозҳо ва амонатҳо ва баланд бардоштани маърифатнокии молиявии мардумро амалӣ намуда истодааст. Дар баробари ин, ҷалби дигар вазорату идораҳои дахлдори кишварро ҷиҳати иштирок ва мусоидат дар раванди таҳияи "Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ" ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ муҳим меҳисобем, -иброз намуд Ҷамшед Нурмаҳмадзода.

Хонум Маргарет Миллер барои ҳамкории пурсамар ба Раиси Бонки миллии Тоҷикистон миннатдорӣ изҳор намуда, зикр кард, ки воқеан оғози раванди таҳияи "Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ" барои Тоҷикистон муҳим ба ҳисоб рафта, дар ин самт истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон ба манфиат хоҳад буд. Номбурда аз сатҳи баланди истифодаи технологияҳои муосири мобилӣ дар Тоҷикистон изҳори хушнудӣ карда, таъкид намуд, ки татбиқи технологияи рақамӣ барои рушди низоми бонкӣ ва баланд бардоштани маърифатнокии молиявии аҳолӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Ҷонибҳо дар поёни мулоқот аз ҳамкориҳои судманди Бонки миллии Тоҷикистон ва Бонки ҷаҳонӣ изҳори қаноатмандӣ намуда, таъкид намуданд, ки минбаъд низ ин ҳамкориҳо идома дода мешаванд.

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ▲ БАРРАСИИ РЕЙТИНГИ СОҲИБИХТИЁРИИ КИШВАР БО АГЕНТИИ "MOODY'S INVESTORS SERVICE"

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев 12 ноябри соли равон дар доираи раванди интишори навбатии рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ноиби калони муовини Президенти Гурӯҳи баҳодиҳии хавфҳои кишварҳои соҳибихтиёри Агентии рейтингии байналмилалии "Moody's Investors Service" Кристиан де Гузман ва Мудири иҷроияи Агентии мазкур Жин Фенг мулоқоти корӣ анҷом дод. Мулоқоти мазкур бо мақсади муайян намудани рейтинги кредитӣ дар Тоҷикистон ва шиносоӣ бо вазъи низоми бонкии кишвар, аз рӯйи нишондиҳандаҳои соли равон доир гардид.

Дар оғози мулоқот Ҷамолиддин Нуралиев оид ба вазъи феълии низоми бонкии ҷумҳурӣ, амалигардонии сиёсати монетарӣ ва нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда, самтҳои гуногуни рушд дар бахши молияи давлатӣ, имкониятҳои мавҷуда барои ҷалби сармоягузорӣ ба кишвар суханронӣ намуда, таъкид дошт, ки новобаста ба таъсири омилҳои беруна Тоҷикистон тавонист тайи солҳои охир устувории макроиқтисодӣ - асоси рушди босуботи иқтисодии кишварро таъмин намояд. Номбурда аз беҳтар гардидани вазъи низоми бонкӣ, аз ҷумла таъмини даромаднокӣ ва беҳтар гардидани сандуқи қарзӣ, коҳиш ёфтани сатҳи қарзҳои ғайрифаъол ва



зиёд шудани ҷалби пасандозҳо ёдовар шуда, қайд кард, ки ин аз эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ дарак медиҳад.

Сипас, намояндагони Агентии мазкур– Кристиан де Гузман ва Жин Фенг оид ба методологияи гузаронидани баҳодиҳӣ ва омилҳои асосии муайянкунии рейтинг, аз ҷумла аз рӯи нишондиҳандаҳои суботи молиявӣ, ӯҳдадориҳои давлатӣ, сиёсати монетарию фискалӣ, татбиқи речаи ҳадафгирии таваррум, ҷой доштани хавфҳои эҳтимолӣ ва ҳолатҳои ғайричашмдошт дар назди ҳозирин муаррифӣ манзур намуданд. Коршиносони Агентии рейтингии байналмилалии "Moody's Investors Service" зикр намуданд, ки аз рӯйи методологияи нав дурнамо барои 12 моҳ пешниҳод карда мешавад ва он дар асоси нишондиҳандаҳои ироакардаи ҷониби Тоҷикистон омода мегардад.

Дар идомаи вохӯрӣ, роҳбарони воҳидҳои сохтории БМТ доир ба суботи молиявӣ, вазъи нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ, идомаи татбиқи ислоҳот дар он, афзоиши пешниҳоди қарзҳо ба иқтисодиёт ва инчунин оид ба гардиши савдои хориҷӣ ва нишондиҳандаҳои алоҳидаи тавозуни пардохт маълумот манзур намуданд.

Дар ҷамъбасти мулоқоти корӣ Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев таъкид дошт, ки натиҷаи баҳодиҳии рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз талаботҳои асосии ворид шудан ба бозорҳои байналмилалии сармоя ба шумор рафта, дар рушди сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бонкҳои сармоягузорӣ ва шарикони рушд нақши мусбат дошта метавонад. Аз ин сабаб, дар раванди таҳияи рейтинги навбатӣ, бояд хусусиятҳои хоси минтақа ва кишвар, афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва саҳми бахшҳои иқтисодиёт дар он, беҳтар гардидани сатҳи даромаднокии низоми бонкӣ, таҳким ва рушди идоракунии захираҳои байналмилалии кишвар, ислоҳоти гузаронидашуда ва нишондиҳандаҳои муҳими дигар ба инобат гирифта шаванд. Ҳамчунин, Ҷамолиддин Нуралиев аз намояндагони Агентии рейтингии байналмилалии "Moody's Investors Service" даъват ба амал овард, ки дар ҷараёни баҳогузорӣ касбияти хешро ба кор бурда, аз рӯйи нишондиҳандаҳои воқеӣ хулосабарорӣ намоянд.

Ёдовар мешавем, ки Агентии рейтингии байналмилалии "Moody's Investors Service" яке аз ширкатҳои бонуфузи байналмилалӣ ба ҳисоб рафта, ба муайян намудани рейтинги қарзии кишварҳои ҷаҳон, таҳқиқот ва таҳлили хавфҳои онҳо машғул аст.

## ▲ ТАҶЛИЛИ САНАДИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ ДАР БМТ

Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон санади муҳим ва асосии миллати тоҷик буда, ҳар сол бахшида ба ин ҷашн дар саросари кишвар ҷаласаҳо ва чорабиниҳои тантанавӣ баргузор мегарданд. Ба ифтихори 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 ноябри соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки мутахассисони бонк чорабинии бошукӯҳ баргузор гардид.

Дар оғоз Давлаҳмад Гадоев, сардори Идораи кормандони Бонки миллӣ аҳли нишастро бо фарорасии ин ҷашн табрик намуда, Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон -ро санади муҳими сарнавиштсоз барои миллати тоҷик арзёбӣ кард ва таъкид дошт, ки он ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандонро новобаста аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ ва вазъи иҷтимоӣ кафолат медиҳад. Номбурда бо такя ба

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи тантанавӣ бахшида ба 25-солагии Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон санади мазкурро намунаи беҳтарини соҳаи қонунгузорӣ унвон кард.

Дар қисмати баъдии чорабинии хотирмон Мирзоҳасан Султонов, сардори шуъбаи тарҷумаи Бонки миллӣ, доктори илмҳои филология, узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан ронда, аз таърихи қабул гардидани Конститутсияи ҶТ ва нақши назарраси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули он андешаҳояшро баён намуд. “Агар ба таърихи миллати тоҷик назар афканем, мебинем, ки гузаштагони мардуми мо ҳамеша ба озодии инсон аҳамияти хоса зоҳир менамуданд. Бинобар ин, 6 ноябри соли 1994 мардуми шарифи мамлакат Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ҳуқуқу озодии инсон ва шаҳрвандро кафолат медиҳад ва рушду такомули давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ҳамчун давлати демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоӣ муайян менамояд, ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул намуд, – гуфт Мирзоҳасан Султонов. Мавсуф ин санадро бахтномаи давлату миллат номида, нақши онро дар таҳкими дастовардҳои истиқлолияти кишвар бузург арзёбӣ намуда иброз дошт, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби созмонҳои байналмилалии ҳимояи ҳуқуқи башар ҳамчун беҳтарин санади қонунгузорӣ этироф гардидааст.

Сардори Шуъбаи ҳуқуқи бонк Беҳзод Расулов оид ба



ҷанбаҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсии Конститутсияи ҶТ андешаронӣ намуда, онро зербинои низоми ҳуқуқӣ номид. Ӯ чун дигар баромадкунандагони чорабинӣ нақши Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун ҳомии Конститутсия ҷумҳурӣ бузург арзёбӣ намуда, аз ҳозирин даъват ба амал овард то ки санади тақдирсози замони соҳибистиқлолӣ, ки тағйирнопазир будани шакли идораи ҷумҳурӣ, тамомияти арзӣ, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёдӣ, дунявӣ ва иҷтимоии давлатро муайян кардааст, барои наслҳои имрӯзу фардои ҷомеа бо тамоми ҳастии худ ҳифз намоянд.

### ▲ БА ҶДММ ТАҚХ “ВАСЛ” ИҶОЗАТНОМА ДОДА ШУД

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2019 таҳти №123 дар асоси моддаи 42-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва моддаҳои 14 ва 21-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Васл” барои анҷом додани амалиёти бонкӣ иҷозатнома дода шуд.

Дар робита ба ин, сабти дахлдор дар Маълумотномаи “Рамзҳои мушаххаси бонкии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ворид карда мешавад.



### ▲ АЗ ДУ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗӢ ЯК БОНКИ НАВ ТАЪСИС ДОДА ШУД

Дар таърихи чанд соли охири низоми бонкии кишвар ин маротибаи аввал аст, ки ду ташкилоти қарзӣ бо ҳам муттаҳид гардида, дар ҳайати як бонки навтаъсис доираи фаъолияташонро васеъ менамоянд.

Вобаста ба ин, бо қарори раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли ҷорӣ таҳти №122 ва мутобиқи моддаҳои дахлдори қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” ба Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи Бонки “Арванд” Иҷозатнома барои анҷом додани амалиёти бонкӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дода шуд.

Бар асоси қарори боло бинобар табдилёбии ҶДММ Ташкилоти амонатии қарзии хурди “Арванд” ба бонк Иҷозатномаи он барои иҷрои амалиёти бонкӣ аз 14 декабри соли 2012 ва иҷозатномаи ҶСП “АксесБонк Тоҷикистон” бинобар азнавташкилдиҳӣ дар шакли ҳамроҳшавӣ ба ҶСП Бонки “Арванд” аз эътибор соқит дониста мешаванд.

Ба ибораи дигар, дар натиҷаи рӯйдоди муҳими бонкӣ ҶСП “АксесБонк Тоҷикистон” ба тариқи ҳамроҳшавӣ ба бонки навтаъсиси зикршуда муттаҳид гардид ва дар соҳаи бонкдории мамлакат боз як бонки нав – ҶСП Бонки “Арванд” ба фаъолият шурӯъ намуд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни супоридани Иҷозатнома ба И.в. Раиси ҶСП Бонки “Арванд”

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

Шоира Содиқова, роҳбари бонки навтаъсис дастур дод, ки дар фаъолияти минбаъдаи худ ба зиёдшавии филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии нав дар шаҳру вилоятҳои кишвар, корбурди технологияҳои замонавӣ, ҳамкорӣ бо бонкҳои хориҷӣ ва истифода аз таҷрибаи онҳо ҳар чи бештар таваҷҷӯҳ зоҳир намояд. Ҳамчунин, номбурда иброз дошт, ки барои амалӣ намудани дастуру супоришҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мавриди ҷалби бонувони болаёқату кордон ва заковатманду забондон ба низоми бонкӣ бо таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҷиҳати тавсеаи рушду нумӯи соҳаи бонкдорӣ ва иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз имкониятҳои мавҷуда истифода барад.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар интиҳои мулоқот ба роҳбари бонки навбунёд дар ҷумҳурӣ барои ба даст овардани комёбиҳои беназир дар соҳаи бонкдорӣ ҷиҳати рушду нумӯи иқтисоди кишвар комёбиҳо таманно намуд.

Қобили қайд аст, ки ҶДММ ТАҚХ "Арванд" ва ҶСП "АксесБонк Тоҷикистон" дар раванди табдилдиҳии ташкилоти амонатии қарзии хурд ба ҶСП Бонки "Арванд" дар шакли ҷамъияти саҳомии пӯшида ва ҳамроҳшавии ҶСП "АксесБонк Тоҷикистон" бо Бонки навтаъсис расмиёти муқарраргардидаро мутобиқи талаботи қонунгузорӣ риоя намуданд.

### ▲ ЮНИСТРИМ И НАЦИОНАЛЬНЫЙ БАНК ТАДЖИКИСТАНА СТАЛИ ПАРТНЁРАМИ



Банк Юнистрим завершил интеграцию с Национальным процессинговым центром по денежным переводам Национального банка Таджикистана. Юнистрим открыл в Нацбанке корреспондентские счета, необходимые для осуществления денежных переводов, согласно изменениям в законодательстве Республики Таджикистан.

- Мы поддерживаем решения финансовых регуляторов всех стран, на территории которых работаем. Статус банка и возможность открытия счёта позволяют нам продолжить работу в Таджикистане, соблюдая все требования законодательства, – комментирует президент системы Юнистрим Кирилл Пальчун. – Мы с большим вниманием относимся к потребностям граждан Таджикистана, проживающих за рубежом, и помогаем им поддерживать связь с близкими благодаря Юнистрим. Наши клиенты высоко ценят надёжность, а мы ценим их доверие.

По статистике Центробанка РФ, поток денежных переводов в Таджикистан – второй по объёму в России. Денежные переводы Юнистрим между Таджикистаном и Россией, СНГ и Европой – востребованная услуга. Граждане республики часто выезжают в другие страны и, поддерживая связь с родными, активно пользуются возможностями онлайн переводов. Таджикистан входит в тройку стран СНГ, лидирующих по объёму переводов через Юнистрим.

- Внедрение Национального процессингового центра по денежным переводам может повысить прозрачность трансграничных денежных переводов, эффективность расчётов между всеми участниками НПЦ и повысить доверие к банковскому сектору в целом, – поясняет первый заместитель председателя Национального банка Таджикистана Джамолиддин Нуралиев. – Кроме того, инновационное решение с использованием единого интерфейса упростит работу банков с различными платёжными системами. Также мы сможем в полной мере соблюдать требования ФАТФ в рамках противодействия легализации средств, полученных преступным путем.

Юнистрим постоянно повышает доступность и удобство переводов в Таджикистан. На территории страны действуют 1100 пунктов обслуживания Юнистрим. Чтобы отправить деньги, клиенты могут обратиться в ближайший офис или использовать мобильное приложение Юнистрим. Переводы осуществляются мгновенно, адресаты получают деньги сразу в национальной валюте – сомони.

### ▲ МУЛОҚОТИ ҶАМШЕД НУРМАҲМАДЗОДА БО ҲАЙАТИ НМКП "МИР"

Дар доираи лоиҳаи ҳамгироии Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" ва НМКП "Мир" 25 октябри соли 2019 раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо муовини Директори Генералии Ҷамъияти саҳомии НМКП "Мир" Сергей Бочкарев ва менеҷери калони лоиҳавии Ҷамъияти саҳҳомии НМКП "Мир" Игор Тростников мулоқот доир намуд.

Дар ҷараёни вохӯрӣ Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода аз ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон бо Низоми миллии кортҳои пластикии "Мир" (Федератсияи Россия) изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз дошт, ки татбиқи лоиҳаи мазкур ба дорандагони кортҳои низомҳои "Корти миллӣ" ва "Мир" имкон медиҳад, то аз шабакаҳои терминалии бонкӣ, ки иштирокчии низоми пардохтии мазкур мебошанд, истифода баранд. Баъди амалӣ гаштани лоиҳаи ҳамгироии Низоми пардохтии "Корти миллӣ" ва НМКП "Мир" имкон фароҳам меояд, ки дорандагони кортҳои пардохтии "Корти миллӣ" аз хизматрасонии бонкҳои Россия ва дорандагони кортҳои пардохтии "Мир" аз хизматрасонии шабакаҳои терминалии бонкҳои Тоҷикистон бархурдор шуда, бо истифода аз имконияти мусоид маблағҳои худро аз як корт ба корти дигар бемамониат интиқол диҳанд. Дар маҷмӯъ, ҳамгироии мазкур дастрасии шаҳрвандони мамлакатро, ки муваққатан дар Россия фаъолият мекунанд, ба теъдоди зиёди хизматрасониҳои бонкӣ осон мегардонад, - изҳор дошт Ҷамшед Нурмаҳмадзода.

Муовини директори генералии НМКП "Мир" Сергей Бочкарев зимни баррасии

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



ҳамкорӣ, аз корҳои дар доираи лоиҳаи мазкур то имрӯз бо ҳамкории БДА ЧТ "Амонатбонк" анҷомдодашуда изҳори қаноатмандӣ намуда, иброз дошт, ки муаррифии Лоиҳаи ҳамгироии Низоми пардохти миллии "Корти миллӣ" ва НМКП "Мир" даҳаи аввали моҳи декабри соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе дар назар аст. Сергей Бочкарев изҳори боварӣ кард, ки корҳои ташкилию расмиёти зарурии Лоиҳаи мазкур то мӯҳлати муқарраршуда ба анҷом расонида хоҳанд шуд.

Дар ҷамъбасти мулоқот, Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода барои тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар доираи лоиҳаи ҳамгирой бо шарикони НМКП "Мир" изҳори ҳавасмандӣ кард.

Бояд гуфт, ки лоиҳаи ҳамгироии низомҳои пардохтии "Корти миллӣ" ва "Мир" дар асоси шартномаи ҳамкорӣ аз моҳи ноябри соли 2018 байни низомҳои пардохтӣ оғоз шуда, аз рӯи нақша татбиқи он моҳи декабри соли равон дар назар аст.

### ▲ ПОСУХ БА МАВОДИ "АЗИЯ-ПЛЮС" ВА РАДИОИ "ОЗОДӢ"

Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба маводи хабаргузории "Азия Плюс", муаллиф Пайрав Чоршанбиев таҳти унвони «В Таджикистане не хватает сомони. Это целенаправленная политика НБТ?" (https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/economic/20190930/v-tadzhikistane-ne-hvataet-somoni-eto-tselenapravlennaya-politika-nbt) ва маводи радиои «Озодӣ» аз 21 сентбяри 2019 таҳти унвони "На рубл медиҳанд, на сомонӣ". Норизоии сокинони Кӯлоб аз кори бонкҳо. (https://www.ozodi.org/a/the-problem-of-cash-money-in-banks-tajikistan/30175153.html) чунин иттилоъ медиҳад:

Ташкилотҳои қарзӣ барои гирифтани пули нақд тибқи муқаррарот дархостҳои худро ба Дастгоҳи марказӣ ва шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон як рӯз қабл аз гирифтани пули нақд пешниҳод менамоянд. Дар Бонки миллии Тоҷикистон бо қабули дархост санҷиши ҳолати бақияи хазинаҳои муомилотии ташкилотҳои қарзӣ ва ба кадом мақсад истифода намудани пули нақди дархостшударо мегузаронанд. Ҳангоми дар хазинаҳои муомилотӣ ва банкоматҳои ташкилотҳои қарзӣ мавҷуд будани маблағҳои калони пули нақд дархости онҳо ба инобат гирифта намешавад.

Ҳолатҳое ҳастанд, ки ташкилотҳои қарзӣ дар суратҳисобҳояшон маблағи зарурӣ надоранд, ки ба суратҳисоби махсус барои гирифтани пули нақд гузаронанд ва бо пули нақд таъмин карда шаванд, ки ин мушкилоти ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

Бонки миллии Тоҷикистон ташкилотҳои қарзии ҷумҳуриро мунтазам бо пули нақд таъмин менамояд. Дар ҳашт моҳи сипаригаштаи соли ҷорӣ аз хазинаҳои Хазинаи марказии Бонки миллии Тоҷикистон ва хазинаҳои шуъбаҳои минтақавии он, ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ ба маблағи зиёда аз 7 миллиард (7 050) сомонӣ бо пули нақд таъмин карда шудаанд. Пули нақд ба ташкилотҳои қарзӣ пеш аз ҳама бо мақсади пардохти музди меҳнат, нафақа, пасандозҳо, лоиҳаҳои қарздиҳӣ, алалхусус қарздиҳӣ ба соҳаи пахтакорӣ равона карда мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон дорои захираҳои кофии пули нақд (пулҳои коғазӣ ва тангаҳои филизӣ) мебошад ва дар самти саривақт бо пули нақд таъмин намудани соҳаҳои гуногуни ҷумҳурӣ ягон мамониат вуҷуд надорад.




### ▲ ТАДЖИКИСТАН ВОШЕЛ В 20 СТРАН РЕФОРМАТОРОВ В РЕЙТИНГЕ DOING BUSINESS – 2020

Таджикистан и еще три государства СНГ вошли в список 20 стран-реформаторов в рейтинге Doing Business – 2020. На сайте Всемирного банка опубликован список 20 стран-реформаторов рейтинга Doing Business – 2020, среди которых находится Таджикистан.

По данным специалистов банка, Таджикистан улучшил свои показатели по трем индикаторам: «Регистрация предприятий», «Доступ к кредитам» (связано с запуском электронного реестра залогового имущества) и «Международная торговля» (за счет принятия мер для ускорения процедур таможенного оформления экспорта скоропортящейся продукции).

В указанный список также внесены еще три государств СНГ – Азербайджан, Кыргызстан и Узбекистан. В 20 рейтинга также вошли Бангладеш, Бахрейн, Джибути, Индия, Иордания, Катар, Кения, Китай, Косово, Кувейт, Мьянма, Нигерия, Пакистан, Саудовская Аравия, Того и Зимбабве.

В ТОП-20 стран-реформаторов Всемирный банк выбирает страны, в которых были проведены реформы, облег-

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

чающие ведение бизнеса в трех или более из 10 областей: регистрация предприятий, налогообложение, обеспечение исполнения контрактов, защита прав миноритарных инвесторов, получение кредитов, подключение к системе электроснабжения, регистрация собственности, разрешение неплатежеспособности, международная торговля, разрешение на строительство.

### ▲ ҶДММ «ТАШКИЛОТИ СУҒУРТАВИИ ЭСХАТА СУҒУРТА» ИҶОЗАТНОМА ГИРИФТ

Бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои марбутаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият" ва Низомнома "Дар бораи хусусиятҳои иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, 24 октябри соли 2019 ба Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ташкилоти суғуртавии Эсхата Суғурта» иҷозатнома дода шуд. Дар асоси қарори мазкур ҶДММ "Ташкилоти суғуртавии Эсхата Суғурта"метавонад ба мўҳлати 5 сол аз рўи намудҳои муайян фаъолияти суғуртавиро анҷом диҳад.

Идораи назорати суғуртавӣ уҳдадор шудааст, ки дар Феҳристи ягонаи давлатии иштирокчиёни касбии бозори суғурта сабти дахлдорро ворид созад.

### ▲ ВОКУНИШ БА МАВОДИ РАДИОИ ОЗОДӢ: "ЭЪТИРОЗИ РӮЗНОМАНИГОРОН АЗ ФЕҲРИСТИ БОНКИ МИЛЛӢ"

Бонки миллии Тоҷикистон дар робита ба маводи Радиои Озодӣ - "Эътирози рўзноманигорон аз феҳристи Бонки миллӣ", ки санаи 29 октябри соли 2019 дар сомонаи ин нашрия (https://www.ozodi.org/a/30241598.html) интишор шудааст, чунин иттилоъ медиҳад:

- Бонки миллии Тоҷикистон тибқи талаботи банди 3-и "Тартиби гузаронидани чорабиниҳо оид ба манъ ва бекор кардани манъи воситаҳои молиявӣ ё дигар молу мулки шахсони воқеӣ ва ташкилотҳое, ки ба рўйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дохил карда шудаанд"[1] (минбаъд Тартиб), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 марти соли 2019, №129 тасдиқ шудааст, ҳамчун мақоми ваколатдор дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, рўйхати шахсони бо терроризм алоқамандро дар сомонаи расмии худ ҷойгир менамояд.

Бояд зикр кард, ки рўйхати шахсони бо терроризм алоқаманд аз ҷониби мақоми ваколатдори субъекти асосии бевосита бар зидди терроризм мубориза баранда муайян гардида, баъдан мутобиқи Тартиб таҳия гардида ба Бонки миллии Тоҷикистон танҳо барои дар сомона ҷойгир намудан пешниҳод карда мешавад ва тартиб додани рўйхати шахсони бо терроризм алоқаманд дар салоҳияти Бонки миллии Тоҷикистон нест.

Бояд қайд намуд, ки дар бандҳои 9, 23, 24 ва 25-и Тартиб асосҳо барои ба рўйхати миллӣ дохил кардан ва хориҷ намудан аз он оварда шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки Тартиб мутобиқи талаботҳои Қатъномаҳои Шўрои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид (ША СММ), Гурўҳи тадбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ), қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мубориза бар зидди терроризм" ва "Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом" ба роҳ монда шудааст.

### ▲ МИЗИ МУДАВВАР ОИД БА МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМИ СОҲАИ ҲҲИХМ БАРГУЗОР ГАРДИД

Дар маҷлисгоҳи Бонки миллии Тоҷикистон 31 октябри соли равон бо мақсади баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии молиявии мардум ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ ва бо ин восита зиёд кардани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкии кишвар мизи мудаввар оид ба масъалаҳои марбут ба механизми танзимкунандаи соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар он намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон, Бонки ҷаҳонӣ, Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ (IFC) ва намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар фаъолона ширкат ва оид ба паҳлуҳои ин масъала муколама намуданд.

Рукмина Сафарова, сардори Идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистон зимни ифтитоҳи мизи мудаввар ҳадафи баргузории онро афзоиши боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ, баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии мардум ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ арзёбӣ намуд.

Номбурда дар хусуси механизми танзимкунандаи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иштирокдорони мизи мудаввар маълумот дода, таъкид намуд, ки таҳкими механизми ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми бонкӣ барои афзоиши дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои низоми бонкӣ, баланд бардоштани маърифатнокии молиявии мардум ва зиёд намудани боварии аҳолӣ ба низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

Иштирокдорони муколама бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии таҳияшаванда дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, аз он ҷумла, бо дастурамали Бонки миллии Тоҷикистон "Дар бораи тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ ва

ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

тартиби ифшои маълумот ба муштариёни ташкилотҳои қарзӣ" ошно гардиданд.
Дар ҷараёни мулоқот намояндаи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ Зарина Одинаева, мутахассисони Бонки ҷаҳонӣ Моника Арутюнян ва Севак Микаелян дар бораи таҷрибаи кишварҳои дигар дар самти роҳандозии механизми танзимкунандаи соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта дар назди аҳли нишаст баромад намуданд.
Дар поёни чорабинӣ намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар ба саволҳои хеш посух гирифта, андешаҳо ва пешниҳодоти худро барои беҳтар кардани механизми танзимкунандаи соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ баён карданд.

### ▲ "ТАРТИБИ ИНТИҚОЛИ ФАРОМАРЗИИ МАБЛАҒҲО ВА ФАЪОЛИЯТИ НИЗОМҲОИ ПАРДОХТИИ АНҶОМДИҲАНДАИ ЧУНИН ИНТИҚОЛҲО ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН" БА ҚАЙД ГИРИФТА ШУД

"Тартиби интиқоли фаромарзии маблағҳо ва фаъолияти низомҳои пардохтии анҷомдиҳандаи чунин интиқолҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 27 сентябри соли 2019 таҳти №117 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 ноябри соли 2019, таҳти №992 ба қайд гирифта шуд.
Дар асоси қарори мазкур, 18 ноябри соли равон Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳо дар назди Бонки миллии Тоҷикистон ба таври пилотӣ бомуваффақона бо ташкилотҳои қарзӣ фаъолияти худро оғоз намуд.
Қобили қайд аст, ки мақсади асосии таъсиси Маркази миллии протсессингӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми интиқоли маблағҳо, таъмин намудани шаффофияти амалиётҳо ва коҳиш додани хавфҳои транзаксионӣ ҷиҳати таъмин намудани устувории низоми бонкию молиявӣ дар кишвар ва ба амал овардани заминаи мусоид барои амалиётҳои бехавф мебошад.
Тартиби мазкур дар рӯзномаи "Ҷумҳурият" 20 ноябри соли 2019, № 218 (23821) нашр шуда, матни пурраи он дар шакли электронӣ бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ҷойгир карда шудааст.

### ▲ ПАРЧАМИ МО – ИФТИХОРИ МО

Бахшида ба 27 солагии Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 ноябри соли равон дар Бонки миллии Тоҷикистон бо иштироки Муовини Раиси Бонки миллӣ Лола Салимова, мудири Шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Ҷумахон Ҷурахонзода, сардорони идораву шуъбаҳо ва кормандони бонк чорабинии бошукӯҳ баргузор гардид.
Дар оғози ҷаласа Лола Салимова қайд кард, ки ҳанӯз 27 сол муқаддам, 24 ноябри соли 1992 бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Иҷлосияи XVI Парчами нави Тоҷикистони соҳибистиқлол қабул гардид. "Парчами зебои мо нишон аз соҳибихтёрӣ, соҳибдавлатии мост. Дар қатори дигар рамзҳои давлатӣ парчам низ мақом ва ҷойгоҳи худро дорад. Мо халқи тоҷик бояд бо ҳамаи рамзҳои миллии худ ифтихор намоем, ҳам дар хориҷ ва ҳам дар дохили кишвар ба онҳо арҷ гузорем." – илова намуд Лола Салимова.
Дар идомаи ҷашнвора Сардори Идораи кормандон Давлаҳмад Гадоев изҳор дошт, ки "Парчами миллии мо ифодагари иттиҳоду сарҷамъӣ, ватанпарварӣ, ватандӯстӣ ва ҳувияти миллии мардуми фарҳангии мо мебошад. Ҳанӯз аз замонҳои пеш мардуми тамаддунофари мо соҳиби парчами худ буд, ки аз он бо номи "Дирафши Ковиёнӣ" ёд менамоянд. Гуфтан ба маврид аст, ки парчами навини Тоҷикистони ҳуқуқбунёд низ дар заминаи парчами пешин, яъне, "Дирафши Ковиёнӣ" омода шудааст."
Мудири Шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Исмоили Сомонии шаҳри Душанбе Ҷумахон Ҷурахонзода дар баробари дигарон вобаста ба парчам ва аҳамияти он суханронӣ намуд. "Парчами давлатии мо нишони таърихи чандҳазорсолаи мо мебошад, ки дар баробари дигар рамзҳои давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мо муқаддас ба ҳисоб меравад. Маҳз бо кӯшишу талоши Пешвои муаззами мо, Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мо муяссар гардид, ки ҳар сол 24 ноябр Рӯзи Парчами миллиро ҷашн гирем.
Дар чорабинии мазкур котиби Раёсат Гулнора Саломова, сардори Шуъбаи тарҷума Мирзоҳасан Султонов, мутахассиси дараҷаи 2-и Шуъбаи ҳуқуқи БМТ Муҳаммадалӣ Имомов ва дигарон дар робита ба ҷашни Рӯзи Парчами давлатӣ андешаҳои худро баён намуданд.
Дар хотимаи ҷаласаи ҷашнӣ ба муносибати Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор кормандони фаъоли Бонки миллии Тоҷикистон, ки ба узвияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон шомил шуданд, тантанавор шаҳодатномаи ҳизбӣ супорида шуд.

**Ин бахш аз маводи хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ, маҷаллаи "БТҶ" таҳия шудааст.**

# ИМРӮЗ МУШТАРИЁН ҲУҚУҚУ МАНФИАТҲОИ ХУДРО ХУБТАР МЕДОНАНД ВА ТАЛАБОТ БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БЕҲТАР ДОРАНД



**Сироҷиддин Икромӣ,** Раиси Раёсати БДА ЧТ "Амонатбонк"

Ягона нашрияи бонкии ҷумҳурӣ маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" соли дуюм аст, ки ҷиҳати шинос кардани доираи васеъи хонандагони дохилӣ ва хориҷӣ бо вазъи молиявии ташкилотҳои қарзии кишвар рубрикаи "Мусоҳибаи муҳим"-ро роҳандозӣ намудааст, ки дар он суҳбатҳои ҷолибу судманд бо роҳбарияти бонкҳо ба табъ мерасанд. Инак, дар ин шумора хабарнигорони маҷалла оид ба иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар дода шудаанд, дар бораи вазъи молиявӣ, мушкилоту дастовардҳо, роҳҳои расидан ба нишондиҳандаҳои иқтисодии мусбат дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ, дар бораи андозаи фоизи қарзҳо, нақшаҳои корӣ ва дигар паҳлуҳои фаъолият дар низоми бонкӣ бо Раиси Раёсати БДА ЧТ "Амонатбонк" Сироҷиддин Икромӣ мусоҳиба анҷом доданд ва бо арзи эҳтиром онро манзури хонандагони гиромӣ мегардонанд.

»

Амонатбонк бо мақсади саҳмгузорӣ дар ғанӣ гардидани Буҷети давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ аз рӯи фаъолияти худ 64,8 млн. сомонӣ андозу пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлат пардохт намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 22,3 млн. сомонӣ ва ё 52,3% зиёд мебошад.

**– Муҳтарам Сироҷиддин Салом, чун суҳбати мо дар остонаи соли нав нашр мешавад, лутфан бигӯед, ки соли 2019 барои БДА ЧТ "Амонатбонк" чӣ гуна сол буд ва кадом нишондиҳандаҳои назаррасро метавонед ёдовар шавед?**

— Амонатбонк фаъолияти худро дар 10 моҳи соли 2019 дар асоси дастуру супоришҳои Паёми солонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тадбирҳои иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019»», «Дар бораи натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019», «Дар бораи Нақшаи кори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нимсолаи дуюми соли 2019» ва «Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар мулоқот бо кормандони мақомоти молия, андоз, гумрук, сармоягузорӣ ва бонкҳо 10 майи соли 2019 баён доштанд» ба роҳ мондааст.

Татбиқи саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳадафҳои гузоштаи Бонк имкон доданд, ки дар маҷмӯъ рушди босуботи соҳа нигоҳ дошта шуда, иҷрои нишондиҳандаҳои асосӣ дар 10 моҳи соли 2019 тибқи ҳадафҳои афзалиятнок таъмин гарданд.

Ин аст, ки ба санаи 31 октябри соли 2019 сатҳи пардохтпазирии Бонк ҳамчун нишондиҳандаи асосии фаъолият муътадил нигоҳ дошта шуда, то ба имрӯз Бонк тамоми уҳдадориҳои худро дар назди амонатгузорон ва шарикони рушди дохилию хориҷӣ сари вақт иҷро намуда истодааст.

Дороиҳои Бонк дар ин давра маблағи 4,2 млрд. сомонӣ ва уҳдадориҳои Бонк 3,8 млрд. сомониро ташкил намуданд. Сармояи Бонк бошад, 8% афзоиш ёфта, ба 424,8 млн. сомонӣ баробар шудааст. Даромади софи Бонк дар ин муддат 38 млн. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 16,5% зиёд мебошад.

Амонатбонк бо мақсади саҳмгузорӣ дар ғанӣ гардидани Буҷети давлатӣ дар давраи ҳисоботӣ аз рӯи фаъолияти худ 64,8 млн. сомонӣ андозу пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлат пардохт намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 22,3 млн. сомонӣ ва ё 52,3% зиёд мебошад.

Ҳамчунин, дар ин давра, тавассути шабакаҳои Бонк маблағҳои андозу пардохтҳои ҳатмӣ қабул ва ба ҳисобҳои дахлдор интиқол дода шуданд.

Барои мисол, ба санаи 31 октябри соли 2019 ба суратҳисобҳои транзитии буҷети давлатӣ андозу пардохтҳои ҳатмӣ дар ҳаҷми 2 180,2 млн. сомонӣ ва маблағҳои суғуртаи иҷтимоӣ дар ҳаҷми 2 220,1 млн. сомонӣ ворид шуда, ба суратҳисобҳои марбута сари вақт гузаронида шуданд.

**— БДА ҶТ “Амонатбонк” қаблан ҷиҳати иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки зимни суханронӣ дар вохӯрӣ бо кормандони соҳаҳои молия, андоз, гумрук ва бонкдории кишвар дода шудаанд, барномаи вижаеро таҳти унвони “Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонк барои соли 2019” тасдиқ намуда, барои амалӣ кардани он пардохта буд. Имрӯз гуфта метавонем, ки ин барнома натиҷаҳои дилхоҳ ба бор овардааст?**

— Тавре маълум аст, имрӯзҳо дар иқтисодиёти кишвар рақобати шадиди байнибонкӣ дида мешавад. Аз ин лиҳоз, бо мақсади тобовар шудан дар рақобати байнибонкӣ ва расидан ба ҳадафҳои гузошташуда, дар Амонатбонк Барономаи “Самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонк барои соли 2019” таҳия ва тасдиқ гардида, иҷроиши он таҳти назорати қатъӣ қарор дорад.

Бояд қайд намуд, ки Самтҳои афзалиятноки Бонк аз 8 банд иборат буда, дар он зиёд намудани ҳаҷми сандуқи қарзӣ, беҳтар намудани ҳолати сифати он, ба андозаи назаррас зиёд кардани ҳаҷми интиқоли маблағҳо, кам намудани хароҷоти дуюмдараҷаи Бонк, такмили сиёсати кадрӣ, бозорёбӣ (маркетинг), рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва хизматрасониҳои фосилавӣ ва идоракунии хавфҳои

бонкӣ пешбинӣ гардидаанд. Натиҷаҳои фаъолияти Бонк аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар маҷмӯъ ҳадафҳои гузошташуда давра ба давра дар амал татбиқ гардида истодаанд ва умед аст, ки иҷрои ин ҳадафҳо Бонкро ба сӯиояндаи дурахшон мебарад.

## ● САТҲИ КОРДОНӢ, КАСБИЯТ ВА МАСЪУЛИЯТШИНОСИИ КОРМАНДОН АСОСИ ПЕШРАФТИ ҲАР ЯК СОҲА МЕБОШАД

**— Маълум аст, ки дар фаъолияти ҳама гуна ташкилоту ширкатҳои хурду бузург кормандони боистеъдоду бомаҳорат нақши асосӣ ва ҳалкунандаро мебозанд. Айни замон дар БДА ЧТ “Амонатбонк”, ки бонки низомсоз ба шумор меравад, масъалаи кадрҳо, омода кардани онҳо ва дар маҷмуъ нақши мутахассисон дар рушду нумӯи Бонк дар кадом сатҳ қарор дорад?**

— Асоси пешрафти ҳар як соҳа аз сатҳи кордонӣ, касбият ва масъулиятшиносии кормандони он вобаста аст. Маҳз ба ҳамин хотир кормандонро сармояи зеҳнӣ меноманд.

Бонк нисбати такмил додани тахассуси кормандон ва дар ин замина ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо ва бартарафсозии хавфҳои идоракунӣ, тарбияи мутахассисони ҷавон ва таҷрибаомӯзии онҳо дар давлатҳои пешрафта, диққати ҷиддӣ дода, ба таври мунтазам чораҷӯӣ намуда истодааст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки забономӯзӣ дар баробари доштани сатҳи касбият имрӯзҳо

> Дар қадами аввал ба хотири дастрасии ҳамаҷонибаи мизоҷону сайёҳон ба хизматрасониҳои бонкӣ, 150-адад ё 27%-и марказҳои хизматрасонии бонкӣ ба шафати роҳҳои байналмилалӣ, дохили марказҳои савдову бозорҳо ва ҷойҳои сераҳолӣ кӯчонида шуданд.

тақозои замон аст. Дар Бонк нисбати масъалаи забономӯзии кормандон диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бонк бо муассисаи хусусии “Маркази забонҳои хориҷӣ” ҳамкориро ба роҳ монда, кормандони Бонк давра ба давра ба омӯзиши забонҳои хориҷӣ фаро гирифта шудаанд.

Дар давраи ҳисоботӣ 109 нафар кормандони Бонк дар курсҳои тахассусӣ, тренингу семинарҳои марказҳои гуногуни таълимии шаҳри Душанбе ва хориҷи кишвар таҷрибаомӯзӣ намуданд.

Ҳамчунин, дар дастгоҳи марказӣ ва филиалҳои Амонатбонк семинару машваратҳо дар мавзӯъҳои гуногуни бонкӣ баргузор гардиданд, ки дар онҳо 1 477 ҳазор нафар кормандони Бонк иштирок намуданд.

Дар баробари ин, дар доираи Созишномаи ҳамкорӣ байни Амонатбонк ва Бонки давлатии рушди Хитой, ҳоло 5 нафар мутахассисони Бонк дар донишгоҳҳои Ҷумҳурии мардумии Хитой таҳсил карда истодаанд.

Ҷиҳати самаранок ва дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани фаъолияти қарздиҳӣ, барномаи бозомӯзии мутахассисони қарзии Бонк таҳия гардид, ки дар доираи он 141 нафар мутахассисони филиалҳои Амонатбонк фаро гирифта шуда, баъди бозомӯзӣ соҳиби шаҳодатнома гардиданд.

Илова бар ин, бо мақсади ҷалби мутахассисони соҳибтаҷриба ва ҷавонони болаёқат ба кор, бахусус аз ҳисоби занон дар Бонк мунтазам озмунҳо гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, дар 10 моҳи соли ҷорӣ тавассути озмун 201 нафар дар Бонк ба кор қабул карда шуданд, ки 120 нафари онҳоро бонувон ташкил медиҳад.

Тавре қайд намудем, бурду бохти ҳар як соҳа аз сатҳи кордонӣ ва мутахассисони ҳирфаӣ доштани он вобастагӣ дорад. Роҳбарияти Бонк дар фаъолияти минбаъда ҳам, ба ин самт таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

**— Яке аз мушкилоте, ки чандест бархе аз ташкилотҳои қарзии ҷумҳуриро фаро гирифтааст, масъалаи мавҷуд ва ё зиёд шудани қарзҳои ғайрифаъол мебошад. Дар БДА ЧТ “Амонатбонк” ҳам оё ин масъала вуҷуд дорад ва агар мавҷуд бошад, Шумо онро чӣ гуна ҳал менамоед?**

— Дар ҳақиқат, дар фаъолияти Амонатбонк мисли дигар бонкҳои ҷумҳурӣ, вобаста ба паст шудани сатҳи пардохтпази-

рии муштариён ва ё мақсаднок истифода нашудани маблағҳои қарзии пешниҳодгардида мушкилиҳои қарзӣ ҷой доранд.

Дар иртибот ба ин, яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва ниҳоят муҳим дар назди Бонк, ин беҳтар намудани сифати сандуқи қарзӣ мебошад. Роҳбарияти Бонк барои расидан ба ин ҳадаф аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода намуда истодааст.

Аз ҷумла, дар Бонк ҳамарӯза ситод оид ба баргардонидани қарзҳои таъхирафтода фаъолият менамояд. Сарпарастони филиалҳои Бонк, ки аз ҳисоби сардорони воҳидҳои сохторӣ таъин карда шуданд, бо филиалҳо дар ин самт мунтазам кор мебаранд ва ҳамзамон як гурӯҳи кормандони дастгоҳи марказии Бонк ҷиҳати расонидани кумак барои ҳалли мушкилоти қарзӣ ба тамоми филиалҳои Бонк дар шаҳру навоҳии кишвар сафарбар гардиданд.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда, дар 10 моҳи соли 2019 маблағи 190,2 млн. сомонӣ қарзҳои батаъхирафтода ва фоизҳои ҳисобшудаи онҳо баргардонида шуданд.

Бо мақсади ба таври қатъӣ риоя гардидани шартҳои қарздиҳӣ ва пурзӯр кардани низоми баҳогузории хавфҳои қарзӣ, ба Низомномаи қарзии Бонк тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки дар он ба тартиби вазифаҳои асосии Кумитаҳои қарзии филиалҳо нисбати гузаронидани таҳлили қобилияти қарзадокунии қарзгир таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шудааст.

Инчунин, ҷиҳати гузаронидани таҳлили дақиқи молиявии муштариён чораҳои зарурӣ андешида шуда, тибқи нақша ҳар моҳ пас аз пешниҳоди қарз, аз тарафи мутахассисони дахлдори Бонк санҷиши мақсадноки истифодабарии қарзҳо гузаронида мешавад.

## • ДАСТРАСИИ ҲАМАҶОНИБАИ МИЗОҶОНУ САЙЁҲОН БА ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БОНКӢ МУҲИМ ВА ЗАРУР АСТ

**— Тавре маълум аст, БДА ҶТ “Амонатбонк” яке аз бонкҳои қадимтарин ва ягона бонки давлатии Тоҷикистон аст, ки дар замонҳои гуногун ба мардуми кишвар хизматрасониҳои бонкиро пешниҳод намудааст ва фаъолияти худро вобаста ба замона мутобиқ кардааст. Ба назари Шумо, фаъолияти феълии Бонк ба талаботи замони муосир мутобиқ аст?**

— Бале, БДА ҶТ “Амонатбонк” яке аз бонкҳои қадимтарини кишвар буда, таърихи фаъолияташ аз соли 1885 ибтидо мегирад. Албатта, тӯли ин солҳо фаъолияти худро вобаста ба замона мутобиқ намуда истодааст, бахусус ба замони муосир, ки талабот ба хизматрасониҳои бонкӣ хело зиёд аст ва техникаю технология босуръат рушд дорад.

Имрӯз 75 филиал ва 546 марказҳои хизматрасонии бонкии Амонатбонк, ки дар онҳо зиёда аз 2 700 нафар кормандон фаъолият доранд, бо техникаю технологияи муосир ва шароити хуби кору хизматрасонӣ таъмин мебошанд.

Қобили қайд аст, ки яке аз ҳадафҳои асосии Бонк вобаста ба самтҳои афзалиятноки муайнкардашуда барои соли ҷорӣ, ин муҳайё намудани шароити мусоиди кору хизматрасонӣ мебошад.

Дар қадами аввал ба хотири дастрасии ҳамаҷонибаи мизоҷону сайёҳон ба хизматрасониҳои бонкӣ, 150-адад ё 27%-и марказҳои хизматрасонии бонкӣ ба шафати роҳҳои байналмилалӣ, дохили марказҳои савдову бозорҳо ва ҷойҳои сераҳолӣ кӯчонида шуданд.

Дар баробари ин, фаъолияти 11 адад хазинаҳои шабонарӯзии дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Исфара, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Хоруғ, ки 24 соат ба аҳолӣ ва сайёҳон хизматрасониҳои гуногуни бонкиро пешниҳод намуда истодаанд, пурзӯр карда шуд.

Аз моҳи декабри соли 2009 инҷониб бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини шаффофият ва дастрасии осони пардохти нафақаи нафақагирони ҷумҳурӣ, дар Бонк хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ба роҳ монда шуда, то имрӯз тамоми нафақагирони ҷумҳурӣ ба ин хизматрасонӣ фаро гирифта шуданд. Интишор ва дастраснамоии кортҳои нафақавӣ, инчунин хизматрасонии СМС-паёмак ба нафақагирон дар Бонк ба таври ройгон роҳандозӣ шудааст.

Бо дастгирии бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Маркази протсессингии низоми пардохт аз Бонки миллии

Тоҷикистон ба тавозуни Амонатбонк гузаронида шуд ва тамоми ташкилотҳои қарзӣ ба воситаи ин марказ дар доираи кортҳои пардохтии миллӣ хизматрасонӣ карда мешаванд.

Барои тақвият бахшидан ба рушди хизматрасониҳои фосилавӣ аз моҳи марти соли 2018 дар Бонк хизматрасонии интернет-бонк ва мобайлбонк ҷорӣ карда шудааст, ки тавассути он пардохти ғайринақдии ҳаққи истифодаи қувваи барқ, об, шабакаи интернет ва дигар пардохтҳо амалӣ мегардад. Пардохтҳои мазкур, тариқи телефонҳои мобилӣ низ ба роҳ монда шудааст.

Дар баробари ин, Бонк дар якҷоягӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабули маблағҳои андозро тариқи интернет-эквайринг дар сомонаи Кумитаи андоз ба роҳ мондааст.

Дар самти ҷорӣ намудани технологияи қабули андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ аз аҳолӣ, дар ҳамбастагӣ бо мутахассисони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, то имрӯз 235 нуқтаи қабул дар марказҳои хизматрасонии филиалҳои Амонатбонк дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо истифода аз барномаи “Қабули пардохтҳо” фаъолият намуда истоданд.

Илова бар ин, бо мақсади таъмини шаффофият дар самти қабул ва интиқоли маблағҳои коммуналӣ ва ҳамзамон огаҳ шудани муштарӣ аз ҳолати қарздорӣ ва пардохти маблағҳо, то имрӯз ба барномаи “Қабули маблағҳои коммуналӣ” 466 адад марказҳои хизматрасонии бонкӣ пайваст карда шудаанд.

Раванди мутобиқнамоии фаъолияти Бонк ба талаботҳои замони муосир минбаъд ҳам, яке аз ҳадафҳои асосии Бонк боқӣ мемонад.

**— Лутфан дар бораи андозаи фоизи қарзҳое, ки БДА ҶТ “Амонатбонк” ба муштариён пешниҳод менамояд, чанд сухан гӯед. Ва барои паст намудани фоизи қарзҳо дар Бонк чӣ гуна иқдом пеш гирифта шудааст?**

— Дар иртибот ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат, Амонатбонк дар самти зиёд намудани ҳаҷми қарзҳо ба соҳибкории истеҳсолӣ, бахусус ба соҳаҳои истеҳсоли маҳсулоти ивазкунандаи воридот ва ба содирот нигаронидашуда, рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, паст намудани фоизи миёнавазни қарзҳо, фароҳам овардани шароити мусоид барои дастрасии аҳолӣ ва соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ, инчунин пешниҳоди қарзҳои хурд, махсусан ба ноҳияҳои дурдасти кишвар чораҳои зарурӣ андешида истодааст.

Бо мақсади саҳмгузорӣ дар рушди соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ меъёри фоизи қарзҳои ба ин самтҳо пешниҳодшаванда 2 банди фоизӣ пасттар карда шуда, аз 20% ба 18%-и солона расонида шуд.

Илова бар ин, ҷиҳати дастгирии соҳибкорони ватанӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, меъёри фоизи қарзҳои аз ҳисоби Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ӯзбекистон ҷалбшаванда 8-9 фоизи солона муқаррар гардид, ки нисбат ба фоизҳои қаблан амалкунанда 1-2 банди фоизӣ пасттар мебошад.

Ҳамзамон, бо мақсади дастгирии муштариён, бахусус саҳмгузорӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна дар кишвар, ҳаҷми қарзҳои хурди судманд, ки қаблан дар доираи то 5 ҳазор сомонӣ бе гарав таҳти замонати шахси сеюм дода мешуданд, то 10 000 сомонӣ муқаррар карда шуд.

Дар баробари ин, пешниҳоди қарзҳои изофабардошт (овердрафтӣ) тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти Бонк қарор дода шуда, тартиби пешниҳоди он содда ва мӯҳлати истифодаи он то 60 рӯз дароз карда шуд. Меъёри истифодабарии он низ, 2 банди фоизӣ паст карда шуд.

Маврид ба зикр аст, ки ин намуди қарз барои дорандагони кортҳои пардохтии Амонатбонк, бахусус кормандони ташкилотҳои буҷетӣ, ки дар доираи лоиҳаи “Музди меҳнат” дар Амонатбонк хизматрасонӣ карда мешаванд, хело қулай ва дастрас мебошад. Онҳо метавонанд, ки бо ба расмият даровардани шартномаи ҳамкорӣ дар як сол як маротиба, тамоми 12 моҳ бемамонията вобаста ба зарурат аз қарзҳои мазкур тавассути корти бонкии

худ истифода баранд.

Дар мавриди пешниҳоди қарзҳо метавон гуфт, ки дар марҳилаи кунунӣ дар бонки мо ба муштариён дар доираи аз 18 то 24 фоизи солона бо пули миллӣ ва аз 10 то 14 фоизи солона бо асъори хориҷӣ муайян карда шудааст.

Дар баробари ин, ба муштариёни Бонк имконият дода мешавад, ки маблағи қарзро дар доираи талаботи муқарраргардида истифода намуда, пардохти онро бо усули қисм ба қисм (ануитет) анҷом диҳад.

Дар натиҷаи амалӣ гаштани иқдомҳои мазкур, Бонк дар 10 моҳи соли 2019 аз ҳисоби захираҳои дохилию хориҷӣ ба зиёда аз 33 ҳазор муштарӣ 394,8 млн. сомонӣ маблағҳои қарзӣ пешниҳод намудааст, ки ин нишондиҳанда нисбати ҳамин давраи соли гузашта 37,5% афзудааст.

## • ТЕЪДОДИ ПАСАНДОЗГУЗОРОН ДАР БОНК БА 1,7 МЛН. НАФАР БАРОБАР ШУД

**— Масъалаи дигари барои тамоми ташкилотҳои қарзӣ муҳим ва зарур – ҷалби пасандоз ва амонатҳои мардум дар кадом сатҳ қарор дорад? Дар робита ба ин, оё Бонк барои ҳамчун пасандоз ҷалб кардани маблағҳои интиқолии муҳоҷирони меҳнатӣ кор мебарад?**

— Хушбахтона, новобаста ба ҳама омилҳои таъсиррасон, ҳатто дар давраи таъсири шадиди бухрони молиявии ҷаҳонӣ ва баъд аз он, то ба имрӯз дар ин самти фаъолияти Амонатбонк ягон мушкилӣ вуҷуд надорад. Бонк тамоми ӯҳдадориҳояшро дар назди амонатгузорон саривақт ва бемамоният иҷро намуда истодааст.

> Илова бар ин, ҷиҳати дастгирии соҳибкорони ватанӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, меъёри фоизи қарзҳои аз ҳисоби Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ӯзбекистон ҷалбшаванда 8-9 фоизи солона муқаррар гардид, ки нисбат ба фоизҳои қаблан амалкунанда 1-2 банди фоизӣ пасттар мебошад.

Бояд гуфт, ки сатҳи баланди пардохтпазирӣ ва кафолати давлатии пасандозҳои Амонатбонк имкон доданд, ки шумораи пасандозгузорон дар Бонк ба 1,7 млн. нафар расонида шавад ва дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 ба 137 ҳазор нафар зиёд гардад.

Дар натиҷа, бақияи амонату пасандозҳои шахсони ҳуқуқию воқеӣ дар Амонатбонк ба санаи 31 октябри соли 2019 маблағи 3,3 млрд. сомониро ташкил дода, Бонк аз рӯи ин нишондиҳанда дар низоми бонкии кишвар яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол намудааст.

Аз он ҷумла, бақияи пасандозҳои аҳолӣ ба 1,4 млрд. сомонӣ расонида шудааст, ки 41%-и ҳаҷми умумии амонату пасандозҳоро ташкил медиҳад. Бақияи пасандозҳои мӯҳлатнок бошад, 936,2 млн. сомониро ташкил намуд, ки назар ба аввали сол 29,2 млн.сомонӣ зиёд мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Бонк бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ба пасандоз ҷалб намудани маблағҳои интиқолии ба ҷумҳурӣ воридшаванда, пасандози мӯҳлатноки “Ҳамватани берунмарзӣ” ташкил карда шудааст.

Фоизҳои ба аҳолӣ пардохташуда бошад, дар ин давра 76,8 млн. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 ба андозаи 3,4% зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда, бешубҳа, ба сатҳи даромади аҳолӣ ва ҳамзамон баланд гардидани сатҳи некӯаҳволии онҳо мусоидат намуда истодааст.

**— Дар Бонки мардумӣ имрӯз барои ҷалби ҳарчи бештари сармояи хориҷӣ кадом корҳоро анҷом дода истодаанд?**

— Бояд қайд намуд, ки Амонатбонк фаъолияти худро дар самти ҷалби ҳарчи бештари сармоягузорӣ ба иқтисодиёти кишвар ва дар ин замина пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ вусъат бахшида, аз оғози ҷалби сармоягузориҳо 64 млн. доллари ИМА ҷалб намудааст, ки бо истифодаи маблағҳои қарзӣ дар 51 шаҳру ноҳияи кишвар 79 лоиҳаи сармоягузорӣ барои рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти мамлакат амалӣ шуда истодааст.

Ба ҳолати имрӯза бақияи маблағҳои ҷалбшуда дар истифодаи 42 нафар соҳибкорон ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар 23 шаҳру ноҳияҳои кишвар қарор доранд.

Инчунин, Амонатбонк аз ҳисоби хатти қарзии бо Бонки миллии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар самти маблағгузории савдо дар ҳаҷми 33 млн. доллари ИМА кушодашуда, ба 5 ширкати ватанӣ дар ҳаҷми 1,1 млн. доллари ИМА барои ворид намудани молу маҳсулот аз Ҷумҳурии Ӯзбекистон, қарзи бонкӣ пешниҳод намудааст.

Илова бар ин, Бонк дар БСТ «Узпромстройбанк»-и ин кишвар суратҳисобҳои муросилотӣ кушод ва Созишномаи қарзиро дар ҳаҷми 10 млн. доллари ИМА ба имзо расонид. Лоиҳаи Созишномаи қарзӣ бо Бонки давлатии рушди Хитой дар ҳаҷми 60 млн. юани хитоӣ ва 10 млн. доллари ИМА низ, дар рӯзҳои наздик ба имзо хоҳад расид.

**– Дар замони муосир рақобати солим байни ташкилотҳои қарзӣ нақши асосӣ ва муҳимро иҷро менамояд. Барои баргардонидани эътимоди то андозае коҳишёфтаи мардум ба ташкилотҳои карзӣ, боз ҳам беҳтар, ҷолибу рақобатпазир намудани сифати хизматрасониҳо ба муштариён дар сохторҳои Бонк чӣ навгониҳо ва тадбирҳо амалӣ мегарданд?**

– Ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии бонкӣ, беҳтар намудани этикаи корӣ ва муоширати кормандон бо муштариён, аз ҷониби Бонк як қатор корҳо анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, аз ҷониби кормандони мутасаддии дастгоҳи марказӣ ба кормандони филиалҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои тобеи марказ ҷиҳати риояи талаботҳои “Роҳнамои корманди маркази хизматрасонии бонкии БДА ҶТ “Амонатбонк””, ки дар он риояи интизоми меҳнат, масъулияти корӣ, муроҷиат ва муоширати боодобона бо муштариён ба таври возеҳу равшан роҳнамоӣ шудааст, семинари омӯзишӣ гузаронида шуд. Бонк тасмим гирифтааст, ки ин иқдомро дар дигар филиалҳои Бонк низ идома диҳад.

Инчунин, Амонатбонк бо Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон дар самти гузаронидани тадқиқоти “Харидори махфӣ” ҷиҳати муайян намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ ба муштариён аз ҷониби кормандони марказҳои хизматрасониҳои бонкӣ ҳамкорӣ намуда истодааст.

Қобили қайд аст, ки бо мақсади бевосита аз ҷониби раиси Раёсат баррасӣ намудани пешниҳодҳо, арзу шикоят ва масъалаҳои ҳалталаби соҳа дар самти хизматрасониҳои бонкӣ, дар шабакаи иҷтимоии Telegramm суроғаи “Murojiat_bonk” кушода шудааст, ки муроҷиаткунандагон метавонанд аз он бемамониат истифода баранд ва бо раиси Раёсати Бонк дар тамос бошанд.

**– Дар соли сипаришаванда қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарияти бонк чӣ гуна сурат гирифт ва дар ҷараёни он арзу дархостҳои муроҷиаткунандагон то кадом андоза ҳаллу фасл шуданд?**

— Дар дастгоҳи марказии Бонк Маркази тамос таъсис дода шуд, ки муштариён имкон доранд барои ҳалли мушкилоти худ бо рақами кутоҳкардашудаи 1885 ба Бонк муроҷиат намоянд.

Ҳамзамон, тибқи реҷаи муқарраргардида, дар дастгоҳи марказӣ ва филиалҳои Бонк рӯзи қабули шаҳрвандон аз ҷониби роҳбарони Бонк ва сардорони воҳидҳои сохторӣ ба роҳ монда шудааст.

Зикр кардан бамаврид аст, ки муроҷиатҳои шаҳрвандон аз ҷониби Амонатбонк мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 сентябри соли 1998, №345 «Дар бораи тасдиқ намудани Дастурамали коргузорӣ бо муроҷиатҳои шаҳрвандон» баррасӣ карда шуда, ҷиҳати татбиқи ҳалли мушкилоти онҳо аз ҷониби роҳбарияти Бонк таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад.

Дар 10 моҳи соли ҷорӣ ба 966 нафар шаҳрвандоне, ки ба унвонии Бонк хаттӣ ва шифоӣ муроҷиат намудаанд, дар муҳлати бо қонунгузорӣ муайяншуда, ба таври хаттӣ ҷавобҳои муфассал ирсол карда шуд.

Ҳадафи асосии Роҳбарияти Бонк, ин низоми дурусти соҳа ва зиёд намудани эътимоди мардум ба Бонк мебошад.



## ● ВУСЪАТ БАХШИДАНИ ҲИСОББАРОБАРКУНИҲОИ ҒАЙРИНАҚДӢ ЯКЕ АЗ ВАЗИФАҲОИ АСОСИИ АМОНАТБОНК МЕБОШАД

**– Қаблан хабарҳо ба нашр расида буданд, ки БДА ҶТ “Амонатбонк” барои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ пасандозҳоро аз дафтарчаҳои амонатӣ ба кортҳои пардохтии бонкӣ мегузаронад, ҳоло раванди иҷрои ин масъала дар кадом ҳолат аст? Умуман, Бонк барои зиёд кардани ҳиссаи пардохтҳои ғайринақдӣ чӣ иқдомотеро пеш гирифтааст?**

> Дар 10 моҳи соли ҷорӣ ба 966 нафар шаҳрвандоне, ки ба унвонии Бонк хаттӣ ва шифоӣ муроҷиат намудаанд, дар мӯҳлати бо қонунгузорӣ муайяншуда, ба таври хаттӣ ҷавобҳои муфассал ирсол карда шуд.

— Вусъат бахшидани амалияи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар ва ба таври васеъ ҷорӣ кардани ин тартиб дар пардохти хизматрасониҳо, яке аз вазифаҳои асосии Амонатбонк мебошад.

Ба раванди фарогирии корхонаву ташкилотҳои ҷумҳурӣ ба хизматрасонӣ тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ, дар Бонк диққати махсус дода мешавад. Ин аст, ки дар давраи ҳисоботӣ шумораи онҳо дар қиёс ба ҳамин давраи соли 2018 256 адад зиёд гардида, ба 7 715 адад расонида шуд.

Вобаста ба ин, шумораи дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ низ, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 177 ҳазор нафар ё 12% зиёд гардидааст ва ба ҳолати имрӯза Бонк ба зиёда аз 1 миллиону 639 ҳазор нафар дорандагони кортҳои пардохтии бонкӣ хизматрасонӣ менамояд.

Теъдоди банкоматҳои харидоришуда дар Бонк ба 249 адад ва постерминалҳо ба 1 739 адад расонида шудааст. Аз ҷумла, ба ҳолати имрӯза 500 адад ва ё 29%-и постерминалҳои Бонк дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ насб карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки Бонк дар якҷоягӣ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми бо истифода аз кортҳои пардохтии Амонатбонк қабули маблағҳои андозҳоро ба таври ғайринақдӣ роҳандозӣ намуда истодааст.

Қобили қайд аст, ки имрӯз Амонатбонк бо 15 бонкҳои

хориҷӣ бо истифода аз 46 суратҳисобҳои корреспондентӣ ва 8 низоми интиқоли маблағҳо ҳамкорӣ дорад.

Дар натиҷаи ҳамкориҳои судманд, гардиши умумии ҳисоббаробаркуниҳои байнибонкӣ дар дохили ҷумҳурӣ 169,7 млрд. сомонӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои байналхалқӣ тавассути ҳисобҳои корреспондентӣ бо ифодаи умумӣ 2,5 млрд. доллари ИМА-ро ташкил медиҳанд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2018 мутаносибан 94% ва 27% зиёд мебошад. Аз ҷумла, гардишҳо тавассути кортҳои пардохтии бонкӣ 6,2 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018 19,2% зиёд мебошад.

Созишнома оид ба ҷорӣ намудани ҳамкориҳои байнибонкӣ ва шартномаҳо оид ба кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ бо ҶСК "РСК Бонк"-и Қирғизистон ва шартномаи кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ бо ҶСК "БСА Беларусбанк" ба имзо расонида шуданд.

Бонк кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки ҷиҳати иҷрои саривақтии дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат дар самти рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ дар кишвар, то охири соли ҷорӣ ҳамгироии низоми пардохти Корти миллиро бо НСПК "МИР" ба роҳ монда, имконияти хизматрасонии кортҳоро васеъ намояд.

Ҷиҳати ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, таъмини шаффофият дар пешбурди амалиётҳо аз рӯи пасандозҳои муҳлатнок, пешгирии хавфи омилҳои инсонӣ, дастрасии хизматрасониҳо ба муштариён ва ба таври муосир мутобиқгардонии ин намуди хизматрасонӣ, Амонатбонк иловатан кортҳои пардохтии бонкиро ба пасандозгузорони худ дастрас намуд.

**– Акнун биёед, чанде аз умедвориҳое, ки моро интизоранд, ҳарф бизанем. Аз нигоҳи Шумо, соли 2020 барои соҳаи бонкӣ ва умуман барои иқтисодиёт чӣ гуна соле хоҳад буд?**

— Соли 2020 тибқи пешгӯиҳои коршиносон ва ниҳодҳои давлатӣ, соли рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, махсусан низоми бонкӣ арзёбӣ гардидааст. Дар ин давра ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 87,4 млрд. сомонӣ бо афзоиши воқеии 7,8% пешбинӣ гардидааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019 11,7% ва ё 9,2 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра андозаи миёнасолонаи таваррум дар доираи 6,8% ва қурби мубодилавии асъори миллӣ нисбат ба доллари ИМА дар сатҳи устувор пешбинӣ гардидааст.

Нишондиҳандаҳои мазкур, бори дигар аз боз ҳам устувор гардидани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, пулию қарзӣ ва дар ин замина беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардум шаҳодат медиҳанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бuҳрони молиявии ҷаҳонии солҳои охир ва мушкилиҳои вобаста ба он дар низоми бонкӣ бавуҷудомада, то андозае маърифати молиявии муштариён ва масъулияти кормандони Бонкро баланд бардоштааст. Имрӯз аз ҳарвақта дида, бештар муштариён ҳуқуқу манфиатҳои худро медонанд ва талабот ба хизматрасониҳои беҳтару хубтар доранд.

Вобаста ба ин, Амонатбонк ҳамчун бонки давлатӣ ва татбиқкунандаи як ҳиссаи сиёсати иҷтимоии давлат, нақшаи стратегии худро барои соли 2020 бо дарназардошти боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ва мавқеи Бонк дар низоми бонкии кишвар ҳамчун бонки мардумӣ ва дар маҷмӯъ саҳмгузорӣ дар рушди устувори иқтисоди миллӣ тарҳрезӣ намудааст.

Инчунин, дар рӯзҳои наздик бинои нави дастгоҳи марказии Бонк, ки дар он тамоми шароитҳои муосир баҳри кору хизматрасонӣ фароҳам оварда шудааст, ба истифода дода мешавад. Умедворем, ки гузариш ба бинои нав, барои боз ҳам фароҳ намудани доираи фаъолият ва ҷорӣ кардани маҳсулотҳои нави бонкӣ мусоидати бештар менамояд.

**– Ҷаҳони сипос барои суҳбати ҷолиб ва судманд.**

**Мусоҳибон:**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**Аслам Мӯминов, "БТҶ"**

# Нигоҳи донишҷӯ ба таърихи пайдоиши АМОНАТБОНК

**Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», бонк ташкилоти қарзие, ки мақсади асосиаш гирифтани фоида буда, дорои сармояи оинномавии барои он муқарраркардаи Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳуқуқи иҷрои на камтар аз се амалиёти зерин: ҷалби амонату пасандозҳо, додани қарз, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ мебошад.**

Тавре аз сарчашмаҳои таърихӣ бармеояд, санаи пайдоиши аввалин ташкилот ё муассисаи амонатгузорӣ дар қаламрави ҷумҳурии мо ба ду асри пеш рост меояд. Аз ҷумла, моҳи марти соли 1885 дар шаҳри Хуҷанд аввалин Хазинаи амонатгузорӣ дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ба фаъолият оғоз намудааст. Бо гузашти панҷ сол, яъне соли 1900 хазинаҳои мазкур муттаҳид гардонида шуда, ба худ номи Хазинаи давлатии амонатгузориро гирифтанд.

Дар солҳои аввали Иттиҳоди Шӯравӣ, соли 1925 аввалин Хазинаи давлатии меҳнатии амонатгузорӣ №1341 (Гострудсберкасса) дар назди Комиссариати молиявии халқии Ҷумҳурии Автономии Советии Сотсиалистии Тоҷикистон (Наркомфин ТАССР) кушода шуд. Соли 1926 бошад, дар назди Идораи алоқаю телеграф боз чор адад хазинаи дигар кушода шуд.

Дар давоми солҳои 1927-28 хазинаҳои амонатгузорӣ қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ пайдо шуданд ва амонатгузорони хазинаҳо дар ин давра тақрибан 10-11%-и шумораи умумии сокинонро ташкил намуданд. Дар солҳои баъдӣ афзоиши назарраси теъдоди амонатгузорон ва пасандозҳои хазинаҳо ба мушоҳида расид. Барои мисол, танҳо дар як сол ва 10 моҳи соли 1957 шумораи хазинаҳои амонатгузорӣ назар ба соли 1954 ба андозаи 21 адад зиёд гардида, дар ҷумҳурӣ теъдоди онҳо ба 340 расид.

Моҳи октябри соли 1987 Хазинаҳои давлатии меҳнатии амонатгузории Тоҷикистон ба Бонки ҷумҳуриявии тоҷикистонии Бонки амонатгузории ИҶШС табдил дода шуд. Моҳи январи соли 1992 дар заминаи Бонки номбурда Бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ва ниҳоят, 26 ноябри соли 1998 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1123 ба ин ташкилоти қарзӣ мақоми бонки давлатӣ дода шуд ва имрӯз дар қаламрави ҷумҳурӣ ва хориҷ аз он ҳамчун Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» шинохта мешавад.

Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк», ки мақоми бонки давлатиро ба худ касб кардааст, кафолати пурраи воситаҳои пулӣ ва дигар ашёи қиматноки шахсони воқеиро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Амонатбонк дорои шабакаҳои васеи хизматрасонии бонкӣ дар қаламрави мамлакат мебошад. Ба ҳайати он 75 филиал ва 546 марказҳои хизматрасонии бонкӣ шомил буда, фаъолона ва пайваста ба мизоҷони кишвар хизматрасонӣ менамоянд. Илова бар ин, БДА ҶТ «Амонатбонк» яке аз бонки калонтарини ҷумҳурӣ ба ҳисоб рафта, фаъолияти он барои хизматрасонӣ ба табақаҳои гуногуни аҳолӣ равона шуда, ӯҳдадориҳои худро дар назди муштариён сари вақт ва бо сифати хуб иҷро менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Бонк бо чунин ташкилотҳои молиявии бонуфузи ҷаҳонӣ, аз қабили Бонки Давлатии Рушди Хитой, Бонки Исломии Рушд ва Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд ҳамкории судмандро ба роҳ мондааст.

БДА ҶТ «Амонатбонк» аз рӯи натиҷаҳои Барномаи «Пешсафони асри 21», ки беш аз 20 мамлакати минтақаи Авросиёро дар бар мегирад, сазовори мукофоти байналмиллалии «Golden Jagyar» гардидааст. Инчунин, Комитети Ассамблеяи тиҷорати Аврупо ба фаъолияти Амонатбонк баҳои баланд дода, онро бо ҷоизаи байналмиллалии «European quality» сарфароз гардонидааст.

Тавре Икромӣ Сироҷиддин Салом иброз дошт, дар БДА ҶТ «Амонатбонк» аз шумораи умумии кормандон 40%-ашро бонувон ташкил менамоянд. Барои дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори Сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти ба кор дар бонк ҷалб намудани духтарони фаъолу лаёқатманд, пайваста озмунҳои ҷойҳои корӣ гузаронида мешаванд.

**Зулфия Сафарова,**
**донишҷӯи коллеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Буйдоқови ноҳияи Рӯдакӣ.**

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◙ ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 176 748 589 | 4 157 781 719 | 18 966 870 | 0,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 821 797 959 | 2 794 640 888 | 27 157 071 | 1,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 912 197 741 | 1 985 536 769 | -73 339 028 | -3,7% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 574 720 225 | 829 010 682 | -254 290 457 | -30,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 818 432 708 | 704 432 790 | 113 999 918 | 16,2% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 591 090 880 | 653 978 802 | -62 887 922 | -9,6% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 405 607 687 | 328 832 594 | 76 775 093 | 23,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 327 922 380 | 350 982 488 | -23 060 108 | -6,6% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 245 853 309 | 192 596 009 | 53 257 300 | 27,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 193 939 725 | 227 634 422 | -33 694 697 | -14,8% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 125 565 311 | 149 449 345 | -23 884 034 | -16,0% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 160 936 422 | 95 592 808 | 65 343 614 | 68,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 77 217 768 | 94 679 605 | -17 461 837 | -18,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 65 724 718 | 104 055 706 | -38 330 988 | -36,8% |
| ҶСП Бонки "Арванд" | 434 527 404 | 362 740 136 | 71 787 268 | 19,8% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◘ ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 567 507 478 | 2 128 798 779 | 438 708 699 | 20,6% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 388 735 982 | 1 329 250 386 | 59 485 596 | 4,5% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 548 931 562 | 770 362 014 | -221 430 452 | -28,7% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 364 091 805 | 305 118 172 | 58 973 633 | 19,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 264 236 088 | 218 300 302 | 45 935 786 | 21,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 128 641 263 | 125 096 782 | 3 544 481 | 2,8% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 87 272 227 | 51 485 732 | 35 786 495 | 69,5% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 53 819 157 | 41 054 226 | 12 764 931 | 31,1% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 52 204 028 | 23 286 878 | 28 917 150 | 124,2% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 65 178 908 | 36 562 701 | 28 616 207 | 78,3% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 28 094 473 | 35 951 479 | -7 857 006 | -21,9% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 15 021 713 | 34 655 242 | -19 633 529 | -56,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 20 962 564 | 14 269 509 | 6 693 055 | 46,9% |
| ҶСП "Бонки Покистон" | 8 893 037 | 5 480 885 | 3 412 152 | 62,3% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 337 498 278 | 272 959 625 | 64 538 653 | 23,6% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◙ УҲДАДОРИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 755 585 782 | 3 767 127 396 | -11 541 614 | -0,3% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 064 619 696 | 2 093 835 024 | -29 215 328 | -1,4% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 511 531 188 | 1 651 805 049 | -140 273 861 | -8,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 464 533 512 | 738 586 964 | -274 053 452 | -37,1% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 684 835 598 | 608 099 813 | 76 735 785 | 12,6% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 490 224 213 | 534 818 856 | -44 594 643 | -8,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 273 926 533 | 297 709 453 | -23 782 920 | -8,0% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 282 970 004 | 227 617 918 | 55 352 086 | 24,3% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 146 363 000 | 100 053 319 | 46 309 681 | 46,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 115 433 908 | 153 888 884 | -38 454 976 | -25,0% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 37 586 055 | 65 172 689 | -27 586 634 | -42,3% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 107 815 890 | 42 467 054 | 65 348 836 | 153,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 35 795 937 | 53 523 958 | -17 728 021 | -33,1% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 20 716 111 | 1 057 640 | 19 658 471 | 1858,7% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 362 429 602 | 282 943 286 | 79 486 316 | 28,1% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◙ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 363 956 121 | 3 190 618 758 | 173 337 363 | 5,4% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 383 650 719 | 1 439 906 648 | -56 255 929 | -3,9% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 847 239 760 | 973 563 557 | -126 323 797 | -13,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 585 522 528 | 540 325 770 | 45 196 758 | 8,4% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 340 921 736 | 368 461 432 | -27 539 696 | -7,5% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 165 711 456 | 452 563 339 | -286 851 883 | -63,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 271 576 023 | 214 923 617 | 56 652 406 | 26,4% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 141 675 331 | 90 729 107 | 50 946 224 | 56,2% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 95 453 628 | 33 651 977 | 61 801 651 | 183,6% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 17 554 597 | 38 841 338 | -21 286 741 | -54,8% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 25 585 480 | 40 945 252 | -15 359 772 | -37,5% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 17 063 924 | 34 839 545 | -17 775 621 | -51,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 10 740 173 | 2 771 600 | 7 968 573 | 287,5% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 480 906 | 671 608 | -190 702 | -28,4% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 85 954 346 | 72 980 229 | 12 974 117 | 17,8% |

| Номгӯи **бонкҳо** | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ **2019** **САРМОЯ** | | | |
|---|---|---|---|---|
| | **Соли 2019** | **Соли 2018** | Тағйирот **(сомонӣ)** | Тағйирот **(бо фоиз)** |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 757 178 263 | 700 805 864 | 56 372 399 | 8,0% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 421 162 807 | 390 654 323 | 30 508 484 | 7,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 400 666 553 | 333 731 720 | 66 934 833 | 20,1% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | 100 866 667 | 119 159 946 | -18 293 279 | -15,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 122 637 683 | 101 214 676 | 21 423 007 | 21,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 133 597 110 | 96 332 977 | 37 264 133 | 38,7% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 110 186 713 | 90 423 718 | 19 762 995 | 21,9% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 99 490 309 | 92 542 690 | 6 947 619 | 7,5% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 87 979 256 | 84 276 656 | 3 702 600 | 4,4% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 78 505 817 | 73 745 538 | 4 760 279 | 6,5% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 53 995 847 | 53 273 035 | 722 812 | 1,4% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 53 120 532 | 53 125 754 | -5 222 | 0,0% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 45 008 607 | 102 998 066 | -57 989 459 | -56,3% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 41 421 831 | 41 155 647 | 266 184 | 0,6% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 72 097 802 | 79 796 850 | -7 699 048 | -9,6% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ ИЮЛ-СЕНТЯБРИ СОЛИ 2019 ◙ ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2019 | Соли 2018 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 77 176 626 | 63 198 645 | 13 977 981 | 22,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 56 781 879 | 37 768 474 | 19 013 405 | 50,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 34 361 949 | 30 003 764 | 4 358 185 | 14,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 15 647 474 | 5 740 714 | 9 906 760 | 172,6% |
| ҶСП "ХАЛИҚ БОНК ТОҶИКИСТОН" | -269 218 | 25 420 110 | -25 689 328 | -101,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 14 605 431 | 3 408 612 | 11 196 819 | 328,5% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 7 611 130 | 8 676 991 | -1 065 861 | -12,3% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 10 998 191 | 15 192 903 | -4 194 712 | -27,6% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 4 725 764 | 15 851 304 | -11 125 540 | -70,2% |
| ҶСК "ТАВҲИДБОНК" | 4 267 824 | 2 796 057 | 1 471 767 | 52,6% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 3 143 282 | -4 324 603 | 7 467 885 | 172,7% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | -1 684 183 | 42 342 | -1 726 525 | -4077,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 889 185 | 1 568 063 | -678 878 | -43,3% |
| ҶСП "Бонки Покистон" | 1 052 530 | 1 826 448 | -773 918 | -42,4% |
| ҶСП БОНКИ "АРВАНД" | 7 762 058 | 7 914 555 | -152 497 | -1,9% |

# Таҳияи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ оғоз ёфт

1 октябри соли 2019 дар шаҳри Душанбе ба раванди таҳияи "Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар доираи чорабинии тантанавӣ ифтитоҳ бахшида шуд. Дар расми ифтитоҳи чорабинии мазкур намояндагони Бонки миллии Тоҷикистон ва Гурӯҳи бонки ҷаҳонӣ/Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ ба ҳайси шарики асосӣ дар таҳияи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ ва вазорату идораҳои дахлдори кишвар ширкат варзиданд.



Чорабиниро муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова ҳусни оғоз бахшида, изҳор дошт, ки дар шароити муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ ва молиявии кишвар тавассути фаро гирифтани аҳолӣ ба хизматрасониҳои гуногуни молиявию бонкӣ баҳодиҳӣ мешаванд. Аз ин рӯ, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дастрасию истифодаи хизматрасониҳои баландсифати бонкӣ бахри рушди соҳибкории хурду миёна, зиёд гардидани миқдори суратҳисобҳо дар ташкилотҳои қарзӣ, ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тавассути низомҳои пардохтии электронӣ, интиқоли маблағҳои пулӣ, ҷалби пасандозҳои аҳолӣ, пешниҳоди қарзҳои дастрас, рушди бозори суғуртавӣ ва баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ зарурати таҳияи "Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон"-ро муҳим ва саривақтӣ мешуморад.

Дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд Гурӯҳи кории дохилиидоравӣ барои таҳияи Стратегия таъсис додааст ва дар самти расонидани кумакҳои техникӣ ва ҷалби коршиносони байналмилалӣ, Созишнома бо Корпоратсияи байналмилаии молиявӣ дар доираи лоиҳаи "CAFINC" ба имзо расонида шуд, ки қадамҳои минбаъдаро барои таҳияи Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ муайян менамояд.

Муовини директори Котиботи Швейтсария оид ба масоили иқтисодӣ (SECO) хонум Коринн Деменҷ ва Намояндаи доимии Бонки ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон ҷаноби Ян Петер Олтерс дар навбати худ қайд карданд, ки таҳияи "Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" саривақтӣ буда, метавонад ба рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар саҳми арзанда гузорад.

Дар идомаи нишаст, мутахассиси калон оид ба соҳаи молияи Бонки ҷаҳонӣ хонум Маргарет Миллер зимни рӯнамоии худ дар бораи "Стратегияи миллӣ оид ба дастрасии молиявӣ: таҷрибаи ҷаҳонӣ ва беҳтарин амалияҳо барои Тоҷикистон", директори Пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон Моҳбону Накатова дар мавзӯи



“Вазъи дастрасии молиявӣ дар Тоҷикистон” ва мушовири калон оид ба соҳаи молияи Корпоратсияи байналмилалии молиявӣ Олга Томилова дар робита ба “Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои Тоҷикистон: қадамҳои пешниҳодшаванда, раванд ва мӯҳлатҳо” дар назди ҳозирин суханронӣ намуда, оид ба вазъи дастрасии молиявии кунунӣ дар Тоҷикистон ва корҳои дар ин самт анҷомдодашуда, ташкили раванди таҳия ва мӯҳлати пешниҳоди он маълумоти мухтасар пешниҳод намуданд.

Аъзои Гурӯҳи кории “Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар қисмати амалии кори нишаст оид ба самти техникӣ, аз ҷумла таҳияи лоиҳа, муайянсозии ҳадафҳо, замина, ҳамоҳангсозии кори Гурӯҳи корӣ, мӯҳлатҳои пешкаши маводҳо ва роҳҳои

**Дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд Гурӯҳи кории дохилиидоравӣ барои таҳияи Стратегия таъсис додааст ва дар самти расонидани кумакҳои техникӣ ва ҷалби коршиносони байналмилалӣ, Созишнома бо Корпоратсияи байналмилаии молиявӣ дар доираи лоиҳаи “CAFINC” ба имзо расонида шуд.**

таҳвили нуқтаҳои дастрасӣ фикру андешаҳои худро баён намуданд.

Дар рӯзи дуюми баргузории чорабинии мазкур аз ҷониби иштирокчиён мавзӯъҳои калидӣ, аз ҷумла саводнокии молиявӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва васеъ гардонидани маҷмӯи маҳсулот, аз ҷумла, дастрасии соҳибкории хурду миёна ба маблағгузорӣ мавриди муҳокима қарор дода шуданд.

Дар поёни кори ин чорабинии муҳим муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова изҳор намуд, ки бо мақсади татбиқи амалии дастуру супоришҳо аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии бонкӣ ва пешниҳоди қарзҳои дастрасу босифат, баланд бардоштани савияи касбии кормандони низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди иқтисодиёти рақамӣ Бонки миллии Тоҷикистон омода аст, бо ҳама вазорату идораҳо, ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва тарафҳои манфиатдор ҷиҳати таҳия ва коркарди “Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамкории зичу судмандро ба роҳ монад. “Умедворем, ки бо рушду равнақи фарогирии молиявии аҳолӣ ба хизматрасониҳои босифати бонкӣ инкишофи минбаъдаи иқтисодиёти кишвар ва сатҳи некуаҳволии мардум то андозае таъмин хоҳад шуд”,- гуфт Лола Салимова.

**Шуъбаи матбуоти БМТ**

# 10 соли босамари Департаменти мониторинги молиявии БМТ

**Конфронси илмӣ-тадқиқотӣ бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон таҳти унвони "Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пурзӯр намудани низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО", 28 октябри соли равон дар шаҳри Душанбе баргузор гардид.**



Дар ин чорабинии муҳим намояндагони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлия, Бонки миллии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохила, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати давлатии молия ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Дафтари барномавии САҲА, Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят ва ташкилотҳои қарзӣ иштирок ва суханронӣ карданд.

Нахуст Ҷамшед Нурмаҳмадзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон, конфронси илмӣ-тадқиқотиро ифтитоҳ намуда, ҳозиринро бо 10-солагии таъсисёбии Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон муборакбод намуда, иброз дошт, ки дар тӯли солҳои фаъолияташ Департаменти зикршуда ба дастовардҳои назаррас ноил шудааст.

Номбурда зикр намуд, ки Департаменти мониторинги молиявӣ бо тавсияи созмони байналмилалии FATF ва бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, №724 аз 20 октябри соли2009, дар назди Бонки миллии Тоҷикистон таъсис дода шуда, он ҳамчун сохтори Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №966 аз 12 декабри соли 2017, мақоми ваколатдор дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро дар ихтиёр дорад. Таъкид гардид, ки дар давоми даҳ соли охир Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон тавонист вазифаҳои худро дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом бо масъулияти том иҷро намояд.

Зариф Ализода, ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ ва раиси Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МҚД/МТ/МПСҚО низ зимни суханронии худ ҳозиринро бо 10-солагиии таъсисёбии Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон табрик гуфта, онро сохтори муҳими мубориза бо қонунигардонии

(расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом номид.

Мавсуф таъкид кард, ки Департаменти мониторинги молиявии Бонки миллии Тоҷикистон тавонист номи ҷумҳуриро аз рӯйхати кишварҳои осебпазири FATF бановарда, ба рӯйхати кишварҳои фаъоли муқовиматкунанда бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом ворид намояд.

Дар ҷараёни кори конференсия директори Департаменти мониторинги молиявӣ Фарҳод Билолов ҷиҳати нишон додани фаъолияти ҷории департамент дар самти МҚД/МТ/МПСҚО рӯнамоии ҷолибро ба аҳли нишаст пешниҳод намуда, иброз дошт, ки маҳз бо талошҳои зиёди мақомоти дахлдори кишвар Ҷумҳурии Тоҷикистон тавонист дар ин ҷода ба комёбиҳои назаррас ноил гардад.

Қайд кардан зарур аст, ки намояндагони дигар сохторҳои давлатию ташкилотҳои қарзӣ ва созмонҳои байналмилалӣ низ дар конфронси илмӣ-тадқиқотӣ суханронӣ намуда, аҳамияти муқовимат бо қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли омро бори дигар таъкид карданд.





Дар ҷараёни конфронси илмӣ-тадқиқотӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон як қатор кормандони фаъоли сохторҳои давлатӣ ва созмонҳои байналмилалӣ, ки бо фаъолияти босамари худ дар самти муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом саҳми босазо гузоштаанд, бо сипосномаҳо қадрдонӣ карда шуданд.

**М. Аслам,**
**"БТҶ".**

**Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон “21” августи соли 2019, №986, “ба қайд гирифта шудааст”**

**Бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз “05” августи с. 2019, №87, “тасдиқ шудааст”**

# Дастурамали №238 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ»

**Дастурамали №238 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ» (минбаъд- Дастурамал) тибқи моддаи 42 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ва моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” таҳия шуда, танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломиро (ба истисноi ташкилотҳои қарзии хурди исломӣ ва фондҳои қарзии хурди исломӣ) тавассути муқаррар намудан ва ҳисоб кардани меъёрҳои мақбул таъмин менамояд.**

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Дар Дастурамали мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешавад:

- **ташкилотҳои қарзии исломӣ** –шахсони ҳуқуқие (бонкҳои исломӣ, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ, аз ҷумла “равзанаи бонкии исломӣ”), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии исломии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” пешбинишударо иҷро менамоянд;

- **ташкилотҳои қарзии анъанавӣ** – шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ” ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишударо иҷро менамоянд;

- **равзанаи бонкии исломӣ** – филиали ташкилоти қарзии анъанавӣ, ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон пурра ё қисман амалиёти бонкии исломиро амалӣ менамояд;

- **Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ** – мақоми ташкилоти қарзии исломӣ, ки барои мутобиқ будани созишномаҳои (шартномаҳои) басташудаи онҳо ба стандартҳои фаъолияти бонкии исломӣ масъул мебошад;

- **қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ** – маблағ ва ё маблағгузорие, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ ба муштарӣ мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дода шуда, метавонад шартҳои пардохти маблағи асосӣ, фоида, иҷора ё ҳаққи хизматрасониро дар бар гирад ё бидуни он;

- **суратҳисоби сармоягузорӣ** – суратҳисобе, ки тавассути он ташкилоти қарзии исломӣ маблағҳои пулиро бо мақсади сармоягузорӣ мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ бидуни ба зимма гирифтани уҳдадории пурра баргардонидани маблағ қабул менамояд, ба шарте ки:

- танҳо фоида ё фоидаву зарар мутобиқан дар байни шахси маблағдиҳанда ва ташкилоти қарзии исломии маблағгиранда тақсим карда шавад;
- он бо пардохт ё бе пардохт бошад;

- **дорандаи суратҳисоби сармоягузорӣ**–муштарие, ки бо мақсади сармоягузорӣ мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ дар ташкилоти қарзии исломӣ суратҳисоби сармоягузорӣ кушодааст;

- **амонат ё пасандозҳои исломӣ** – маблағи пулӣ ва сарватҳои дигари шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои нигоҳ доштан ба ташкилоти қарзии исломӣ бо шарти пардохти пурра бо фоида ё бидуни он, ба соҳиби амонат ё намояндаи он, бо дархост ё ба муҳлатҳои мувофиқашуда бо риояи принсипҳои маблағгузории исломӣ дода мешаванд;

- **шахси вобаста** – шахсони зерин дар назар дошта мешаванд:

- аъзои Шӯрои нозирон, корманди роҳбарикунанда;
- аъзои оилаи корманди роҳбарикунанда;
- шахс ва аъзои оилаи ӯ, ки дар ташкилоти қарзии исломӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок доранд ва шахси ҳуқуқие, ки дар он шахс ё корманди роҳбарикунанда дорои ҳиссаи иштироки афзалиятнок мебошад;
- шахси ҳуқуқие, ки дар он ташкилоти қарзии исломӣ ҳиссаи иштироки афзалиятнок дошта, ҳангоми омодасозии ҳисоботи молиявии маҷмӯӣ ба инобат гирифта намешавад;

- шахсе, ки ба ташкилоти қарзии исломӣ ба сифати узви Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ хизмат мерасонад;

- **аъзои оила** – зану шавҳар, фарзандон, бародарону хоҳарон, падару модар, падарандар ва модарандар, писарандар ва духтарандари шахсро дар бар мегирад;

- **ҳиссаи иштироки афзалиятнок** – ҳиссаи иштироки бевосита ё бавоситаи шахсе, ки мустақилона ё тавассути ягон шахс ё якҷоя бо як ё якчанд шахсони дорои зиёда аз 10 фоизи сармояи оинномавӣ ё саҳмияҳои овоздиҳандаи ташкилоти қарзии исломӣ мебошад ё ҳиссаи иштироки афзалиятноке, ки онро Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст;

- **гузариши хавфи тиҷоратӣ** – ҳаҷми хавфи иловагие мебошад, ки саҳмиядорони ташкилоти қарзии исломӣ (яъне аз ҳисоби сармояи худ) ба зимма мегиранд. Дар муқоиса ба ҳолате, ки дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ ҳамаи хавфҳои тиҷоратии бо дороиҳои аз ҳисоби онҳо маблағгузоришаванда алоқамандро бар дӯши худ мегиранд;

- **усулҳои баробаркунӣ** – бо мақсади кам кардани хавфи бозпас гирифтани маблағҳо аз ҷониби дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ, ташкилоти қарзии исломӣ метавонад аз усулҳои гуногуни баробаркунӣ (аз ҷумла, усули тасҳеҳи ҳиссаи музориб, интиқоли ҳиссаи фоидаи саҳмиядорон, ташкили захира барои баробаркунии фоида, ташкили захираи хавфи сармоягузорӣ ва ғ. ) истифода барад. Тибқи ин усулҳо хавфҳои ба дороиҳои аз ҳисоби маблағҳои суратҳисобҳои сармоягузорӣ маблағгузоришуда алоқаманд метавонанд ва ё наметавонанд ба саҳмиядорон интиқол дода шаванд;

- **захира барои баробаркунии фоида** – захирае мебошад, ки онро ташкилоти қарзии исломӣ тавассути ҷудо намудани маблағҳо аз фоидаи сармоягузорӣ пеш аз тақсимот байни саҳмиядорон ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд ва то ҳисоби ҳиссаи фоидаи музориби ташкилоти қарзии исломӣ, барои баробаркунии фоида ташкил медиҳад;

- **захираи хавфи сармоягузорӣ** – захирае мебошад, ки ташкилоти қарзии исломӣ метавонад онро танҳо баъд аз тарҳ кардани ҳиссаи фоидаи ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчун музориб бо роҳи ҷудо намудани маблағҳо аз фоидаи сармоягузории дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд ташкил диҳад. Захираи хавфи сармоягузории ҷамъшуда, ки пурра ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд тааллуқ дорад, метавонад танҳо барои коҳиш додани дилхоҳ талафотҳои (зарар аз дороиҳо) дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд, ки давра ба давра ба вуҷуд меоянд, истифода бурда шавад;

- **Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ** (IFSB) –ташкилоте мебошад, ки стандартҳои байналхалқиро барои мақомоти назорат ва танзими ташкилотҳои молиявии исломӣ таҳия, нашр ва бозбинӣ менамояд;

- **Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ** (AAOIFI) – ташкилоте мебошад, ки стандартҳои ҳисобдорӣ ва аудитро барои институтҳои молиявии исломӣ таҳия, нашр ва бознигарӣ менамояд;

- **ҳиба** – намуди ҳавасмандкунии моддӣ, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ ба муштариёне, ки маблағҳои пулиро аз рӯи шартҳои шартномаи қарзи ҳасана, вадиъа йад замонат ва дигар амалиёти амонатӣ бе фоиз ҷобаҷогузорӣ кардаанд, пардохт карда мешавад.

2. Бо мақсади ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ, қарздеҳон ва таъмини суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон меъёрҳои мақбули ҳатмии зеринро барои танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ муқаррар мекунад:

- ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии исломии навтаъсис;
- андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ;
- андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд;
- меъёри кифоятии сармоя;
- меъёри пардохтпазирии ҷорӣ;
- меъёри хавфҳои асъорӣ, даромаднокӣ ва хавфҳои дигар;
- меъёри истифодаи маблағҳои худии ташкилотҳои қарзии исломӣ барои харидани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) шахсони ҳуқуқии дигар;
- меъёри танзими амалиёти ҷалби амонатҳо ва пасандозҳои исломӣ (барои ташкилотҳои қарзии исломии ғайрибонкӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ);
- андозаи ниҳоии қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ, воситаҳои маблағгузории исломӣ, кафолатҳо ва замонатҳое, ки ташкилотҳои қарзии исломӣ ба саҳмиядорони (иштирокчиёни) худ додаанд.

3. Ҳаҷми як қарзи исломӣ/маблағгузории хурди исломии аз ҷониби ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ, аз ҷумла равзанаи бонкии исломии ташкилоти амонатии қарзии хурд ба шахсони воқеӣ додашуда, набояд аз маблағи ҳамарзиши 250 000 (дусаду панҷоҳ ҳазор) сомонӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ додашуда набояд аз маблағи ҳамарзиши 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ зиёд бошад.

4. Ҳаҷми як қарзи исломӣ/маблағгузории хурди исломии аз ҷониби ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломӣ ба дигар ташкилотҳои қарзии исломӣ додашуда набояд аз маблағи ҳамарзиши 1 500 000 (як миллиону панҷсад ҳазор) сомонӣ зиёд бошад.

5. Бонки миллии Тоҷикистон тибқи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла стандартҳои Шӯрои машваратии хизматрасонии молиявии исломӣ (IFSB), мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии худ меъёрҳои мақбул, тартиби ҳисоби онҳо ва бо қарори Раёсати худ меъёрҳои тафриқашудаи мақбулро барои ташкилотҳои қарзии исломӣ муқаррар намуда, ҳангоми амалӣ намудани назорат онҳоро истифода менамояд. Талаботи меъёрҳои мақбул ба ташкилотҳои қарзии исломӣ ва бонкҳои фаръии онҳо ҳам дар алоҳидагӣ ва ҳам дар заминаи назорати маҷмӯӣ татбиқ мегарданд.

6. Ҳангоми ба андозаи муқарраршудаи меъёри кифоятии сармояи ташкилоти қарзии исломӣ баробар ё ба он наздик шудан, яъне аз меъёри муқарраршуда дар доираи то 0,25 банди

фоизӣ қарор доштани он, ба ташкилоти қарзии исломӣ гузаронидани чунин амалиёт манъ аст:

- ҳарсола аз 5% зиёд намудани дороиҳои ба хавф дучоршавандаи худ (аз ҷумла, моддаҳои ғайритавозунӣ);
- пардохт намудани фоида аз рӯи амонат ё пасандозҳои исломӣ, ки аз андозаи фоидаи миёнаи бозории онҳо зиёд аст;
- бозхариди саҳмияҳои худӣ;
- ҳисоб кардан ва пардохт намудани суди (дивиденд) саҳмияҳо ба саҳмиядорон;
- дар аҳдҳои бо шахсони ба ташкилоти қарзии исломӣ вобаста иштирок кардан.

7. Ҳангоми аз андозаи муқаррарнамудаи Бонки миллии Тоҷикистон кам шудани меъёри кифоятии сармоя, ба ташкилоти қарзии исломӣ ғайр аз маҳдудиятҳое, ки дар банди 6 Дастурамали мазкур пешбинӣ шудаанд, гузаронидани амалиётҳои зерин низ манъ аст:

- ҷалби амонат ё пасандози исломии муҳлатноки шахсони воқеӣ (аз ҷумла, кушодани суратҳисобҳои нави пасандозӣ ва амонати муҳлатнок ва пуррагардонии суратҳисобҳои пасандозӣ ва амонати муҳлатноки мавҷудбудаи шахсони воқеӣ);
- пешниҳод намудани қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои нави исломӣ ба маблағи аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ зиёд ё аз маблағи мазкур зиёд намудани ҳудуди қарзгирии муштариёни амалкунанда;
- сармоягузорӣ барои харидории саҳмияҳо, сукук ва дигар коғазҳои қиматнок, ки мутобиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ буда, ба зиёд шудани дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда оварда мерасонад (аз ҷумла, ҳисобҳои ғайритавозунӣ);
- зиёд намудани музди меҳнат ва дигар намуди ҷубронпулӣ, пардохти мукофотпулӣ ба аъзоёни Шӯрои нозирон, Кумитаи хизматрасонии маблағгузории исломӣ, кормандони роҳбарикунанда ё ба ҳама гуна шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ;
- ба ҳар гуна шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ додани ҳама гуна воситаҳо (аз ҷумла, пардохти маблағи суратҳисобҳои сармоягузориҳо, пасандозҳо ва фоидаи онҳо, пардохти дивидендҳо, қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломӣ ё уҳдадориҳои шартӣ, аз ҷумла кафолатҳо ва аккредитивҳо);
- харидорӣ намудани воситаҳои асосӣ ва ҳама гуна хароҷотҳои калонҳаҷм (аз ҷумла хароҷотҳо барои таъмир, сохтмон ва ғайра);
- кушодани филиал, воҳиди дигари сохторӣ ва ё оғоз намудани фаъолияти нав.

## 2. ҲАДДИ АҚАЛЛИ САРМОЯ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ИСЛОМӢ

8. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои бонкҳои исломии навтаъсис ба маблағи 50 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад.

9. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломии навтаъсис ба маблағи 30 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад.

10. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурди исломии навтаъсис ба маблағи 6,0 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад.

11. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои равзанаи бонкии исломии бонки анъанавӣ, ба андозаи 10 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад.

12. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои равзанаи бонкии исломии ташкилоти қарзии ғайрибонкии анъанавӣ, ба андозаи 6,0 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад.

13. Андозаи ҳадди ақалли сармояи оинномавӣ барои равзанаи бонкии исломии ташкилоти амонатии қарзии хурди анъанавӣ, ба андозаи 1,2 миллион сомонӣ муқаррар карда мешавад.

14. Сармояи оинномавии ташкилотҳои қарзии исломӣ бо пули миллӣ ташаккул меёбад.

15. Андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ барои ташкилоти қарзии исломии навтаъсис, набояд аз 20 фоизи сармояи оинномавии фароҳамовардашуда зиёд бошад.

16. Қисми ғайрипулии сармояи оинномавии ташкилоти қарзии исломӣ аз ҳисоби биноҳо, ки он ҷо ташкилоти қарзии исломӣ ҷойгир аст, ба истиснои сохтмонҳои ба анҷомнарасида, ташаккул меёбад ва маблағи он ҳангоми ҳисобкунии сармояи танзимшаванда ба инобат гирифта намешавад.

17. Ташкилоти қарзии исломӣ наметавонад фоидаи софи худро то пӯшонидани ҳамаи хароҷоти марбут ба таъсисёбии худ дар байни саҳмиядорон (иштирокчиён) ҳамчун суди саҳмия (дивиденди саҳмия) тақсим намояд.

18. Дар давоми се соли аввали фаъолияти ташкилоти қарзии исломӣ аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ- эмитент бозхариди саҳмияҳои худ манъ аст.

## 3. САРМОЯИ ТАНЗИМШАВАНДА

19. Сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ аз сармояи асосии соф ва иловагӣ иборат аст.

Сармояи асосии софи (Сас) ташкилоти қарзии исломӣ аз чунин қисмҳо иборат мебошад:

- сармояи оинномавии пардохташуда - саҳмияҳои оддӣ тарҳи саҳмияҳои оддии аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ бозхаридшуда (ҳ/т 300303);
- сармояи оинномавии пардохташуда - саҳмияҳои имтиёзнок тарҳи саҳмияҳои имтиёзноки аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ бозхаридшуда (ҳ/т 300301). Дар ҳолати бо зарар фаъолият намудани (соли ҷорӣ) ташкилоти қарзии исломӣ аз рӯи саҳмияҳои имтиёзнок бе муҳлати имтиёзнок суди саҳмия пардохт карда намешавад (яъне, доимӣ ва ҷамънашаванда);
- сармояи изофа (маблағе, ки аз фарқияти мусбати нархи фурӯш ва арзиши номиналии саҳмияҳои оддӣ (ҳисса) ва имтиёзноки баровардаи ташкилоти қарзии исломӣ ба вуҷуд омадааст ва маблағи иловаи пардохтаи саҳмиядорон (иштирокчиён)) (ҳ/т 300701);
- дигар захираҳо (ҳ/т 300309+300311+300313+300315);
- фоидаи тақсимнашуда (ҳ/т 300305);
- фоидаи соли гузашта баъди пардохти андоз аз фоида ва

тасдиқи аудити беруна (х/т 300307).

20. Қисмҳои зерин аз сармояи асосӣ тарҳ карда мешаванд:

- дороиҳои ғайримоддӣ (х/т 119301) бо тарҳи истеҳлоки ҳисобшуда;

- сармоягузориҳо ба саҳмияҳои оддӣ ва имтиёзноки аз тарафи ширкатҳои фаръии ташкилоти қарзии исломӣ, ки ба фаъолияти бонкии исломӣ ва молиявии исломӣ машғул мебошанд;

- сармоягузориҳо ба саҳмияҳои оддӣ (ҳисса) ва имтиёзноки дигар ташкилотҳои қарзии исломӣ (х/т 117521+117523+117525+117531 +117533+117535+117565+117567 +117569+117575+117577+ 117579+117609+ 117611+117613+117619+117621+117623);

- зарари соли ҷорӣ (х/т 301701);

- зарари солҳои гузашта(х/т 300305+300307);

- захираи умумӣ барои дороиҳои фаъол (х/т 300319);

- захираи махсус барои дороиҳои ғайрифаъол (х/т 300321);

- дороиҳои мавқуфгузошташудаи андоз (х/т 119763) ;

- фарқият ҳангоми баҳисобгирии фонди умумӣ аз рӯи дороиҳои фаъол;

- фарқият ҳангоми баҳисобгирии фонди махсус аз рӯи дороиҳои ғайрифаъол;

- фарқияти маблағ ҳангоми баҳисобгирии фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо тибқи банди 21 Дастурамали мазкур;

- қисми фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо, ки ташкил дода нашудааст.

21. Ташкилоти қарзии исломӣ бояд захира ва фондҳое, ки аз рӯи дороиҳо тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, бо фондҳои тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисобшуда муқоиса намояд. Дар ҳолате, ки талабот оид ба ташкили захира ва фондҳо аз рӯи дороиҳо тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон назар ба фондҳои тибқи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ ҳисобшуда зиёдтар бошад, ташкилоти қарзии исломӣ бояд фарқиятро аз ҳисобҳои тавозунии 300315 “Захираи умумӣ аз фоида” ё ҳисобҳои 300305 “Фоидаи тақсимнашуда/зарари солҳои гузашта”, 300307 “Фоидаи соли гузашта” мутаносибан ба х/т 300319 “Захираи умумӣ барои дороиҳои фаъол” ва 300321 “Захираи махсус барои дороиҳои ғайрифаъол” гузаронад.

Агар бонки исломӣ ва ташкилоти амонатии қарзии хурди исломӣ дар ҳисобҳои 300315, 300305 ва 300307 маблағи кофӣ барои ташкили фарқияти фондҳо надошта бошад, қисмати фарқияти фондҳо аз рӯи дороиҳои фаъол ва/ё ғайрифаъол ҳангоми баҳисобгирии сармояи асосии соф тарҳ карда мешавад.

22. Сармояи иловагии (Си) ташкилоти қарзии исломӣ аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

- фоидаи соли гузашта, дар ҳолате, ки ташкилоти қарзии исломӣ уҳдадориҳои худро дар назди мақомоти андоз пардохт накардааст ва санҷиши аудити берунаи ҳисоботҳои молиявии ҳамонсоларо тасдиқ накарда бошад (х/т 300307);

- 50%- и фоидаи соли ҷорӣ (х/т 301701);

- 50%- и захира барои баробаркунии фоида аз рӯи суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд пас аз ду соли оғози фаъолият (х/т 300501+300503+300505+300507);

- 45%- и захираи азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ ва захираи азнавбаҳодиҳии коғазҳои қиматнок (х/т 300901+300903+300905);

- қисми пардохташудаи сармояи оинномавии саҳмияҳои имтиёзнок, ки дар сармояи асосии соф ба ҳисоб гирифта нашудааст ва он ба талаботҳои қарзи исломӣ/маблағгузории субординарӣ ҷавобгӯ буда, дар давоми 5 соли охири мӯҳлати пардохт дисконт карда мешавад (х/т 300301);

- қарзи исломӣ/маблағгузории субординарии тахассусшудаи ташкилоти қарзии исломӣ, ки ба ҳадди ақали талаботҳо ҷавобгӯ буда, дар давоми 5 соли охири мӯҳлати пардохт дисконт карда мешавад ва ба андозаи на зиёда аз 50% аз маблағи умумии сармояи асосии соф ба инобат гирифта мешавад (х/т 301901);

- фонди умумӣ аз рӯи дороиҳои фаъол (х/т 208602) ва захираи умумӣ барои дороиҳои фаъол (х/т 300319) ба андозаи на зиёда аз 1,25% аз маблағи умумии дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда.

23. Қисми фонди умумӣ барои дороиҳои фаъол (х/т208602) ва захираи умумӣ барои дороиҳои фаъол (х/т 300319), ки аз 1,25% аз маблағи умумии дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда зиёд мебошад ва ба таркиби сармояи иловагӣ дохил карда нашудааст, аз маблағи умумии дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда ҳангоми баҳисобгирии меъёри кифоятии сармоя тарҳ карда мешавад.

24. Қарзи исломӣ/маблағгузории субординарӣ маблағгузорие мебошад, ки ба шартҳои зерин ҷавоб медиҳад:

- ба ташкилоти қарзии исломӣ танҳо дар шакли пулӣ ба мӯҳлати на камтар аз 5 сол дода мешавад;

- фоидаи маблағгузорӣ аз андозаи меъёри бозтамвил зиёд намебошад;

- дар ҳолати барҳамхӯрии ташкилоти қарзии исломӣ талаботи қарздеҳ аз рӯи қарзи исломӣ/маблағгузории субординарии додашуда баъд аз пурра қонеъ кардани талаботи дигар қарздеҳон ва то баргардонидани маблағи саҳмияҳои оддӣ (ҳиссаҳо) қонеъ гардонида мешавад.

25. Қарзи исломӣ/маблағгузории субординарӣ пас аз мувофиқа бо Бонки миллии Тоҷикистон ба таркиби сармояи иловагӣ дохил карда мешавад ва он қарзи исломӣ/маблағгузории субординарии муайяншудаи тахассусӣ номида мешавад.

26. Ҳангоми фаро расидани мӯҳлати пардохти қарзи исломӣ/маблағгузории субординарии муайяншудаи тахассусӣ, агар пардохти қарзи исломӣ/маблағгузории мазкур талаботи меъёри кифоятии сармояро вайрон намояд ё талаботи меъёри кифоятии сармоя аллакай вайрон шуда бошад, ба ташкилоти қарзии исломӣ пардохти қарзи исломӣ/маблағгузории мазкур ва фоидаи он манъ аст. Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад дар чунин ҳолат аз ташкилоти қарзии исломӣ ба саҳмияҳои оддӣ (ҳиссаҳо) табдил додани қарзи исломӣ/маблағгузории субординариро талаб намояд.

27. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад пеш аз мӯҳлат ба саҳмияҳои оддӣ табдил додани қарзи исломӣ/маблағгузории субординариро бо розигии пешакии Бонки миллии Тоҷикистон

ба роҳ монад.

28. Дар давоми 5 сол то мӯҳлати пардохти қарзи исломӣ/маблағгузории субординарӣ ҳар сол 20%- и қарзи исломӣ/маблағгузории субординарии муайяншудаи тахассусӣ аз таркиби сармояи танзимшаванда тибқи ҷадвали зерин хориҷ карда мешавад:

| Мӯҳлати пардохт | Қисме, ки дар сармояи иловагӣ ба ҳисоб гирифта мешавад |
|---|---|
| Зиёда аз 5 сол | 100% |
| Зиёда аз 4 сол ва аз 5 сол кам | 80% |
| Зиёда аз 3 сол ва аз 4 сол кам | 60% |
| Зиёда аз 2 сол ва аз 3 сол кам | 40% |
| Зиёда аз 1 сол ва аз 2 сол кам | 20% |
| Аз 1 сол камтар | 0 |

29. Қарзи исломӣ/маблағгузории субординарии муайяншудаи тахассусӣ ба сармояи иловагӣ ба андозаи на зиёда аз 50%- и аз маблағи умумии сармояи асосии соф (Сас) ба ҳисоб гирифта мешаванд.

30. Сармояи умумӣ ба ҳосили ҷамъи сармояи асосии соф ва сармояи иловагӣ баробар аст, агар:

- сармояи асосии соф аз сармояи иловагӣ зиёд бошад, он гоҳ сармояи умумӣ ба ҳосили ҷамъи сармояи асосии соф ва иловагӣ баробар аст Су=Сас+Си;

- сармояи иловагӣ аз сармояи асосии соф зиёд бошад, он гоҳ сармояи умумӣ ба маблағи дукаратаи сармояи асосии соф баробар дониста мешавад (Су=Сас Х 2);

31. Сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ, ки ҳангоми ҳисоби меъёрҳои мақбул истифода мешавад, ба тариқи зайл муайян мегардад:

Ст=Су–х/т (117531+117533+117535+117575+117577+117579+ +117619+117621+117623)

## 4. ДОРОИҲОИ БО НАЗАРДОШТИ ХАВФ БАРКАШИДАШУДА

32. Дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашудаи ташкилоти қарзии исломӣ ба 7 гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

**Гурӯҳбандӣ вобаста ба дараҷаи хавф**

| № | Номгӯи дороиҳо | Дараҷаи хавф |
|---|---|---|
| | **Гурӯҳи 1** | |
| 1 | Нақдина | |
| 2 | Сабикаи тилло ва дигар металҳои қиматбаҳои сертификатонидашуда дар сабикаҳои стандартӣ, ки аз ҷониби стандартҳои маблағгузории исломӣ манъ нашудаанд ва аз ҷониби Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои муассисаҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) манъ нашудаанд | |
| 3 | Барои гирифтан аз ҳисобҳои муросилотии Бонки миллии Тоҷикистон | 0% |
| 4 | Коғазҳои қиматноки исломии Бонки миллии Тоҷикистон | |
| 5 | Коғазҳои қиматноки исломии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон | |
| 6 | Маблағгузориҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода шудаанд. | |
| 7 | Маблағгузориҳое, ки бо коғазҳои қиматноки исломии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин мебошанд | |
| 8 | Маблағгузориҳое, ки бо коғазҳои қиматноки исломии Бонки миллии Тоҷикистон таъмин мебошанд | |
| 9 | Коғазҳои қиматноки исломии баровардашуда ё кафолатҳои додашудаи ташкилотҳои байналмилалии молиявии муайяншуда тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ | |
| | **Гурӯҳи 2** | |
| 10 | Маблағгузориҳо зери гарави сабикаи тилло ва пасандозҳои дар ҳамон ташкилоти қарзии исломӣ ҷойгиршуда | |
| 11 | Хатҳои қарзии исломӣ/маблағгузории исломии истифоданашудаи бо кафолати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъминшуда | |
| 12 | Амалиёти форвардӣ ва СВОП бо ташкилотҳои байналмилалии молиявии муайяншуда тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ | |
| | **Гурӯҳи 3** | |
| 13 | Маблағгузориҳо зери гарави манзилҳои истиқоматӣ, ки ба талаботи ҳадди ақали банди 38 ҷавобгӯ мебошанд, инчунин зери гарави тилло ва дигар металҳои қиматбаҳои сертификатонидашуда дар сабикаҳои стандартӣ, ки тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ ва стандартҳои Ташкилоти ҳисобдорӣ ва аудит барои институтҳои молиявии исломӣ (AAOIFI) мамнӯъ нашудаанд | 50% |
| | **Гурӯҳи 4** | |
| 14 | Маблағҳо дар ҳисобҳои мукотибавӣ, ҷойгиркуниҳои мӯҳлатнок, маблағгузориҳои субординарӣ, аксептҳои бонкҳои исломии резидент ва ғайрирезидент ба ғайр аз онҳое, ки дорои дараҷаи хавфи 100% мебошанд | |
| 15 | Хариди коғазҳои қиматнок ва бозфурӯши он дар асоси созишнома (РЕПО-и исломӣ) бо бонкҳои исломии резидент ва ғайрирезидент | |
| 16 | Коғазҳои қиматноки исломӣ ва саҳмияҳои (ҳиссаи) корхонаҳои давлатӣ | |
| 17 | Коғазҳои қиматноки исломии давлатҳои хориҷӣ | |
| 18 | Коғазҳои қиматноки исломӣ ва саҳмияҳои бонкҳои резидент ва ғайрирезидент ба ғайр аз онҳое, ки дорои дараҷаи хавфи 100% мебошанд | |
| 19 | Коғазҳои қиматноки исломии баровардаи давлатҳои ИДМ | |
| 20 | Қисми истифоданашудаи ӯҳдадориҳои шартӣ ба мӯҳлати шартномавии то як сол ё камтар аз он | 70% |
| 21 | Эътиборномаҳои давлатҳои хориҷа | |
| 22 | Созишномаи стэндбайи давлатҳои хориҷа | |
| 23 | Созишнома аз рӯи андеррайтинги давлатҳои хориҷа | |
| 24 | Кафолатҳои давлатҳои хориҷа | |
| 25 | Дороиҳои фурӯхташуда, ки имкони бозгашт доранд | |
| 26 | Коғазҳои қиматноки исломии бонкҳо-ғайрирезидентҳо дар давлатҳои хориҷа | |
| 27 | Коғазҳои қиматноки гирифтаи ташкилотҳои қарзии исломӣ, резидентҳо/ғайрирезидентҳо | |
| 28 | Амалиёти форвардӣ ва СВОП бо ташкилотҳои молиявӣ, аз ҷумла бонкҳои исломӣ | |
| 29 | Дигар коғазҳои қиматноки исломии бонкҳои резидент/ғайрирезидент ба ғайр аз онҳое, ки дорои дараҷаи хавфи 100% мебошанд | |

| | | |
|---|---|---|
| | **Гурӯҳи 5** | |
| 30 | Маблағҳо дар ҳисобҳои мукотибавӣ, ҷойгиркуниҳои муҳлатнок, маблағгузории субординарӣ, маблағгузориҳо ба дигар ташкилотҳои қарзии исломии резидент/ғайрирезидент | 100% |
| 31 | Коғазҳои қиматноки исломӣ ва саҳмияҳои корхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ | |
| 32 | Маблағгузориҳо бо пули миллӣ | |
| 33 | Воситаҳои асосӣ ба ғайр аз дороиҳои ғайримоддӣ | |
| 34 | Дигар дороиҳо ба ғайр аз маблағҳо барои гирифтан аз филиалҳо | |
| 35 | Хатҳои қарзии исломӣ/маблағгузории исломии истифоданашуда | |
| 36 | Эътиборномаҳо ба дигар ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ | |
| 37 | Кафолатҳои додашуда | |
| 38 | Дороиҳои фурӯхташуда бо эҳтимолияти баргашт | |
| 39 | Амалиётҳои форвардӣ ва СВОП | |
| 40 | Тамоми дигар талаботҳо, ки нисбати онҳо бевосита дараҷаи хавф муайян карда нашудааст | |
| | Мавқеи холиси ҷамъшудаи кушодаи асъорӣ. Қисми калонтарини мавқеи холиси ҷамъшудаи кушодаи асъорӣ (дароз ё кутох) ба ҳисоб гирифта мешавад | |
| | **Гурӯҳи 6** | |
| 41 | Маблағгузориҳо бо асъори хориҷӣ | 150% |
| 42 | Дороиҳои ғайрифаъол тибқи талаботи муқарраркардаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдори Бонки миллии Тоҷикистон | |
| | **Гурӯҳи 7** | |
| 43 | Дороиҳои тибқи шартномаи музораба, мушорака ба истиснои дороиҳои дар гурӯҳҳои 1-5 хавф ҷойгиркардашуда | 300% |

33. Дар ҳолати ғайриқобили пардохт (дефолт) будани давлат, ташкилоти қарзии исломӣ, корхона ва дигар ташкилоте, ки дар гурӯҳи 4 (бо хавфи 70%) ҷойгир мебошанд, онҳо бояд ба гурӯҳи 5 гузаронида шуда, бо назардошти хавфи 100% баркашида шаванд.

34. Дар ҷадвал дороиҳои холис гирифта мешаванд. Баркашидани дороиҳои тавозунӣ бо назардошти хавф бо чунин усул иҷро карда мешавад: дороӣ (бо сомонӣ) зарби хавф (бо %) :100.

35. Баркашидани ҳисобҳои ғайритавозунӣ бо назардошти хавф бо чунин усул иҷро карда мешавад: ҳисобҳои ғайритавозунӣ (бо сомонӣ) зарби эҳтимолияти ба дороиҳои тавозунӣ табдилёбии онҳо (бо%) ва натиҷаи онҳо зарби хавф (бо %):100.

36. Ба ташкилотҳои байналмилалии молиявии муайяншуда дохил мешаванд: Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ (WBG) (аз ҷумла: Бонки Байналмилалии Таҷдид ва Рушд (IBRD), Ширкати Байналмилалии Молиявӣ (IFC) ва Оҷонсии Кафолати Сармоягузориҳо (MIGA)), Бонки Осиёгии Рушд (ADB), Бонки Африқоии Рушд (AfDB), Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд (EBRD), Бонки Байниамрикоии Рушд (IADB), Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ (EIB), Фонди Аврупоии Сармоягузорӣ (EIF), Бонки Сармоягузории Шимолӣ (NIB), Бонки Карибии Рушд (CDB), Бонки Исломии Рушд (IDB) ва Шӯрои Бонки Рушди Аврупо (CEDB).

37. Барои дороиҳои дар асоси шартномаи музораба ва мушорака ҷойгиркардашуда, гарави (амволи манқул ва ғайриманқул) ба сифати таъминот гирифташаванда, дар мӯҳлатҳои тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинишуда, бояд таъмин гардад.

38. Дар ҳолати паст рафтани арзиши таъминот, бад шудани сифати он, ки имкон дорад ба мушкилӣ ҳангоми амалисозии гарав оварда расонад, дороиҳое, ки тавассути шартномаҳои мушорака ва музораба ҷойгир шудаанд дар гурӯҳи 7-ум бо дараҷаи хавфи 300% нишон дода мешаванд. Бо назардошти таҷрибаи ташкилотҳои қарзии исломие, ки тавассути шартномаҳои музораба ва мушорака амалиёт мегузаронанд, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад барои чунин ташкилотҳои қарзии исломӣ, талабот ва маҳдудиятҳои иловагӣ муқаррар намояд, аз ҷумла барои таъминоти гарав.

39. Дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда барои сармоягузорӣ бояд дар асоси усули оддии баҳодиҳии хавф ҳисоб карда шавад, ки дар он сармоягузорӣ чун ҳиссаи сармоя дар тавозуни бонк нигоҳ дошта мешавад. Барои сармоягузории мушорака ё музораба ба корхонаҳои тиҷоратӣ, ки саҳмияҳои оддии онҳо дар биржаи эътирофшудаи мубодилаи коғазҳои қиматнок нархмонӣ мешаванд, вазни хавфи 300% татбиқ мегардад. Барои сармоягузории мушорака ё музораба ба корхонаҳои дигар бояд 400% вазни хавф истифода шавад.

40. Новобаста аз муқаррароти банди 39 Дастурамали мазкур, Бонки миллии Тоҷикистон метавонад вазни хавфи муносибро (дахлдорро) муайян намояд, ки он дар асоси назорати пурқуввати омилҳо, аз ҷумла инфрасохтор ва иқтидори ташкилоти қарзии исломӣ барои мониторинги самаранокии фаъолият ва амалиёт дар субъекти маблағгузоришаванда, сифати гарави истифодашуда, хусусияти фаъолиятҳои тиҷоратӣ, фазои меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқатии низоми назорати молиявӣ ва ҳисоботгузории муштарӣ ва ташкилоти қарзии исломӣ, тартиботи мубодилаи иттилоот, усулҳои нархгузорӣ ва стратегияи анҷомдиҳии фаъолияти тиҷорат, муайян карда мешаванд.

41. Тасҳеҳи дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда:

- баргардонидани маблағи сармояи суратҳисоби сармоягузорӣ аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ кафолат дода намешавад, зеро он тибқи шартномаи шарикие амалӣ мегардад, ки мувофиқи принсипҳои маблағгузории исломӣ хусусияти тақсимоти фоидаро дорад. Ҳама гуна зарарҳо бояд аз ҷониби дорандагони суратҳисоби сармоягузорӣ пардохт карда шаванд, танҳо ба истиснои он зарарҳое, ки дар натиҷаи саҳлангорӣ, амали ғайриқонунӣ, қаллобӣ ё вайрон кардани ваколати сармоягузории худ аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ ба вуҷуд омадааст. Ингуна хавфҳо ҳамчун хавфи эътимоднокӣ (фидусиарӣ) тафсир шуда, қисми хавфи амалиётии ташкилоти қарзии исломӣ ба ҳисоб мераванд;
- дар асл дороиҳои аз ҳисоби суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд ё суратҳисобҳои сармоягузории маҳдуд маблағгузоришаванда хавфи сармояи худии (саҳмгузорони) ташкилоти қарзии исломиро ба вуҷуд намеоранд. Аз ин рӯ, талаботи сармояи танзимшаванда ба он татбиқ намегардад. Бинобар ин, дороиҳои аз ҳисоби суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд ё суратҳисобҳои сармоягузории маҳдуд маблағгузоришаванда аз ҳисоби махраҷи таносуби меъёри кифоятии сармоя хориҷ карда мешаванд;
- аз ташкилоти қарзии исломӣ нигоҳ доштани сармояи танзимшаванда барои пӯшонидани хавфҳои аз дороиҳои аз

ҳисоби суратҳисобҳои сармоягузорӣ маблағгузоришаванда бавуҷудомада, талаб карда намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки дар Дастурамали мазкур пешбинӣ шудаанд.

42. Таҷрибаи баробаркунии фоида. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад бинобар ҷой доштани фишори тиҷоратӣ пардохти фоидаро ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд (ва дар ҳолате, ки қобили татбиқ ҳаст, барои дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории маҳдуд) баробар намояд.

Дар ҳолате, ки ташкилоти қарзии исломӣ таҷрибаи баробаркунии фоидаро интихоб менамояд, натиҷаҳои (паёмадҳои) зерин ба вуҷуд меоянд:

- **қабули гузариши хавфи тиҷоратӣ** - ташкилоти қарзии исломӣ як қисми хавферо, ки ба тағйирёбии ҷараёни фоидаи дороиҳои дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд алоқаманд мебошанд (ва зери идораи худ дорад) ба сармояи худ мекӯчонад ва дар ин ҳолат гузариши хавфи тиҷоратиро ба зимма мегирад. Хавфҳои тиҷоратии дороиҳо, ки аз тарафи суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд маблағгузорӣ шудаанд, мутаносибан аз тарафи дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд ва аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ ба зимма гирифта мешаванд;

- **гузариши хавфи тиҷоратӣ** - ин ҳаҷми хавфи иловагие, мебошад, ки саҳмиядорони (иштирокчиёни) ташкилоти қарзии исломӣ (яъне, сармояи худ) ба зимма доранд, нисбат ба ҳолате, ки дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ ҳамаи хавфҳои тиҷоратии бо дороиҳои аз ҳисоби маблағҳои онҳо маблағгузоришаванда алоқамандро ба дӯши худ мегиранд. Ташкилотҳои қарзии исломӣ салоҳияти комили истифода бурдан ё набурдани механизми гузариши хавфи тиҷоратиро доранд. Ҳамин тариқ, ҳиссаи фоидаи ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ (махсусан дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд) пардохтшаванда аз ҳисоби фоидаи ба саҳомони (иштирокчиёни) ташкилоти қарзии исломӣ тааллуқдошта “баробар” карда мешавад.

Гузариши хавфи тиҷоратӣ дар натиҷаи хавфи меъёри даромаднокӣ (ё баъзан “хавфи меъёри фоиданокӣ” номида мешавад), ки дар он маблағҳои дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ ба чунин дороиҳо ба мисоли муробаҳа ё иҷора, ки нисбатан ба мӯҳлатҳои дароз ва меъёри даромаднокие, ки минбаъд ба интизориҳои ҷории бозор ҷавобгӯ нест, сармоягузорӣ шудаанд, ба вуҷуд меояд. Меъёри нисбатан пасти даромаднокӣ аз рӯи дороиҳо нисбат ба оне, ки дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд интизории гирифтани онро доранд, метавонад ба бозхонди маблағҳо оварда расонад, ки ин амал ташкилоти қарзии исломиро дучори хавфи пардохтпазирӣ мегардонад.

Ҳангоми кӯшиши паст кардани чунин хавфҳо ташкилоти қарзии исломӣ метавонад усулҳои баробаркуниро истифода барад ва нисбати хавфҳои дигари бозорӣ (ба монанди хавфи тағйирёбии нархҳо) ё хавфи қарзии исломӣ/маблағгузории исломӣ, дар ҳолате, ки ташкилоти қарзии исломӣ оиди ҳимоя кардани дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ худ аз таъсири бади фаъолияти умумии сандуқи дороиҳои таҳти идораи он буда, қарор қабул мекунад (бо назардошти он ки принсипҳои маблағгузории исломӣ ба музориб пӯшонидани зарари умумии маблағгузорро манъ кардааст).

Гузариши хавфи тиҷоратӣ ба рӯйпуш кардани зарари умумии дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд тавассути азнавтақсимкунии фоидаи саҳмиядорон (иштирокчиён) алоқамандӣ надорад, зеро принсипҳои маблағгузории исломӣ инро иҷозат намедиҳанд. Ташкилотҳои қарзии исломӣ бояд ин гуна талафотро тавассути нигоҳ доштани захираи хавфи сармоягузорӣ пардохт кунанд ва агар бақияи захираи хавфи сармоягузорӣ барои пурра пӯшонидани зарар кофӣ набошад, аз захираи баробаркунии фоида барои пардохти фоида ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории дигар маблағҳои иловагӣ гузаронида намешавад. Дар ҳолате, ки бақияи захира барои баробаркунии фоида ва захираи хавфи сармоягузорӣ кофӣ бошанд, ин сатҳи пардохти банақшагирифтаи даромаднокиро ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд, ҳатто ҳангоми манфӣ будани фоидаи воқеии дороиҳо, иҷозат медиҳад.

43. Усулҳои баробаркунӣ. Бо мақсади кам кардани хавфи бозпас гирифтани маблағҳо, ташкилоти қарзии исломӣ метавонад аз усулҳои гуногуни баробаркунӣ истифода барад. Ҳамзамон, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳ доштани устувории молиявӣ аз ташкилоти қарзии исломӣ талаб менамояд, ки усулҳои баробаркуниро истифода барад, маҳдудият гузорад ва ҳамин маҳдудиятҳо ё усулҳоро тағйир диҳад.

Ин усулҳо метавонанд ё наметавонанд хавфҳои ба дороиҳои аз ҳисоби маблағҳои суратҳисобҳои сармоягузорӣ маблағгузоришуда алоқамандро ба саҳмиядорон (иштирокчиён) интиқол диҳанд, ки ба таври зайл баён шудааст:

- **тасҳеҳи ҳиссаи музориб** - ташкилоти қарзии исломӣ фоидаи мунтазами ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ пардохтшавандаро бо роҳи муваққатан коҳиш додани ҳиссаи худ ҳамчун музориб, пасттар аз ҳиссаи дар шартнома пешбинӣшуда (дар амалия дар сатҳи максималӣ гузошта) метавонад таъмин намояд ва/ё ба тариқи дигар ба саҳмиядорон (иштирокчиён) фоидаи камтарро тақсим менамояд, гарчанде ташкилоти қарзии исломӣ тибқи талаботи шартнома барои иҷрои ин амал уҳдадор набошад. Гарчанде, ки талафотҳои сармоягузории маблағҳои суратҳисобҳои сармоягузорӣ бояд аз ҷониби худи дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ пӯшонида шаванд, ин механизм танҳо барои баробаркунии фоида дар ҳолати вуҷуд надоштани зарар истифода бурда мешавад. Дар чунин ҳолатҳо, ташкилоти қарзии исломӣ ягон фоидаро ҳамчун музориб намегирад;

- **интиқол додан аз маблағҳои саҳмиядорон** - ташкилоти қарзии исломӣ метавонад (бо тасдиқи саҳмиядорон) ҳиссае аз даромади саҳмиядоронро ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ дар асоси ҳиба ҳадя намояд, то ин ки дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ даромаднокии наздик ба сатҳи интизоршудаи бозорро дар ҳолатҳое, ки даромаднокии ташкилоти қарзии исломӣ аз сатҳи мизони бозорӣ пасттар аст, таъмин намоянд;

- **нигоҳ доштани захира барои баробаркунии фоида** - ташкилоти қарзии исломӣ метавонад захира барои баробаркунии фоидаро тавассути ҷудо намудани маблағҳое аз фоидаи сармоягузорӣ пеш аз тақсимот байни саҳмиядорон (иштирокчиён) ва дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд, инчунин то ҳисоби ҳиссаи фоидаи музориби ташкилоти қарзии исломӣ, ташкил диҳад. Ҷузъҳои ҷамъшудаи захира барои баробаркунии фоида, ки мутаносибан байни доранда-

гони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд ва саҳмиядорон (иштирокчиён) тақсим шудаанд, метавонад барои баробар кардани пардохти фоида ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд дар ҳолати паст рафтани даромаднокии сармоягузорӣ, истифода гардад. Ташкилоти қарзии исломӣ метавонад пардохти фоидаро ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд дар сатҳи бозорӣ бо роҳи гузоштани маблағ ба захира барои баробаркунии фоида аз ҳисоби фоида нигоҳ дорад, ҳангоме, ки даромаднокии воқеии дороиҳо баландтар аз сатҳи бозор аст. Ин пардохтҳо дар ҳолати паст будани даромади воқеии дороиҳо аз сатҳи бозорӣ метавонанд боздошта шаванд. Дар ҳолатҳое, ки ташкилоти қарзии исломӣ метавонад тақсимоти даромади дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдудро танҳо тавассути тасҳеҳи захира барои баробаркунии фоида бе тағйири ҳиссаи фоидаи музориб ва ё бе муроҷиат ба гузаронидани даромад аз саҳмиядорон (иштирокчиён) идора кунанд, ягон гузариши хавфи тиҷоратӣ пайдо намешавад ва талабот барои нигоҳдории сармояи иловагӣ ба вуҷуд намеояд;

**- ташкили захираи хавфи сармоягузорӣ** - ташкилоти қарзии исломӣ инчунин метавонад захираи хавфи сармоягузориро танҳо баъд аз тарҳ кардани ҳиссаи фоидаи музориби ташкилоти қарзии исломӣ бо роҳи ҷудо намудани маблағҳо аз фоидаи сармоягузории дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд дастгирӣ намояд. Захираи хавфи сармоягузории ҷамъшуда, ки пурра ба дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд тааллуқ дорад, метавонад танҳо барои коҳиш додани дилхоҳ талафотҳо (зарар аз дороиҳо) дорандагони суратҳисобҳои сармоягузории номаҳдуд, ки давра ба давра ба вуҷуд меоянд, истифода бурда шавад. Ҳиссаҷудокуниҳо ба захираи хавфи сармоягузорӣ метавонанд аз ҳиссаи фоидаи дорандагони суратҳисобҳои сармоягузорӣ тарҳ карда шаванд ва дар ҳолати даромаднокии дороиҳо манфӣ будан барои кам кардани хавфи сармоягузорӣ, истифода бурда мешаванд.

## 5. ТАЪСИРИ СУРАТҲИСОБҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ БА ҲИСОБИ МЕЪЁРИ КИФОЯТИИ САРМОЯ

44. Суратҳисобҳои сармоягузории ташкилоти қарзии исломӣ ҳамчун қисми сармояи ташкилоти қарзии исломӣ тасниф карда намешаванд, зеро онҳо ба меъёрҳои сармояи асосӣ ва иловагӣ ҷавобгӯ нестанд.

45. Ҳамаи захираи хавфи сармоягузорӣ (IRR) ва қисми захира барои баробаркунии фоида (PER), ки ба сармояи дорандагони суратҳисоби сармоягузорӣ тааллуқ доранд, бинобар ин, қисми сармояи ташкилоти қарзии исломӣ намебошанд. Бо назардошти он, ки мақсади захира барои баробаркунии фоида ҷиҳати баробар кардани пардохти фоида аст ва на пӯшонидани зарар, ягон қисми захира барои баробаркунии фоида, ки ҳиссаи захираҳои ташкилоти қарзии исломӣ аст, набояд ҳамчун қисми сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ ба ҳисоб равад.

**6. МЕЪЁРҲОИ КИФОЯТИИ САРМОЯ (К1- 1, К1- 2)**

46. Меъёрҳои кифоятии сармоя аз меъёри кифоятии сармоя (К1- 1) ва таносуби сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ нисбат ба дороиҳои умумӣ (К1- 2) иборат мебошанд.

47. Меъёри кифоятии сармоя (К1- 1) ҳамчун сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда, муайян карда мешавад:

$$К1-1=\frac{Ст}{Дх}*100\%$$

дар ин ҷо: *Ст* – сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ,

*Дх* – дороиҳои ташкилоти қарзии исломӣ, ки бо назардошти хавф баркашида шудаанд.

Меъёри кифоятии сармоя (К1- 1) ба андозаи на камтар аз 12% муқаррар карда мешавад.

Эзоҳ: Барои ташкилотҳои қарзии исломии аз ҳад зиёд ба хавфҳои бонкӣ дучоршаванда ҳадди ақалли меъёри кифоятии сармоя К1- 1 метавонад аз меъёри муқарраршуда зиёд муқаррар карда шавад.

48. Меъёри кифоятии сармоя (К1- 2) ҳамчун сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ нисбат ба дороиҳои умумӣ муайян карда мешавад:

$$К1-2=\frac{Ст}{Д}*100\%$$

дар ин ҷо: *Ст* – сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ,

*Д* – маблағи умумии дороиҳо бидуни бақияи ҳисобҳои тавозунии зерин:119001, 119003, 119005.

Меъёри кифоятии сармоя (К1- 2) ба андозаи на камтар аз 10% муқаррар карда мешавад.

## 7. МЕЪЁРИ ПАРДОХТПАЗИРИИ ҶОРӢ

49. Пардохтпазирии ҷории ташкилоти қарзии исломӣ ин қобилияти ташкилоти қарзии исломӣ ҷиҳати саривақт ичро гардидани уҳдадориҳои он дар назди сармоягузорон ва қарздеҳон мебошад.

50. Бо мақсади назорати вазъи пардохтпазирии ҷории ташкилоти қарзии исломӣ меъёри пардохтпазирии ҷорӣ муқаррар карда мешавад.

51. Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К2- 1) ҳамчун ҷамъи пули нақд, ҳисобҳои мукотибавӣ ва дороиҳои пардохтпазири ташкилотҳои қарзии исломӣ то 30 рӯзи наздик нисбат ба амонатҳои дархостшаванда, таҳвили пулӣ, уҳдадориҳои муҳлаташон то 30 рӯзи наздик муқаррар карда мешавад:

$$К2-1=\frac{Дп}{Ук}*100\%$$

дар ин ҷо: *Дп* – дороиҳои пардохтпазир, яъне ҷамъи ҳисобҳои тавозунии:

- гурӯҳи х/т №101000 “Пули нақд ва дигар ҳуҷҷатҳои хазинавӣ”;
- суратҳисобҳои муросилотӣ ва ҳисобҳои дигар дар БМТ (х/т 103001+103003+103009+103011);
- суратҳисобҳои муросилотии бонкҳо дар Тоҷикистон ва хориҷа (х/т 105001+105003+105005+105007);

**ҷамъи дороиҳои муҳлаташ то 30 рӯз:**

- ҷойгиркунии муҳлатноки бонкҳо дар Тоҷикистон ва хориҷа (х/т 105101+105103+105105+105107);

- ҷойгиркунии мухлатноки ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа (х/т 105201+105203);

- маблағгузории байнибонкии бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа) (х/т 105301+ 105303+ 105305+ 105307+105309+105311+105313+105315);

- маблағгузорӣ дар асоси РЕПО- и исломӣ (х/т 105701+105703);

- барои гирифтан аз ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа (х/т105901+105903+105905+105907);

- пазираҳо (аксепт) барои гирифтан (х/т117401+117403 +117405+117407);

- ҳисоббаробаркунии байни ташкилотҳои қарзии исломӣ, ташкилотҳои қарзӣ ва интиқолҳои пулӣ (х/т 119007+119009+119011+119013);

- коғазҳои қиматноки исломӣ барои савдо (х/т 117501+117503+117505+117509);

- коғазҳои қиматноки исломӣ барои фурӯш (х/т 117545+117547+117549+117553);

- коғазҳои қиматноки исломӣ то мухлати пардохт (х/т 117589+117591+117593+117597).

*Ук* – амонатҳои дархостшаванда ва уҳдадориҳои кӯтоҳмуддат, яъне ҷамъи ҳисобҳои тавозунии:

- гурӯҳи х/т №200100 "Амонатҳои дархостии резидентҳо/ғайрирезидентҳо, буҷетии Ҳукумат аз рӯи вадиъа ва қарзи ҳасана"(х/т 200002+200004+200006+200008+200010+200012+200014+200016+ 200018+200020+200022+ 200024);

**ҷамъи уҳдадориҳои мухлаташон то 30 рӯзи наздик, қисми х/т:**

- гурӯҳи х/т №204800 "Пазираҳо (аксептҳо) барои пардохт" (х/т 204802+204804+204806+204810);

- гурӯҳи х/т №206200 "Ҳисоббаробаркунии ташкилотҳои қарзии исломӣ" (х/т 206202+206204);

- қисми гурӯҳи х/т №200100 "Амонатҳои пасандозии резидентҳо/ғайрирезидентҳо, аз рӯи вадиъа, қарзи ҳасана, табаррук, музораба"(х/т200026+200028+200040+200042+200044+200046+200048+200060+200062+200064+200066+200068+200080+200082+200084+200086);

- гурӯҳи х/т №200800 "Барои пардохт ба Ҳукумат" (х/т 200802+200804);

- гурӯҳи х/т №202000 "Барои пардохт ба Бонки миллии Тоҷикистон" (х/т 202002+202004);

- гурӯҳи х/т №202400 "Ҷойгиркунии мухлатноки бонкҳо дар Тоҷикистон ва хориҷа" (х/т 202402+202404+202406+202408);

- гурӯҳи х/т №202600 "Ҷойгиркунии мухлатноки ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ" (х/т 202602+202604);

- гурӯҳи х/т №202800 "Ҷойгиркунии байнибонкии бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, ташкилотҳои маблағгузории хурди исломӣ ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкии исломӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа" (х/т 202802+202804+202806+202808+202810+202812+202814+202816);

- гурӯҳи х/т №204000 "Барои пардохт дар асоси РЕПО- и исломӣ" (х/т 204002+204004);

- гурӯҳи х/т №204200 "Коғазҳои қиматноки исломии аз ҷониби ташкилот баровардашуда" (х/т 204202+204204);

- гурӯҳи х/т №206400 "Интиқолҳои пулӣ" (х/т 206402+206404);

- суратҳисобҳои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ дар Тоҷикистон ва хориҷа (х/т 202210+202212+202214+202216);

- уҳдадориҳо дар назди ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (х/т 204406+204408);

- нафақа барои пардохт х/т №208468.

52. Коғазҳои қиматноки исломие, ки барои амалиётҳои РЕПО- и исломӣ ҳамчун гарав гузошта шудаанд ва воситаҳое, ки ба сифати кафолат нигоҳ дошта шудаанд ба таркиби дороиҳои пардохтпазир дохил карда намешаванд.

53. Меъёри пардохтпазирӣ (К2- 1) ба андозаи на камтар аз 40% муқаррар карда мешавад.

54. Меъёри пардохпазирӣ барои ташкилоти қарзии исломие, ки яке аз меъёрҳои мақбулро риоя намекунанд, ба андозаи 70% муқаррар карда мешавад.

## 8. АНДОЗАИ НИҲОИИ ХАВФ БАРОИ ЯК ҚАРЗГИР/МУШТАРӢ Ё ГУРӮҲИ ҚАРЗГИРОНИ/МУШТАРИЁНИ АЛОҚАМАНД (КЗ- 1)

55. Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир/муштарӣ ё гурӯҳи қарзгирони/муштариёни (шахсони) ба ҳам алоқаманд аз сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ бо фоиз муқаррар карда мешавад.

56. Ҳадди ниҳоии хавф барои як қарзгир/муштарӣ ё гурӯҳи қарзгир/муштариёни (шахсони) ба ҳам алоқаманд (КЗ- 1) ба андозаи на зиёда аз 20%- и сармояи танзимшаванда муқаррар карда мешавад.

$$КЗ - 1 = \frac{Kk}{Cm} * 100\%$$

дар ин ҷо: *Кк* – маблағи умумии хавфи қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ ба як қарзгир/муштарӣ ё ба гурӯҳи қарзгирони/муштариёни бо ҳам алоқаманд;

*Ст* – сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ.

57. Гурӯҳи қарзгирон/муштариёни ба ҳам алоқаманд аз ду ё зиёда шахсон иборат мебошад, ки бо ҳам бевосита ё бавосита алоқаманд буда, устувории молиявии яке аз онҳо ба устувории молиявии дигар ё дигарон метавонад таъсир расонад ё омилҳои мазкур метавонанд ба устувории молиявии қисми онҳо ва ё ҳамаи онҳо таъсир расонад ё агар вобаста ба муносибати байни онҳо, шахси дигар дар ҳақиқат барои пардохти қарзи исломӣ/маблағгузории исломии шахсони мазкур дар назди ташкилоти қарзии исломӣ масъулият дошта бошад.

Дар ҳолатҳои зерин қарзгирон/муштариён ба ҳам алоқаманд шуморида мешаванд:

- яке аз қарзгирони/муштариёни мазкур қарзгири/муштарии дигарро назорат менамояд;

- ду ё зиёда қарзгирон/муштариён таҳти назорати умумии шахси дигар мебошанд, новобаста аз он ки он шахс қарзгири/муштарии ташкилоти қарзии исломӣ мебошад ё не;

- маблағи қарзи исломӣ/маблағгузории исломии як қарзгир/муштарӣ ба қарзгир/муштарии дигар интиқол дода шудааст ё барои манфиати бевоситаи қарзгири/муштарии дигар истифода мешавад;

- маблағи қарзи исломӣ/маблағгузории исломии ду ё зиё-

да қарзгирон/муштариён ё дороиҳои бо маблағи чунин қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ харидашуда, ба шахси дигар интиқол шудааст ё ба манфиати бевоситаи чунин шахс истифода бурда мешаванд, ба истиснои аҳдҳои байни шахсони мустақил софдилона басташуда, ки маблағҳои он барои харидории молу мулк, маҳсулот ё хизматрасонӣ истифода бурда мешаванд;

- ду ё зиёда қарзгирон/муштариён дар ширкати умумӣ чунин фаъолият мебаранд, ки сарчашмаи интизоршавандаи пардохти ухдадориҳои онҳо дар назди ташкилоти қарзии исломӣ ягона мебошад;

- худи ҳамон шахс, ҳамзамон дар ду ва ё зиёда қарзгир/муштариёни шахсони ҳуқуқӣ вазифаи корманди роҳбарикунандаро ишғол мекунад;

- 50 фоиз ва аз он зиёди расидҳои умумии шахси ҳуқуқӣ ё хароҷоти умумии солона (аз ҷумла даромад/хароҷотҳои умумии шахси ҳуқуқӣ, қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломии дохилии ширкат, дивидендҳо, саҳмгузории сармоявии шахси ҳуқуқӣ ва расид ё пардохтҳои ба онҳо монанд) аз амалиёт бо қарзгири/муштарии дигар бармеоянд;

- ду ё зиёда қарзгир/муштарӣ маблағи қарзи исломӣ/маблағгузории исломии худро барои харидории ширкате, ки таҳти назорати умумии онҳо мегузарад, истифода мебаранд ва дар ин ҳолат, қарзҳои исломии/маблағгузориҳои исломии барои харидории ширкат истифодашуда тибқи ҳамин Дастурамал ҷамъ карда мешаванд.

Эзоҳ: Мафҳуми "назорат" дар банди мазкур маънои зеринро дорад:

- ба таври мустақим ё ғайримустақим, тавассути як ё якчанд шахс молик, назораткунанда ё дорандаи 25 фоиз ё бештар аз он саҳмияҳои овоздиҳанда ва ё ҳиссаҳои шахси ҳуқуқӣ бошад;

- имконияти интихоби аксарияти роҳбарони шахси ҳуқуқиро дошта бошад;

- дорои ваколати назоратии дигаре бошад, ки Бонки миллии Тоҷикистон муайян кардааст.

Маблағи маҷмӯии талаботи ташкилоти қарзии исломӣ ё ташкилотҳои фаръии он нисбат ба қарзгир/муштарӣ (ё гурӯҳи қарзгирони/муштариёни ба ҳам алоқаманд), инчунин қарзҳои исломии/маблағгузориҳои исломии батаъхирафтода, аз ҷумла даромадҳои ҳисобшударо дарбар мегирад.

58. Ташкилоти қарзии исломӣ ва ташкилотҳои фаръии он ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои зерин қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ намедиҳанд, агар:

- маблағи умумии бақияи қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломии калони ташкилоти қарзии исломӣ ва ташкилотҳои фаръии он ба ин шахс аз бист фоизи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ зиёд бошад;

- маблағи умумии бақияи қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломии калони ташкилоти қарзии исломӣ ва ташкилотҳои фаръии он аз андозаи секаратаи маблағи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ зиёд бошад.

59. Муқаррароти банди 58 Дастурамали мазкур нисбат ба аҳдҳои бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё таҳти кафолати он басташуда татбиқ намегардад.

60. Ҳангоми муайян намудани андозаи хавфи қарзии исломӣ/маблағгузории исломии ташкилоти қарзии исломӣ бояд инҳоро ба ҳисоб гирад:

- маблағи умумии қарзи исломӣ/маблағгузориҳои исломие, ки ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ ба қарзгир/муштарӣ ё гурӯҳи қарзгирони/муштариёни алоқаманд бо асъори миллӣ ва хориҷӣ дода шудаанд;

- ухдадориҳои қарзии исломӣ/маблағгузории исломие, ки аз тарафи муштарӣ то ҳол истифода бурда нашудаанд;

- эътиборномаҳои (аккредитивҳои) ба муштарӣ додашуда;

- шартномаҳо бо асъори хориҷӣ, ки аз тарафи ин муштарӣ то ҳол пардохт нашудааст;

- кафолат ва замонате, ки ба як қарзгир/муштарӣ ё ба гурӯҳи қарзгирони/муштариёни алоқаманд дода шудаанд;

- коғазҳои қиматноки исломӣ ва саҳмияҳои қарзгир/муштарӣ ё гурӯҳи қарзгирони/муштариёни алоқаманд, ки ташкилоти қарзии исломӣ харидааст.

61. Хавфи қарзии исломӣ/маблағгузории исломӣ ба як қарзгир/муштарӣ ё ба гурӯҳи қарзгирон/муштариёни бо ҳам алоқаманд аз тарафи ташкилоти қарзии исломӣ ва ташкилотҳои фаръии он додашуда, ки аз 5% сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ зиёд мебошад, ҳамчун қарзи исломӣ/маблағгузории исломии калон ба шумор меравад.

## 9. АНДОЗАИ НИҲОИИ ХАВФИ ҚАРЗҲОИ ИСЛОМӢ/МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ИСЛОМИИ КАЛОН (КЗ- 2)

62. Андозаи ниҳоии хавфи қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои калони исломӣ ҳамчун қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломии калон нисбат ба сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ бо фоиз муқаррар карда мешавад.

63. Андозаи ниҳоии хавфи қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломии калон ҳамчун таносуби ҷамъи бақияи холиси тавозунии қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломии калон $SKk$ ба сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ муайян карда мешавад.

$$K3-2=\frac{SKk}{Cm}$$

64. Андозаи ниҳоии хавфи ҳамаи қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломии калони ташкилоти қарзии исломӣ ва ташкилотҳои фаръии он ба андозаи на зиёда аз 3 маротибаи сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ муқаррар карда мешавад.

## 10. АНДОЗАИ НИҲОИИ ХАВФ БАРОИ ЯК ҚАРЗГИР/МУШТАРӢ-ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ИСЛОМӢ (КЗ- 3)

65. Ҳангоми муайян намудани андозаи хавфи қарзии исломӣ/маблағгузории исломӣ маблағи умумии қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломӣ ва ҷойгиркунии муҳлатноке, ки аз ҷониби ташкилоти қарзии исломӣ ба дигар ташкилоти қарзии исломӣ дода шудаанд, чунин муайян карда мешавад:

$$K4-1=\frac{Ka}{Cm}*100\%$$

ки дар ин ҷо: $Kmk$ - бақияи холиси тавозунии қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломӣ ва ҷойгиркунии муҳлатноки ба дигар ташкилоти қарзии исломӣ додашуда бо пули миллӣ ва асъори

хориҷӣ мебошад.

Андозаи ниҳоии хавф барои дигар ташкилоти қарзии исломӣ (К3- 3) то 20%- и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ муқаррар карда мешавад.

## 11. АНДОЗАИ НИҲОИИ ҚАРЗҲОИ ИСЛОМӢ/ МАБЛАҒГУЗОРИҲОИ ИСЛОМӢ, КАФОЛАТҲО ВА ЗАМОНАТҲО БА ШАХСОНИ ВОБАСТА (К4. 1)

66. Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир/муштарӣ- шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ (К4- 1) чунин муайян карда мешавад.

$$K4-2=\frac{SKa}{Cm}*100\%$$

дар ин ҷо: *Ка* – бақияи холиси тавозунии қарзҳои исломӣ/ маблағгузориҳои исломӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки ба як қарзгир/муштарӣ - шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ дода шуда ва ҷамъи талаботи ғайритавозунии ташкилоти қарзии исломӣ (100%- и кафолатҳо ва замонатҳо), коғазҳои қиматноки қарзии исломӣ, саҳмияҳои ин қарзгир/муштарӣ- шахси вобаста;

*Cm* - сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ.

67. Андозаи ниҳоии хавф ба як қарзгир/муштарӣ - шахси вобаста (К4- 1) то 2%- и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ муқаррар карда мешавад.

68. Хавфи умумии қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломие, ки ба шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ дода шудаанд (К4- 2), наметавонад аз 10%- и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ зиёд бошад.

Меъёри мақбули К4- 2 чунин муайян карда мешавад:

$$K3-3=\frac{Km\kappa}{Cm}*100\%$$

дар ин ҷо: *SKa* – ҷамъи бақияи холиси тавозунии қарзҳои исломӣ/маблағгузориҳои исломӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ, ки ба қарзгирон/муштариён- шахсони вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ дода шуда ва ҷамъи талаботи ғайритавозунии ташкилоти қарзии исломӣ (100%- и кафолатҳо ва замонатҳо), коғазҳои қиматноки исломӣ, саҳмияҳои ин қарзгирон/муштариён- шахсони вобаста;

*Cm*- сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзии исломӣ.

69. Ташкилоти қарзии исломӣ наметавонад бо шахсони вобаста амалиётҳои зеринро гузаронад, агар:

- қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ ва дигар амалиёт, ки шартҳои онҳо ба таври хаттӣ аз ҷониби аксарияти аъзои Шӯрои нозирон бо тартиби дар бандҳои 70 ва 71 Дастурамали мазкур пешбинишуда ба расмият дароварда нашудааст ё дар ҳолати филиали бонки хориҷӣ аз тарафи роҳбари он маъқул дониста нашавад;
- меъёри даромад ва ҳаққи хизматрасонии гирифташаванда аз рӯи қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ ва дигар амалиётҳо аз меъёри бозории амалкунанда барои чунин амалиётҳо пасттар бошад;
- меъёри даромад ва ҳаққи хизматрасонии пардохтшаванда аз рӯи амонатҳои исломӣ (пасандоз), суратҳисобҳои сармоягузорӣ ва дигар амалиётҳо аз меъёри бозории амалкунанда барои чунин амалиётҳо зиёдтар бошад;
- мӯҳлати қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ ва/ё барасмиятдарории он барои ин гуна шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқӣ назар ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки шахсони ҳуқуқӣ ё воқеии вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ нестанд, бартарият дошта бошад;
- мӯҳлати амонатҳои (пасандоз) исломӣ ва шарту шароити он аз дигар амонатҳои (пасандозҳои) исломӣ мавҷудбуда моҳиятан фарқ дошта бошад;
- мӯҳлати суратҳисоби сармоягузорӣ ва шарту шароити он аз дигар амонатҳои (пасандозҳои) исломӣ мавҷудбуда моҳиятан фарқ дошта бошад;
- қарзи исломӣ/маблағгузории исломии ба кормандони роҳбарикунандаи ташкилоти қарзии исломӣ додашуда, аз ҷумла ҳар гуна қарзи исломӣ/маблағгузории исломии аз тарафи як ё якчанд бонки фаръии ташкилоти қарзии исломӣ додашуда аз сӣ фоизи даромади солонаи ин шахс зиёд бошад;
- сифати гарави аз тарафи ҳамин гуна шахсони воқеӣ ё шахсони ҳуқуқии вобаста пешниҳодшуда аз сифати гарави аз тарафи шахсоне, ки шахсони алоқаманд ҳастанд, пасттар бошад.

70. Дар давоми ду соли аввали фаъолияти ташкилоти қарзии исломӣ додани қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ ба шахсони вобаста манъ аст.

71. Қарори Шӯрои нозирони ташкилоти қарзии исломӣ, ки дар банди 68 Дастурамали мазкур пешбинӣ шудааст, дар асоси ифшои пурраи ҳамаи шартҳо ва мӯҳлатҳои моддии аҳд қабул карда мешавад. Мушаххасоти баррасии масъала ва далелҳо оид ба он, ки ин амалиёт одилона буда, ба манфиати ташкилоти қарзии исломӣ ҷавобгӯ аст, дар пайнавишти маҷлиси Шӯрои нозирон бояд сабт карда шавад. Ташкилоти қарзии исломӣ, бояд сабти хаттии чунин қарор ва пайнавишт, аз ҷумла ифшои шарту шароити моддии амалиёти дар ҳамин қисм пешбининамуда, бо ному насаби аъзои Шӯрои нозиронро, ки ҳамин амалиётро тасдиқ кардаанд, нигоҳ дорад.

72. Узви Шӯрои нозирони ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад, ки дар давраи баррасӣ ва тасдиқи амалиёт байни ташкилоти қарзии исломӣ ва шахсони зерин, иштирок намояд:

- байни ташкилоти қарзии исломӣ ва худи ӯ;
- байни ташкилоти қарзии исломӣ ва аъзои оилаи ӯ;
- байни ташкилоти қарзии исломӣ ва ҳама гуна шахсони ҳуқуқӣ, ки дар он худи ӯ ё аъзои оилаи ӯ ҳиссаи иштироки афзалиятнок доранд ё узви Шӯрои нозирон, Раёсат мебошад ё дар вазифаи ба онҳо баробар кор мекунад.

73. Дар Дастурамали мазкур ҳама гуна амалиётҳои ташкилоти қарзии исломӣ бо ҳама гуна шахс ҳамчун амалиёт бо шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ ҳисоб карда мешавад, агар фоидаи амалиёт ба манфиати шахси вобаста истифода шавад ё ба манфиати шахси вобаста гузаронида шавад.

74. Ташкилоти қарзии исломӣ ӯҳдадор аст оид ба ҳама амалиётҳои бо шахсони вобаста алоқамандро, ки аз маблағи 50 000 сомонӣ зиёд мебошанд, ба Бонки милии Тоҷикистон ҳар семоҳа, дар давоми як моҳ баъд аз анҷоми семоҳаи тақвимӣ, ҳисобот диҳад. Ин гуна ҳисобот бояд маълумоти зеринро дарбар гирад:

- ному насаби шахси вобастаи дар амалиёт алоқамандбуда;
- агар амалиёт бо ҳама гуна тарафҳои сеюм, ки дар банди

Дастурамали мазкур нишон дода шудааст, номи ҳамон тарафи сеюм;

- маблағи амалиёт;
- намуди амалиёт, шарт ва муҳлати он;
- ҳолати ҷории амалиёт.

75. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад аз шахсони вобастаи худ қарзҳои исломӣ/маблағгузории исломии ғайрифаъол, қарзҳои исломӣ/маблағгузории исломии таҷдидшуда ё гарави барои бозфуруш гирифташудаи онҳоро харидорӣ намояд.

76. Ташкилоти қарзии исломӣ ҳуқуқ надорад, ки ба ҳама гуна шахсон дар ҳолати истифодаи маблағи қарзи исломӣ/маблағгузории исломӣ барои мақсадҳои зерин, қарзи исломӣ диҳад ё маблағгузорӣ намояд:

- пардохти ӯҳдадорӣ ба шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ;
- харидорӣ намудани дороӣ аз шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ;
- сармоягузорӣ ба фаъолияти хоҷагидории (тиҷорати) шахси вобастаи ташкилоти қарзии исломӣ.

## 12. МЕЪЁРИ ИСТИФОДАИ МАБЛАҒҲОИ ХУДИИ ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ИСЛОМӢ БАРОИ ХАРИДОРИИ САҲМИЯҲОИ ДИГАР ШАХСОНИ ҲУҚУҚӢ (К5)

77. Ин меъёри мақбул ҳамчун таносуби маблағи сармоягузориҳо ва сармояи танзимшаванда муқаррар карда мешавад:

$$K5 = \frac{Sm}{Cm} * 100\%$$

дар ин ҷо: $Sm$ – маблағи сармоягузориҳо барои харидории саҳмияҳои дигар шахсони ҳуқуқӣ, яъне ҷамъи ҳисобҳои тавозунии 117529+117537+117539+117573+117581+117583+117617+117625+117627

ва $Cm$ – сармояи танзимшаванда.

Меъёри (К5) ба андозаи на зиёда 20%- и сармояи танзимшаванда муқаррар карда мешавад.

Ба ташкилоти қарзии исломӣ харидани саҳмияҳои ҷамъияти хориҷӣ (ғайрирезидент) бе розигии хаттии Бонки миллии Тоҷикистон манъ аст, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки ташкилоти қарзии исломӣ онҳоро дар натиҷаи анҷом додани амалиёти бонкии исломӣ соҳиб шуда бошад.

## 13. МЕЪЁРИ ТАНЗИМИ АМАЛИЁТИ ҶАЛБИ АМОНАТҲО ВА ПАСАНДОЗҲОИ ИСЛОМӢ БАРОИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ИСЛОМИИ ҒАЙРИБОНКӢ ВА ТАШКИЛОТҲОИ АМОНАТИИ ҚАРЗИИ ХУРДИ ИСЛОМӢ (К7)

78. Меъёри танзими ҷалби амонатҳо ва пасандозҳои исломӣ ҳамчун маблағи амонатҳо ва пасандозҳои исломӣ ($Amn$) нисбат ба сармояи танзимшаванда ($Cm$) муайян карда мешавад:

$$K7 = \frac{Amn}{Cm}$$

дар ин ҷо: $Amn$ – бақияи ҳисобҳои амонатӣ (пасандозӣ), яъне

- гурӯҳи х/т "Амонатҳои дархостии резидент/ғайрирезидентҳо аз рӯи вадиъа ва қарзи ҳасана" (х/т200002+200004+200006+200008+200014+200016+200018+200020);
- гурӯҳи х/т "Амонатҳои пасандозии резидент/ғайрирезидентҳо аз рӯи вадиъа, қарзи ҳасана, табарруқ ва музораба" (200026+200028+200040+200042+200044+200046+200048+200060+200062+ 200064+200066+ 200068+200080+200082+200084+200086);
- гурӯҳи х/т "Амонатҳои муҳлатноки резидент/ғайрирезидентҳо аз рӯи вадиъа, қарзи ҳасана, табарруқ ва музораба" (х/т 200088+200200+200202+200204+200206+200208+200210+200212+200214+ 200216+200218+200220+200222+200224+200226+200228).

ва $Cm$ – сармояи танзимшаванда.

Меъёри танзими ҷалби амонатҳо ё пасандозҳои исломӣ то 3 маротибаи сармояи танзимшаванда муқаррар карда мешавад.

## 14. ДАР БОРАИ НАЗОРАТ АЗ РӮИ РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ МАҚБУЛ

79. Назорат дар асоси ҳисоботҳои тавозунии моҳонаи ташкилотҳои қарзии исломӣ, маълумотномаҳои аз ҷониби роҳбари ташкилоти қарзии исломӣ ва сармуҳосиб ба имзо расида, ҳисоби меъёрҳои мақбул ва рамзкушоии ҳисобҳои алоҳидаи тавозунӣ ҳар моҳ анҷом дода мешавад. Аз рӯи натиҷаҳои баррасии ҳисоботи тавозунии моҳона ва маълумотномаҳо дар муддати на дертар аз як моҳ, воҳиди сохтории Бонки миллии Тоҷикистон оид ба назорати бонкӣ хулосаҳои дахлдорро ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон барои қабули қарор пешниҳод менамояд.

80. Роҳбарияти ташкилотҳои қарзии исломӣ бояд ҳар моҳ ба Шӯрои нозирон оид ба иҷрои меъёрҳои мақбул ҳисобот диҳад.

81. Дар мавриде, ки роҳбарият ва ё Шӯрои нозирони ташкилотҳои қарзии исломӣ аз ҳолати вайроншавии ягон меъёри мақбул огоҳ мешаванд, онҳо бояд Бонки миллии Тоҷикистонро аз ин ҳолат хабардор намоянд. Хабардор накардан боиси аз тарафи Бонки миллии Тоҷикистон татбиқ гардидани чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзии исломӣ, аз ҷумла мақоми идоракунии онҳо мегардад.

82. Дар мавриди аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ вайрон кардани меъёрҳои мақбул, Бонки миллии Тоҷикистон чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасонӣ нисбат ба онҳо татбиқ менамояд. Дар давоми 10 рӯз аз санаи вайроншавии меъёрҳои мақбул, роҳбарияти ташкилотҳои қарзии исломӣ бояд ба Бонки миллии Тоҷикистон нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда оид ба бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва роҳҳои ба танзим даровардани риояи меъёрҳои мақбулро пешниҳод намояд.

83. Дар ҳолати аз ҷониби ташкилотҳои қарзии исломӣ риоя накардани меъёрҳои мақбул, ки Дастурамали мазкур пешбинӣ намудааст, Бонки миллии Тоҷикистон дархости онҳоро дар бораи кушодани филиалҳо, намояндагиҳо, гирифтани иҷозатномаҳои иловагӣ дастгирӣ намекунад ва дархости ташкилотҳои қарзии исломиро барои гирифтани аккредитатсия дар хусуси ширкати онҳо дар барномаҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор намедиҳад.

84. Ташкилотҳои қарзии исломӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда барои дуруст ва саҳеҳ омода кардани ҳисоботҳо оид ба ҳолати меъёрҳои мақбул масъулият ба зимма доранд.

# Ш. Зардов:
# "ИМРӮЗ ДОРОИҲОИ УМУМИИ БОНКҲОИ ИСЛОМӢ БЕШ АЗ 2 ТРЛН. ДОЛЛАРИ ИМА-РО ТАШКИЛ МЕДИҲАНД"

Тавре Воситаҳои ахбори оммаи дохилӣ ва хориҷӣ хабар дода буданд, 16 сентябри соли 2019 аввалин маротиба дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси моддаҳои марбутаи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" ва "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ"ба нахустин бонки исломӣ – ҶСК "Тавҳидбонк" барои анҷом додани амалиёти бонкии исломӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ иҷозатнома дода шуд. Дар ҷараёни супоридани иҷозатнома Ҷамшед Нурмаҳмадзода, раиси Бонки миллии Тоҷикистон ба И.в. раиси ҶСК "Тавҳидбонк" Шералӣ Зардов изҳор намуд, ки ин навиди хотирмон дар низоми бонкии кишвар як саҳифаи наверо боз менамояд ва барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва кушодани бонкҳои нав бо принсипи бонкдории исломӣ дар Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард.



**Шералӣ Зардов,** И.в. Раиси ҶСК "Тавҳидбонк"

**Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар робита ба фаъолият оғоз кардани ташкилоти нав, нақшаҳои корӣ, дурнамо, аввалин комёбиҳо ва мушкилоти пайдошуда бо И.в. раиси Раёсати ҶСК Тавҳидбонк" Шералӣ Зардов мусоҳибаи ихтисосие анҷом дод ва инак, муҳтавои онро манзури хонандагони гиромӣ мегардонад.**

**– Муҳтарам Шералӣ Давлаталиевич, нахуст аз Шумо хоҳиш менамоем, ки дар бораи мафҳуми бонкдории исломӣ чанд сухан гӯед.**

— Бо камоли майл дар ибтидо мехоҳам роҷеъ ба мафҳуми бонкдории исломӣ каме шарҳу тавзеҳоти хешро баён намоям. Қабл аз ҳама, бонкдории исломиро мебояд берун аз консепсияи идеологӣ ва динӣ дарк кард. Зеро бонкҳои исломӣ муассисаи миёнарави молиявӣ буда, дар иқтисодиёт ҳамон вазифаҳоеро анҷом медиҳанд, ки бонкҳои анъанавӣ доранд. Ба ҳеҷ ваҷҳ набояд бонкҳои исломиро ҳамчун муассисаи хайриявӣ ва динӣ донист. Бонкҳои исломӣ – муассисаи молиявӣ-тиҷоратӣ буда, мақсадаш ба даст овардани фоидаи иқтисодӣ бо риояи талаботҳои шаръӣ мебошад.

Функсияи бизнес-модели бонкдории исломӣ аз функсияи бонкдории анъанавӣ ҳеҷ тафовуте надорад. Ин ду бизнес-модел фаъолияти низоми пардохти миллиро таъмин намуда дар иқтисодиёти миллӣ ба ҳайси миёнарави молиявӣ баромад мекунанд.

Бонкдории исломӣ – ин фаъолияти миёнаравии молиявиест, ки бар меъёрҳои шариатӣ асос ёфтааст. Ба ибораи дигар, ин як навъ фаъолияти тиҷоратӣ-молиявиест, ки дар фаъолияти он истифодаи консепсияи "фоизи қарз" инкор карда шуда, консепсияи "фоида"

эътироф карда мешавад.

Як формулаи хеле маъмул аст, ки дар он моҳияти бонки исломӣ хеле рӯшану барҷаста муайян карда мешавад:




Баъзеҳо бонкдории исломиро – низоми бонкии бидуни “рибо” медонанд. Яъне бонкдории исломӣ – чунин низоми бонкие мебошад, ки дар фаъолияти он ситонидани фоизи қарз (рибо) ва рибоситонӣ ҷой надорад.

### — Шумо дурнамои рушди бонкдории исломиро дар чӣ мебинед?

— Тайи даҳсолаҳои охир низоми муосири иқтисоди глобалӣ ноустувор гашта, бӯҳронҳои шадиду батакрор мӯҷиби халалдоршавии рушди босуботи иқтисодию молиявии ҷомеаи башарӣ гаштаанд. Такроршавии зуд-зуди бӯҳронҳои шадид дар низоми амалкунандаи иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, аз фарсудашавӣ, беэътимодӣ ва осебпазирии онҳо гувоҳӣ медиҳад. Яъне, низомҳои мазкур ба ислоҳ, таҷдид, тағйир ва алтернативаҳои нав ниёз доранд.

Низоми молиявӣ ва бонкии ҷаҳонӣ дар зери таъсири бӯҳронҳои солҳои охир аз соҳаҳои дигар дида бештар ба зиён ва хисороти молиявӣ дучор гаштанд. Танҳо бӯҳрони молиявии глобалии солҳои 2007-2008 маҷбур сохт, ки фақат дар як Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар тӯли як сол беш аз 100 бонк худро муфлис эълон намуда, фаъолияташонро қатъ намоянд. Аммо, новобаста аз тезутундшавии вазъи бӯҳронӣ дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ, бонкҳои исломӣ дар муқобили он суботу пойдории молиявии хубе нишон доданд. Бонкҳои исломӣ дар муқобили бӯҳронҳои молиявӣ-иқтисодӣ исбот намуданд, ки ин низом дар муқоиса ба низоми бонкдории анъанавии ба консепсияи фоиз асосёфта, низоми беҳтар, самараноктар ва аз лиҳози молиявӣ босуботтар мебошад. Тибқи маълумотҳои оморӣ бонкҳои исломӣ дар муқоиса ба бонкҳои анъанавӣ, марҳилаҳои бӯҳрониро бо талафоту зарари молиявии камтар паси сар кардаанд.

Бӯҳронпазирии низоми иқтисодӣ ва молиявии амалкунандаи ҷаҳонӣ диққату таваҷҷӯҳи олимону мутахассисони соҳаро ба дигар низомҳои алтернативӣ, бахусус ба назария ва амалияи низоми иқтисодӣ ва молияи исломӣ зиёд намудааст. Тайи ду даҳсолаи охир олимону мутахассисони соҳаи иқтисод ва бонкдорӣ ҳарчӣ бештар ба назария ва амалияи низоми бонкдории навини исломӣ, ки дар тӯли асри XX зуҳур ва рушд кардааст мутаваҷҷеҳ шудаанд. Босуботӣ ва пойдории молиявии бонкҳои исломӣ дар вазъи бӯҳронӣ ва динамикаи рушди онҳо дар даҳсолаҳои охир қобили таваҷҷӯҳ аст. Қобилияти бӯҳронпазирии низоми иқтисодӣ - молиявии исломии ба принсипҳои шариатӣ асосёфта, дар муқоиса бо низоми иқтисодӣ-молиявии классикии ба назария ва таҷрибаи илми иқтисоди аврупоӣ асосёфта, аз ҷониби олимону иқтисоддонҳо ва таҳлилгарон устувортару боэътимод арзёбӣ шудааст. То оғози ҳазорсолаи сеюм илму назария, таҷрибаи иқтисодӣ ва бонкдории аврупоиён беҳтарин, боэътимодтарин, ягона, осебнопазиру ҳукмрон ва дар ҷомеаи башарӣ бидуни алтернатива муаррифӣ мешуд. Низоми молиявии глобалӣ дар заминаҳои ҳуқуқӣ, илмӣ, назариявӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва таҷрибавии мардуми Аврупо ташаккул ёфта, тули садсолаҳо аз ҷониби дигар миллату мардумон бе назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ, урфу одат, талаботи динию мазҳабӣ ва фарҳангияшон ба тариқи маҷбурӣ ва ё ихтиёрӣ қабулу нусхабардорӣ карда мешуд.

Солҳост, ки олимону мутахассисони соҳа, пажӯҳишгоҳҳои илмии дунё ва институтҳои молиявии глобалӣ нуқсу камбуд ва бӯҳронпазирии низоми иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳониро ба назар гирифта, дар пайи таҷдид, эҳё ва ивази он саъю талошҳои зиёд мекунанд. Бинобар ин, имрӯз маблағҳои зиёд барои пиёдагардонии омӯзишу тадқиқотҳои

илмӣ оид ба дарёфти моделҳои нави рушд, моделҳои алтернативӣ ва инноватсионии низоми молиявӣ ва иқтисоди ҷаҳонӣ сармоягузорӣ карда мешаванд. Дар ин асно, баъзе аз унсурҳои бизнес - модели бонкдории исломӣ ҷиҳати таҷдид ва азнавкунии низоми молиявии ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Бесабаб нест, ки солҳои охир мавзӯи иқтисод, молия ва бонкдории исломӣ дар шароити бухронӣ ба яке аз мавзӯҳои актуалӣ табдил ёфтааст.

**— Кадом омилҳо сабаби пойдорӣ ва суботи низоми бонкии исломӣ нисбат ба бонкдории анъанавӣ шуда метавонанд ва тафовут байни ин ду низом дар чист?**

— Тавре қайд гардид, даҳсолаҳои охир такрорёбӣ ва шиддатнокии бухронҳои иқтисодӣ - молиявӣ суботи молиявии аксари бонкҳои анъанавиро заифу халалдор кардааст. Низоми бонкдории исломӣ бошад, дар муқобили бухронҳои шадиди иқтисодию молиявӣ устуворӣ ва пойдории бесобиқаи худро исбот намуд. Бо назардошти қобилияти баланди бухронпазирӣ ва пойдории молиявии бизнес – модели бонкдории исломӣ солҳои охир дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, аксар мамолики Аврупо, Ҷопон ва дигар мамолики дунё татбиқу пиёдагардонии таҷрибаи бонкдории исломӣ авҷ гирифта, ҳамасола вусъат меёбад. Динамикаи рушд ва вусъатёбии бонкҳои исломӣ дар мамолики

> Қобилияти бухронпазирии низоми иқтисодӣ - молиявии исломии ба принсипҳои шариатӣ асосёфта, дар муқоиса бо низоми иқтисодӣ-молиявии классикии ба назария ва таҷрибаи илми иқтисоди аврупоӣ асосёфта, аз ҷониби олимону иқтисоддонҳо ва таҳлилгарон устувортару боэътимод арзёбӣ шудааст.

ғайримусулмонӣ дар муқоиса ба давлатҳои мусулмонӣ бештару болотар аст.

Маълум аст, ки бизнес – модели бонкҳои анъанавӣ асосан ба пешниҳоди қарз ва фоизситонӣ асос ёфта, даромади фоизӣ манбаи асосии даромади онҳоро ташкил медиҳад. Асоси бизнес – модели бонкҳои исломиро фаъолияти маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ дар асоси принсипи шарикӣ, маблағгузории дороиҳои воқеӣ, тақсими фоидаву зарар байни бонки исломӣ ва муштарӣ ташкил медиҳад. Ин намуди фаъолият манбаи асосии дарёфти фоидаи бонкҳои исломӣ ба шумор меравад. Аз нигоҳи ислом ҳамагуна фаъолияти қарздиҳӣ ва маблағгузории ба фоиз (рибо) асосёфта, механизми ноадолатона маҳсуб ёфта, анҷом додани он манъ шудааст. Аз ин лиҳоз, бонкҳои исломӣ ситониданифоизро дар амалиётҳои қарзӣ ва маблағгузориҳои худ таҷриба намекунанд. Дигар хусусияти фарққунандаи бонкҳои анъанавӣ аз исломӣ дар он зоҳир мешавад, ки фаъолияти онҳо тибқи қонунҳои башарӣ бе назардошт ва риояи қонунҳо ва фармудаҳои илоҳӣ ба роҳ монда шудааст. Бизнес-модели бонкҳои анъанавӣ дар асоси консепсияи дарёфти фоидаи хусусӣ (шахсӣ) бе назардошт ва риояи принсипҳо ва меъёрҳои ахлоқӣ асос ёфтааст. Фаъолияти бонкҳои исломӣ тибқи қонунҳои Илоҳӣ ва талаботу меъёрҳои шаръӣ бо риояи қонунҳои амалкунандаи кишвар ба роҳ монда мешавад. Низоми бонкдории исломӣ ҷузъи низоми молиявӣ-иқтисодии исломӣ буда, фаъолияти он бо риояи ҳатмии принсипу меъёрҳои шариат ба роҳ монда мешавад.

**— Лутфан бигӯед, ки динамикаи рушди бонкдории исломӣ дар ҷаҳон дар кадом сатҳ қарор дорад ва таассуроти Шумо нисбат ба ояндаи он дар кишвар чӣ гуна аст?**

— Бо вуҷуди он ки ҳиссаи бонкҳои исломӣ дар низоми бонкии глобалӣ ҳамагӣ 3-4%-ро ташкил диҳад ҳам, аммо динамикаи рушди солонаи он қобили таваҷҷуҳ мебошад. Яке аз омилҳои асосии комёбии бонкдории исломӣ ба фаъолияти маблағгузории бо молу дороиҳои воқеӣ асосёфта, вобаста мебошад.

Бо мақсади таъмини суботи низоми бонкии кишвар ва устувории он дар рӯёрӯи бухронҳои молиявию иқтисодӣ ва дигар

падидаҳои номатлуб зарурат пеш омадааст, ки дар баробари бонкҳои анъанавӣ, дар низоми бонкии кишвар механизм ва инструментҳои наву алтернативӣ ва инноватсионии пешниҳоди маҳсулоту хизматрасониҳои бонкӣ мавриди истифода қарор ёбанд. Имрӯз дар таҷрибаи бонкдории ҷаҳонӣ мавқеи институтҳои молиявии исломӣ дар низоми молиявии анъанавӣ хеле қавӣ ва боло рафтааст.

Яке аз омилҳои дигари боло рафтани нуфузу эътибори байналхалқии бонкдории исломӣ дар он зоҳир гашта истодааст, ки теъдоди зиёди субъектҳои иқтисодӣ мехоҳанд, дар муносибатҳои иқтисодии худ аз принсипҳои қарздиҳии (маблағгузории) ба фоиз асосёфта, ба принсипҳои тақсимоти фоидаву зарар, масъулияти иҷтимоӣ ва ба дороиҳои воқеӣ асосёфта, гузаранд.

Бо назардошти вусъати глобалии модели бонкдории исломӣ ва новобаста аз рушди ночизи он дар кишвар, бо боварии комил метавон гуфт, ки рушди низоми бонкдории исломӣ дар доираи низоми бонкии анъанавӣ ояндаи хуб дорад. Бонкдории исломӣ ҳамчун модели перспективӣ дар ҷаҳон эътироф гардидааст ва дар таҷрибаи бонкдории давлатҳои гуногун мавриди истифодаи фаъол қарор дорад. Беш аз 98 дар сади аҳолии кишварро мусулмонон ташкил медиҳанд ва ҳамаи онҳо аз дастрасӣ ба маҳсулотҳо ва хизматрасониҳои молиявии ба меъёрҳои исломӣ асосёфта, маҳруманд. Имкониятҳои модели номбурда барои рушди низоми бонкӣ, рушди иқтисодиёт ва таъмину пешниҳоди хизматрасониҳои босифати алтернативии молиявӣ ба тамоми субъектҳои иқтисодии кишвар зиёданд ва мо бояд барои манфиатҳои иқтисодии миллӣ ва талаботи шаҳрвандон, саривақт ва пурра ин потенсиалро мавриди истифода қарор диҳем.

Қайд кардан бамаврид аст, ки аз бисёр ҷиҳат рушду пешрафт ва ояндаи бонкдории исломӣ дар ҷумҳурӣ аз омилҳои зерин, яъне: мавҷуд будани иродаи сиёсӣ, фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ (қонунӣ), таҳияи механизмҳои самараноки танзимӣ ва назоратӣ, интихоби реҷаи андозбандии содда ва созанда, вазъ ва талаботи бозорӣ, мавҷуд будани мутахассисони варзидаи соҳа, инфрасохтор ва экосистемаи бонкдории исломӣ вобаста мебошад.

Имрӯз бонкдории исломӣ барои рушду нумуи худ ба дастгирии бевоситаи давлатӣ ниёз дорад, фардо ин модели бонкдорӣ метавонад барои дастгирии молиявии низоми бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ шароит ва имконоти инвеститсионии зиёд фароҳам оварад.

## — Ба андешаи Шумо, заминаҳои ҳуқуқӣ барои рушди бонкдории исломӣ кадомҳоянд?

— Новобаста аз он, ки заминаҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии бонкдории исломӣ дар ибтидои зуҳури дини Ислом пайдо шудаанд, аммо зуҳури аввалин модели бонкҳои муосири исломӣ ба солҳои ҳафтодуми асри гузашта рост меояд. Умри низоми бонкдории муосири исломӣ наздики панҷоҳ солро ташкил диҳад ҳам, дар ин муддати начандон тӯлонӣ ин низом дар беш аз 90 давлати дунё, ки 40 дар сади онҳоро давлатҳои ғайримусулмонӣ ташкил медиҳанд паҳну интишор ёфтааст. Низоми бонкдории исломӣ динамикаи хуби рушди солона дошта, афзоиши миёнасолонаи он 10 - 15% - ро ташкил медиҳад ва тибқи маълумотҳои оморӣ, теъдоди умумияшон дар ҷаҳон ба беш аз 500 адад расидааст. Имрӯз дороиҳои умумии бонкҳои исломӣ беш аз 2 трлн. доллари амрикоиро ташкил дода, пайваста афзоиш меёбанд. Фаъолияти бонкҳои исломӣ на фақат дар мамолики араб ва дигар давлатҳо мусулмонӣ рушду пешрафт кардааст, динамикаи инкишофи онҳо дар давлатҳои саноатии рушдкардаи Британияи Кабир, Сингапур, Люксембург, Ҷопон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Олмон ва ғ. пайваста тамоюли болоравӣ дорад.

**Ташаббусҳои қонунгузорӣ:** Ҷиҳати татбиқ ва пешрафти модели бонкдории исломӣ дар кишвар аллакай аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон як қатор ташаббусҳои қонунӣ амалӣ карда шудаанд. Нахустин иқдоми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки миллии Тоҷикистон дар самти татбиқи бонкдории исломӣ ин буд, ки соли 2010 бо супориши Президенти кишвар ба хотири татбиқи

низоми бонкдории исломӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун нозир ба узвияти Шӯрои хизматрасонии молиявии исломӣ (IFSB) пазируфта шуд. Дар ин асно заминаҳои ҳуқуқӣ ва баъзе санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ" аз 26 июли соли 2014 ва "Тартиби табдилдиҳии ташкилоти қарзии анъанавӣ ба ташкилоти қарзии исломӣ" таҳия ва қабул гардиданд. Илова ба ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон зиёда аз 15 санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии исломӣ таҳия ва тибқи талаботи қонунгузорӣ бо Вазорати адлия мувофиқа карда шудаанд. Ҳамчунин дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030" ва дар "Барномаи миёнамуҳлати рушди ҷумҳурӣ барои солҳои 2016-2020" татбиқ ва рушди бонкдории исломӣ дар ҷумҳурӣ пешбинӣ шудааст. Ғайр аз ин, дар изҳороти Форуми соҳибкорон, ки 15 октябри соли 2018 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, ҷиҳати татбиқ ва вусъат бахшидани низоми бонкии исломӣ ва мушкилот дар ин самт қарорҳои зерин қабул карда шуданд:

- татбиқи бонкдории исломӣ барои васеъ намудани дастрасии аҳолӣ, аз ҷумла соҳибкорон ба хизматрасониҳои нави молиявӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ;
- татбиқи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти дастрасии бонкдории исломӣ тавассути фишангҳои монетарӣ;
- таҷдиди назар намудани Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти фароҳам овардани шароити баробар барои бонкҳои анъанавӣ ва бонкҳои исломӣ.

Қобили қайд аст, ки аллакай заминаҳои қонунӣ, ҳуқуқӣ ва танзимии аввалӣ барои оғози фаъолияти бонкҳои исломӣ дар кишвар фароҳам оварда шудаанд. Аммо масъалаҳои андозбандӣ, назоратӣ, танзимии бонкҳои исломӣ тағйиротҳои комплексӣ ва ҳамоҳангсози бисёре аз қонунҳои амалкунандаро талаб мекунад. Барои самаранок ва пурраю мукаммал фаъолият намудани бонкҳои исломӣ зарур аст, ки ташаббусҳои нави қонунбарорӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии лозима аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар ояндаи наздик низ амалӣ карда шаванд. Яке аз монеаҳои асосӣ барои ташкили бонкҳои исломӣ ва ё равзанаҳои исломӣ ин мушкилоти андозу андозбандии амалиётҳои бонкҳои исломӣ мебошад. Агар дар ояндаи наздик масоили андозбандии фаъолияти бонкҳои исломӣ тағйир дода нашаванд, пас татбиқи бизнес - модели бонкдории исломӣ дар кишвар кори сангин ва мушкил мегардад.

Низоми бонкии кишварро аслан ташкилотҳои қарзии (бонкҳо, фондҳои қарзии хурд, ташкилотҳои қарзии хурд, ташкилотҳои амонатӣ-қарзии хурд) анъанавии бо усули бонкдории ғарбӣ фаъолияткунанда ташкил дода, дар таркиби он бонкҳои мустақили исломӣ ва ё равзанаҳои исломии бо принсипҳои бонкдории исломӣ фаъолияткунанда то ҳол вуҷуд надоранд. Бинобар ин, теъдоди зиёди аҳолӣ ва тоҷирону соҳибкорон, бинобар таъмин нагаштани талаботҳои ахлоқӣ, эътиқодӣ ва динии худ, аз хизматрасониҳои расмии молиявӣ - бонкӣ маҳрум монда, воситаҳои пулии шахсӣ, сармояи тиҷоратӣ ва соҳибкории онҳо берун аз гардиши бонкӣ қарор дошта, ба иқтисодиёти миллӣ ягон манфиат намерасонанд. Ин ҳолат аз он гувоҳӣ медиҳад, ки теъдоди зиёди шаҳрвандони кишвар ва соҳибкорони ватанӣ аз хизматрасониҳои молиявӣ - бонкӣ маҳрум буда, дастрасӣ барои кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкии худро надоранд. Чунин ҳол ба он оварда расонидааст, ки теъдоди зиёди аҳолӣ ба низоми бонкӣ шомил набуда, сармоя ва воситаҳои пулии онҳо аз гардиши расмии бонкӣ ва инвеститсионӣ берун монда, равандҳои андӯхти сармоя дар иқтисодиёт халалдор шудааст. Таъсиси бонкҳои исломӣ метавонад мушкилоти мазкурро ҳаллу фасл намуда, дастрасии ҳамаи аҳолиро ба хизматрасониҳои молиявӣ - бонкӣ осон ва имконпазир гардонад.

**– Мақсад аз интихоб ва татбиқи низоми бонкдории исломӣ дар ҶСК "Тавҳидбонк" дар чист?**

— Яке аз мақсадҳои асосии табдил додани бонки анъанавии ҶСК "Соҳибкорбонк" ба бонки исломии ҶСК "Тавҳидбонк" - ин фарогирии он субъектҳои иқтисодӣ ва он қишри ҷомеа мебошад, ки аз дастрасӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ маҳрум гаштаанд.

Мақсадҳои табдилдиҳиро ҳамчунин метавон бо ҷумлаҳои зерин ифода намуд:

Аслан табдилдиҳии ҶСК "Соҳибкорбонк" ба бонки исломӣ ҳадафи стратегии саҳҳомони бонк бо назардошти тағйирёбии вазъ ва талаботи нави бозорӣ, тамоюлҳои иқтисодӣ, технологияи бонкӣ ва дигар равандҳои инноватсионӣ дар низоми молиявии ҷаҳонӣ буд. Ҳадаф аз табдилдиҳии бонк, пеш аз ҳама, ин имконият ва талаботи нави бозорӣ мебошад, ки мо мехоҳем дар он аз ҷумлаи аввалинҳо бошем ва бартарии рақобатпазириро дар он соҳиб шавем.

Сабаби дигари табдилдиҳӣ - ин кӯҳнашавӣ, фарсудашавӣ ва рақобатнопазирии бизнес - модели бонк буд.

Мақсади дигари табдилдиҳӣ ин диверсификатсияи низоми бонкии амалкунанда аз роҳи табдилдиҳии худи бонк ба шумор меравад. Низоми бонкӣ дер боз ба диверсификатсия ниёз дошт, зеро фақат аз ҳисоби муассисаҳои молиявии анъанавӣ ташаккул ёфтааст. Бо назардошти ин ва дигар омилҳои иқтисодӣ саҳҳомони бонк тасмим гирифтанд, ки бонкро аз бонки анъанавӣ ба як бонки алтернативӣ табдил дода, дар раванди диверсификатсияи низом саҳм гузоранд.

**Асоси бизнес – модели бонкҳои исломиро фаъолияти маблағгузорӣ ва сармоягузорӣ дар асоси принсипи шарикӣ, маблағгузории дороиҳои воқеӣ, тақсими фоидаву зарар байни бонки исломӣ ва муштарӣ ташкил медиҳад. Ин намуди фаъолият манбаи асосии дарёфти фоидаи бонкҳои исломӣ ба шумор меравад.**

Мақсади иҷтимоии ин амал - даст кашидан аз истифодаи консепсияи фоизи қарз ва гузаштан ба консепсияи маблағгузорӣ, сармоягузорӣ, шарикӣ, тақсими суду зиён ва хавфҳо байни бонк ва муштариён аст. Яъне, дар фаъолияти маблағгузории бонк ҷорӣ намудани принсипҳои адолати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, этикӣ ва бо ин васила аз нав эҳё намудани бовару эътимоди мардум ба низоми бонкии кишвар мебошад.

Мақсади ниҳоӣ – ин ҷалб, дарёфт ва дастрасӣ ба маблағҳои дарозмуддату арзон аз бозорҳои исломии сармоя, институтҳои молиявии исломӣ, воридшавӣ ба бозори сармояи мамолики араб ва таъмини хизматрасониҳои алтернативии бонкӣ ба он қишри аҳолӣ, ки аз хизматрасонии миёнаравии молиявии бонкии анъанавӣ барканор мондаанд ва аз ин роҳ ба даст овардани фоидаи муносиби тиҷоратӣ мебошад.

Барои тарҳрезии стратегияи нави рушди бонк бо назардошти табдили он ба бонки исломӣ, омӯзиш ва пажӯҳиши бозор, бозингарони калидӣ, талаботу пешниҳодот ба маҳсулоту хизматрасониҳои молиявии исломӣ ва ҳамчунин таҳлилу баррасии хавфҳо ва имкониятҳои эҳтимолии бозорӣ гузаронида шуданд. Дар баробари ин, ҷиҳати муайян намудани сатҳи огоҳии аҳолӣ ва субъектҳои иқтисодӣ аз принсипҳои маблағгузории исломӣ, фарқияти асосии ин навъи бонкдорӣ аз бонкдории анъанавӣ, намудҳои маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкдории исломӣ ва талабот ба он дар тамоми манотиқи кишвар пурсиш ва тадқиқоти маркетингӣ гузаронида шуд. Муайян карда шуд, ки 60-70% -и пурсидашудагон роҷеъ ба бонкдории исломӣ ва инструментҳои молиявии он маълумотҳои умумӣ ва ибтидоӣ доранд.

Натиҷаҳои пурсишҳову омӯзишҳо нишон доданд, ки новобаста аз сатҳи ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар кишвар талабот ба маҳсулотҳои он дар ҷумҳурӣ хеле зиёд аст. Умуман, муфлисшавии баъзе аз бонкҳои ватанӣ ва бадшавии вазъи пардохтпазирии қисмати дигари онҳо, аксарияти аҳолиро ба ҷустуҷӯ ва дарёфти методҳои нави маблағгузориҳои алтернативии боэътимод водор намудааст.

Аз натиҷаҳои пурсишу омӯзишҳои маркетингӣ чунин хулосабарорӣ метавон кард, ки дар ҳақиқат дар бозори кишвар талабот ба маҳсулотҳои бонкдо-

рии исломӣ ва маблағгузориҳои алтернативӣ зиёд буда, индустрияи маблағгузории исломӣ дар бозори молиявии кишвар ояндаи хуб дорад. Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳлилу бозоромӯзӣ бо интизории роҳбарияти бонк аз асосноккунии конверсияи бонк ба бонки исломӣ мувофиқ омад.

| Маҳсулоти маблағгузорӣ (қарзӣ) | Маҳсулоти амонатӣ-пасандозӣ |
|---|---|
| Муробаҳа | Музораба (с/ҳисоби пасандозӣ) |
| Иҷора | Музораба (с/ҳисоби мӯҳлатнок) |
| Салам | Вакала |
| Истисна | Қарз (с/ҳисоби дархостӣ) |
| Қарзи ҳасана (танҳо барои табдили сандуқи қарзии анъанавӣ) | |

**— Ба доираи мизоҷони бонки исломӣ киҳо дохил мешаванд?**

— Мақсади мо бунёди як бонки мустақили универсалии исломӣ барои қонеъгардонии ҳамагуна талаботи молиявӣ, маблағгузорӣ ва миёнаравии муштариёни бонк мебошад. Бонкҳои исломӣ, пеш аз ҳама, ин як навъи бонки тиҷоратӣ буда, мақсади асосияш бо риояи ҳатмии принсипу меъёрҳои шаръӣ (чун бонкҳои анъанавӣ) ба даст овардани фоида мебошад. Бояд тазаккур дод, ки дар таҷрибаи ҷаҳонӣ беш аз 40 фоизи мизоҷони бонкҳои исломӣ муштариёни ғайримусулмонанд. Бонк барои нигоҳ доштани муштариёни феълии худ (ба истисної муштариёне, ки ба истеҳсол ва фурӯши тамоку, нӯшокиҳои спиртӣ, яроқ, қиморбозӣ, маводи мухаддир ва дигар амалҳои мухолиф ба принсипҳои бонкдории исломӣ машғуланд) тамоми чораҳои заруриро хоҳад андешид. Барои ноил шудан ба ин мақсад ва ҷалби мизоҷони нав бонк дар оянда наздик барои ҳар як гурӯҳи муштариён намудҳои маҳсулот ва хизматрасониҳои гуногуни исломиро таҳия ва пешниҳод хоҳад кард.

**— Лутфан намудҳои фаъолияти бонк ва амалиётҳои онро шарҳ диҳед.**

— Фаъолияти бонк ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, яъне истеҳсоли молҳои ниёзи мардум ва воридотивазкунанда, кишоварзӣ, сохтмон, саноат ва тиҷорат равона гардида, бо ин мақсад аз маҳсулоти маблағгузорӣ (қарзӣ) ва амонатии ба принсипҳои бонкдории исломӣ асосёфта васеъ истифода карда мешавад. Ҳамзамон бонк ба муштариён пешниҳоди хизматрасониҳо ва иҷрои амалиётҳои бонкии анъанавие, ки хилофи принсипҳои бонкдории исломӣ нестанд, аз қабили амалиётҳои асъорӣ, хазинавӣ, интиқоли маблағ, ҳисоббаробаркунӣ, кортӣ, машваратӣ ва ғайраро бо гирифтани ҳаққи хизмати одилона идома медиҳад. Бо тавсия ва машварати Корпоратсияи рушди бахши хусусӣ (ICD) (мушовири раванди табдилдиҳии бонк) ва бо назардошти вазъи сандуқи қарзӣ ва амонатӣ, талаботи бозори хизматрасониҳои бонкӣ, ҳайати муштариён ва стратегияи рушди бонк барои солҳои 2019-2021, маҳсулоти исломии бонкии зерин барои истифода интихоб гардиданд:

Дар навбати аввал қарзҳои қолабии фаъоли бонк ба маблағи 500 000 сомонӣ ба қарзи бефоизи исломӣ (Қарзи ҳасана) табдил дода шуд. Ҳамзамон дар баробари мусбӣ арзёбӣ гардидани масъалаи андозбандии маҳсулоти бонкии исломӣ ва ворид гардидани тағйироту иловаҳои дахлдор ба Кодекси андоз дар соли аввали фаъолият ҳамчун бонки исломӣ ба муштариён (шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ) маблағгузориҳои кӯтоҳмуддат ва миёнамуҳлат дар асоси аҳди Муробаҳа пешниҳод гардида, солҳои минбаъда вобаста ба талабот дар бозори хизматрасониҳои молиявии кишвар аз аҳдҳои Иҷора, Салам, Истисна, Мушорака, Музораба ва зермаҳсулотҳои дар асоси консепсияҳои мазкур таҳиягардида, истифода бурда мешавад.

Дар мавриди табдили сандуқи амонатию пасандозии бонк, қайд кардан зарур аст, ки суратҳисобҳои дархостии шахсони ҳуқуқӣ ба суратҳисобҳои амонати исломӣ дар асоси консепсияи Қарз, суратҳисобҳои

пасандозии муштариён дар асоси Музорабаи пасандозӣ ва дар сурати розӣ будани муштариён - соҳибони амонатҳои муҳлатноки анъанавӣ, суратҳисобҳои мазкур ба Музорабаи муҳлатнок, яъне суратҳисобҳои амонати муҳлатнок ва ё сармоягузории исломӣ табдил дода мешаванд.

Барои таъмини сатҳи ҷоизи пардохтпазирии бонк ва ба эътидол овардани меъёри он, дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон, дигар ташкилотҳои қарзии кишвар ва муассисаҳои молиявии хориҷӣ дар назар аст, ки маҳсулотҳои Вакала ва Муробаҳаи молӣ (Таваррук) мавриди истифода қарор гиранд.

Бонк бо гирифтани Иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон тибқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ“ тамоми номгӯи амалиётҳои бонкии исломиро, ки дар қисми 1 моддаи мазкур пешбинӣ гардидаанд, дар фаъолияти минбаъдаи худ амалӣ менамояд.

**— Акнун, мехоҳем бифаҳмем, ки назари Шумо дар бораи дурнамои рушди бонк ва марҳилаҳои татбиқи он чӣ гуна аст?**

— Дурнамои рушди бонк барои солҳои 2018 - 2021 дар асоси натиҷаҳои омӯзишу пажӯҳиши бозори маҳсулоту хизматрасониҳои молиявию бонкӣ, дархосту талабот ба маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкдории исломӣ, имкону афзалиятҳои рушди ояндаи бонкдории исломӣ дар иқтисодиёти кишвар ва минтақаи Осиёи Миёна таҳия ва тарҳрезӣ шуда, се марҳилаи татбиқро дар бар мегирад.

Марҳилаи аввал: "Оғоз ва анҷоми раванди табдилдиҳӣ ва гузариш ба тарзи пешбурди бонкдории исломӣ ва оғози пешниҳоди аввалин маҳсулот ва хизматрасониҳои исломӣ". Марҳилаи мазкур давраи аз 1 феврали с. 2018 то августи с. 2019 –ро дар бар мегирад. Дар ин давра роҳбарияти бонк аслан ба ҳаллу фасли масоили марбут ба табдилдиҳии бонк мутаваҷҷеҳ гашта, бештар ба таблиғи хусусиятҳои хоси маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкдории исломӣ, таҳияи маҳсулотҳои нави исломӣ машғул мешавад. Дар ин давра бонк хизматрасониҳои бонкии исломиро тавассути 5 филиалу 48 Маркази хизматрасонии бонкии худ ба роҳ мемонад.

Бонк дар марҳилаи аввали фаъолияти худ ҳамчун бонки исломӣ нияти дар хориҷи кишвар кушодани филиалу намояндагиҳоро надорад, аммо дар ин давра ба хотири ба роҳ мондани муносибатҳои муросилотӣ ва иштирок дар биржаҳои молӣ ва коғазҳои қимматнок ҳамкориҳои мутақобилан судмандро бо бонкҳои исломӣ ва муассисаҳои молиявии байналмилалӣ вусъат ҳоҳад бахшид.

Натиҷаи ниҳоии татбиқи марҳилаи аввали Дурнамо: раванди табдилдиҳӣ ба анҷом расида, бонк тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ба бонки универсалии исломӣ табдил дода шуда, фаъолияти бонк ҳамчун аввалин бонки исломӣ дар тамоми қаламрави кишвар оғоз меёбад.

Марҳилаи дуюми рушди бонк: "Марҳилаи баъди табдилдиҳӣ, яъне ташаккулёбии потенсиали институтсионалӣ-техникии бонк ва кормандони он, саршавии фаъолияти воқеъии бонки исломӣ ва оғози маблағгузорӣ ва хизматрасониҳои исломӣ дар қаламрави кишвар" ба шумор меравад. Марҳилаи мазкур аз 1 ноябри с. 2019 то 31 декабри с. 2020 - ро дар бар мегирад. Ҳамчунин, дар марҳалаи дуюми рушди бонк ба нақша гирифта шудааст, ки теъдоди умумии филиалҳо ва марказҳои хизматрасониҳои бонк вобаста ба талаботи бозорӣ ва афзоиши теъдоди мизоҷон зиёд карда шавад. Дар ин давра афзоиши дукаратаи дороиҳои бонк аз ҳисоби афзоиши фоидаи соф, афзоиши сармояи бонк, ҷалби маблағгузориҳои мустақими хориҷӣ, ҷалби амонатҳои исломӣ пешбинӣ карда шудааст.

Марҳилаи сеюми рушди бонк: "Марҳилаи дастёбӣ ба суботи молиявӣ, афзоиши ҳаҷми даромаднокӣ, маблағгузориҳо, амалиётҳо, теъдоди мизоҷони бонк ва вусъатёбии фаъолияти минтақавии бонк" дар назар дошта шудааст. Марҳилаи

мазкур аз 1 январи соли 2021 оғоз меёбад. Марҳилаи сеюми рушди бонкро метавон ҳамчун марҳилаи вусъатёбӣ ва ё экспансияи фаъолияти хориҷии бонк (дар бозорҳои молиявӣ, бозорҳои сармоя ва байнибонкии хориҷӣ) муаррифӣ намуд. Роҳбарияти бонк нияти қавӣ дорад, ки дар марҳилаи мазкури рушди бонк, мавқеъ ва нуфузи бонкро ҳамчун бонки мукаммали универсалии исломӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ таъмин намуда, филиалу намояндагиҳои худро дар хориҷи кишвар кушода, амалиётҳои фаъоли бонкии худро дар ҳудуди минтақа вусъат бахшад. Ҳамчунин, дар ин марҳилаи рушди бонк барориши кортҳои исломӣ бо ҳамкорӣ бо шариконихориҷӣ (Кувайт, Русия, Миср) оиди пешниҳоди хизматрасонии ғайринақдии интиқоли маблағҳо аз Русия ба нақша гирифта шудааст.

### — Дар татбиқи аввалин маҳсулотҳои бонкии исломӣ ба кадом мушкилию монеаҳо рӯ ба рӯ шудаед?

— Масъалаи андозбандии маҳсулоти бонкии исломӣ мушкилии асосиест, ки ба ташаккул ва рушди бонкдории исломӣ дар кишвар таъсири манфӣ мерасонад. Чунки фаъолияти бонкҳои исломӣ ба фарқ аз бонкҳои анъанавӣ на пешниҳоди қарз дар шакли пулӣ ва гирифтани даромади фоизӣ, балки ба хариду фурӯш, иҷора ва дигар амалиёте, ки ба молу дороиҳои воқеӣ вобаста аст, ба роҳ монда мешавад. Тибқи Кодекси андози амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсулоти бонки исломӣ объекти андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ҳисобида мешаванд. Дар ин ҳолат арзиши маҳсулоти бонкҳои исломӣ бинобар сарбориҳои андозӣ дар муқоиса бо маҳсулоти бонкҳои анъанавӣ гарон шуда, рақобатпазирии онҳоро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ номумкин мегардонад. Қайд кардан бамаврид аст, ки бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон гурӯҳи корӣ ҷиҳати ҳалли мушкилоти андозбандии маҳсулоти бонкии исломӣ таъсис дода шуда, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия ва пешниҳод гардид. Қабулу ба тасвиб расидани тағйиру иловаҳои мазкур на танҳо аз иродаву ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон, балки аз дигар сохторҳои дахлдор, аз ҷумла Вазорати молия ва Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии амиқ дорад.

Мақсад аз пешниҳодҳо дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин тибқи тартиби якхела ва баробар андозбандӣ намудани аҳду амалиётҳои ташкилотҳои қарзии исломӣ ва ташкилотҳои қарзии анъанавӣ мебошад. Яъне, маҳсулоти ташкилотҳои қарзии исломӣ аз нуқтаи назари андозбандӣ амалиёти бонкӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун хизматрасонии молиявӣ дар шакли пешниҳоди қарзи тиҷоратӣ бо назардошти принсипҳои бонкдории исломӣ эътироф карда шаванд. Таҷрибаи татбиқи низоми бонкии исломӣ дар дигар давлатҳо, аз ҷумла ҳамсоякишварҳои мо собит намуд, ки ташаккул, тавсеа, рушд ва рақобатпазирии ташкилотҳои қарзии исломӣ бо ду роҳ имконпазир аст:

1) ворид намудани тағйироту иловаҳои зарурӣ ба қонунгузорӣ, бахусус Кодекси андоз;

2) пешниҳоди давраи озмоишӣ (пилотӣ) ба ташкилотҳои қарзии исломии навтаъсис.

Ва ниҳоят, метавон гуфт, ки ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё пешниҳоди давраи озмоишӣ (пилотӣ) имкон медиҳад, ки дар мамлакат барои фаъолияти муътадили сохтори мукаммали бонкӣ тибқи принсипҳои маблағгузории исломӣ шароити мусоид фароҳам оварда шавад.

**Мусоҳиб:**
**Мавҷуда Ҳасанова,**
**Сардори Шуъбаи матбуоти БМТ.**



# РОҲҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ЗАХИРАҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ

Қабл аз ҳама, бояд бигӯем, ки фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ омилу кафолати рушди устувори иқтисодиёти мамлакат ба шумор меравад. Ва ҷойи баҳс нест, ки бинобар инкишоф ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ ва мураккабшавии алоқаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, суғурта ба қисми ҷудонашавандаи иқтисодиёт ва тамоми маҷмӯи муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳои хоҷагидор дар иқтисоди бозоргонӣ мубаддал гаштааст.

Ҳамзамон, зери потенсиали сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ маҷмӯи захираҳои маблағҳои пулии муваққатан озоди ташкилотҳои суғуртавӣ, новобаста аз манбаъҳои ташаккулёбии онҳо, қобил ба амалгардонии сармоягузориҳо бо мақсади истифодаи самараноки захираҳои молиявӣ ва таъмини устувории молиявии умумии ташкилотҳои суғуртавӣ дар назар дошта мешавад.

Аммо дар айни замон, дар марҳилаи муосири рушди бозори суғурта, суғуртакунандагон ё кормандони ин соҳа дар Тоҷикистон дар фаъолияти сармоягузорӣ саҳми назаррас надоранд ва дар он сарчашмаи фоидаро намебинанд. Бо чунин як муносибат дар ниҳояти кор натиҷаи дилхоҳ дар ҷобаҷогузории активҳо ба даст оварда намешавад. Бо ибораи дигар, аз маблағҳои пулии муваққатан озод барои сармоягузорӣ хеле суст ва ғайрисамаранок истифода мебаранд ва ҳиссаи захираҳои сармоявӣ (захираҳои суғуртавӣ)-и ташкилотҳои суғуртавӣ дар иқтисодиёти мамлакат хело ночиз аст. Сабаби асосӣ дар он аст, ки бинобар рушд наёфтани бозори қоғазҳои қимматнок дар Ҷумҳурӣ, ташкилотҳои суғуртавӣ «маблағҳои муваққатан озод»-и худро барои хариди

қоғазҳои қимматноки давлатӣ, саҳмияҳои корхонаҳои гуногун ва ғайра равона намесозанд.

Тавре аз таҳлилҳои анҷомдода бармеояд, он аз ҳиссаи пасти мукофотҳои пардохти суғуртавӣ дар афзоиши нишондиҳандаҳои асосии мутлақи фаъолияти суғуртавӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳаҷми мукофотҳои пардохти суғуртавии ҷумҳурӣ ба ҳисоби миёна 0,53% аз ММД ва 1%-и даромадҳои пулии аҳолиро ташкил менамояд, ҳол он, ки дар баъзе кишварҳои ИДМ ин нишондиҳанда ба 2-3% баробар аст. Ин рақамҳо аз номукаммалии низоми суғурта дар ҷумҳурӣ ва сатҳи нокифояи кори механизмҳои бозоргонӣ дар ин соҳа шаҳодат медиҳанд.

Илова бар ин, маълумотҳои миёнаи омории бозори суғурта дар давоми солҳои охир нишондиҳандаи фоида аз фаъолияти асосии суғуртакунандагони ватанӣ нишон намедиҳанд, бинобар ин, он манбаи асосии фоидаи охирин буда наметавонад. Дар робитаи ба ин, мо роҳи ҳалли мусолиҳаомезро пешниҳод менамоем: пасткунии яквақтаи андозаҳои андоз аз фоида ва тафриқагузории андозҳо аз рӯи намудҳои фаъолият.

Дар баробари ин, барои ташаккул додани афзалиятҳои рушди бозори суғурта вобастагии махсуси онро аз ҷомеа ва анъанаҳои дар он муқарраршуда, ки тибқи он шаҳрвандон ба ташкилотҳои суғуртавӣ боварӣ доранд ё не, яъне вобастагӣ аз маданияти суғуртавии ҷамъиятро ба ҳисоб

> Бояд гуфт, ки самаранокии фаъолияти бозори суғурта аз сатҳи мукаммалии механизми танзими давлатии ин соҳа вобаста буда, бо роҳҳои самараноки пешбарии маҳсулотҳо ва ташаккули роҳҳои гуногуни фурӯш, сармоягузориҳо ва ташкили низоми муносиби назорат ба даст оварда мешавад.

гирифтан лозим аст. Бозори суғурта маҷмӯи институтҳои гуногун ва механизмҳои ба онҳо мувофиқро, ки бо мақсади пасткунии дараҷаи хароҷот амал мекунанду рафтори агентҳои иқтисодиро доир ба ташкил, хариду фурӯш ва истеъмоли хизматрасониҳои суғуртавӣ маҳдуд ва ба танзим медароранд, дар бар мегирад.

Сарфи назар аз ин, бояд қайд кард, ки тибқи принсипу аломатҳои баррасишуда, чараёни ташаккули мақсадҳои стратегии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ ду мақсади асосиро баён менамояд: а) муайянсозии низоми мақсадҳои ёридиҳанда; б) ташаккули мақсадҳои стратегии фаъолияти сармоягузории ташкилотҳо таҳқиқи омилҳои муҳити берунаи сармоягузорӣ ва тартиботи бозори сармоягузориро дар назар дорад. Ҳамчунин, арзёбии тарафҳои тавоно ва сусти ташкилотҳои суғуртавӣ, ки вижагиҳои фаъолияти сармоягузории онро муайян менамояд, талаб карда мешавад.

Таҷрибаҳои илмӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ташкилотҳои суғуртавӣ ғайр аз мақсади асосӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ боз мақсадҳои ёридиҳанда низ доранд. Мақсадҳои ёридиҳанда, ки ба стратегияи сармоягузории ташкилотҳо дохил мешаванд, бояд дар меъёрҳои мақсадноки стратегӣ инъикос ёбанд. Ба андешаи олимон, чунин амал ва ё мафҳумҳо ба онҳо мансубанд: сатҳи ба нақша гирифташавандаи диверсификатсияи соҳавӣ ва минтақавии сармоягузориҳо; таносуби ҳаҷми сармоягузориҳои дохилӣ ва беруна, инчунин пастсозии сатҳи андозбандии фаъолияти сармоягузорӣ.

Дар робита ба ин, қайд кардан бамаврид аст, ки ташаккули захираҳои сармоягузорӣ шарти ибтидоии татбиқи стратегия ва фаъолияти сармоягузорӣ мебошад. Дар давраи аввал унсури базавии ташаккули захираҳои сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи шахсӣ (худӣ)-и онҳо ба ҳисоб меравад. Сармояи мазкур дар ҷараёни фаъолияти онҳо аз манбаҳои гуногун пурра мегардад. Сармояи қарзӣ ва ҷалбшудаи ташкилотҳои суғуртавӣ ба қисми берунаи захираҳои сармоягузории онҳо мансуб аст.

Сармояи қарзӣ аз қарздории

кредитӣ ва кредити бонкӣ ташаккул меёбад. Ин фарзияро муаллифи сатрҳои мазкур бо он собит месозад, ки дар таҷрибаи кории хеш ташкилотҳои суғуртавӣ ба кредити бонкӣ хеле кам рӯ меоранд ва агар дар баъзе мавридҳо ба дарёфти қарз мурочиат намоянд ҳам, онро бо мақсади сармоягузорӣ истифода намебаранд.

Ба ақидаи мо, сабабҳои вазъияти ба вуҷудомада инҳоянд: таъмини сусти барномавӣ ва иттилоотии соҳа, сатҳи пасти касбияти агентҳои суғурта ва кормандони дигари ташкилотҳои суғуртавӣ. Илова бар ин, рушд наёфтани баъзе қисмҳои соҳибкорӣ дар соҳаи суғурта аз он шаҳодат медиҳад, ки сатҳи диверсификатсияи портфели суғуртавӣ ва ҳаҷму пешниҳодоти хизматрасониҳои суғуртавӣ ва сармоягузориҳо паст мебошанд.

Бояд гуфт, ки самаранокии фаъолияти бозори суғурта аз сатҳи мукаммалии механизми танзими давлатии ин соҳа вобаста буда, бо роҳҳои самараноки пешбарии маҳсулотҳо ва ташаккули роҳҳои гуногуни фурӯш, сармоягузориҳо ва ташкили низоми муносиби назорат ба даст оварда мешавад.

Далелҳои пешниҳодшуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки сохтори имрӯзаи бозори суғурта барои рушди суғурта монеа эҷод менамояд ва самаранокии институти суғуртаро дар иқтисодиёти Тоҷикистон паст мекунад. Омилҳои сершумори берунию дохилие вуҷуд доранд, ки ба рушди бозори суғурта халал мерасонанд. Дар байни онҳо сатҳи пасти рақобат байни суғуртакунандагон, сатҳи пасти қобилияти пардохткунии суғуртакунандагон, сатҳи пасти тахассуси мутахассисон, рушд наёфтани суғурта ва дар робита ба ин, сатҳи пасти ҷаззобияти сармоягузорӣ дар мамлакатро номбар кардан мумкин аст.

Яке аз хатарҳое, ки дар фаъолияти сармоягузории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ дида мешавад, ин асосан аз нагирифтани даромад аз депозитҳои бонкӣ дар натиҷаи муфлисшавии бонкҳо ба ҳисоб меравад. Барои мисол, дар натиҷаи муфлисшавии ҶСК «Тоҷпромбонк» КВД «Тоҷиксуғурта » ба ҳолати 01.04.с.2018 аз рӯи депозитҳо дар ҳаҷми 117857 сомонӣ фоиз гирифта натавонист. Ғайр аз ин КВД ШС «Тоҷиксармоягузор»-и назди Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон низ аз рӯи депозитҳо дар ҳаҷми 742667 сомонӣ дастгирӣ наёфт. (Оё ин ҳам дар ҶСК «Тоҷпромбонк» депозит дошт?)

Нисбат ба рушди фаъолияти суғуртавӣ, суғуртаи дарозмуддати ҳаёт чун намуди хизматрасонии суғуртавӣ, ки манбаи асосии захираҳои сармоягузории ташкилотҳои суғуртавӣ мебошад, пешравии ҷолиби диққат дида намешавад.

Аз ҳамин лиҳоз, барои таъмини самаранокии рушди соҳаи суғурта ва баланд бардоштани устувории худи низоми суғуртавӣ, мустаҳкамсозии асосҳои бозории фаъолияти соҳаи суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, аз ҷумла:

- ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандон ва пасткунии шиддати иҷтимоӣ дар ҷомеа бо роҳи ҳифзи самаранокии суғуртаи молу мулки шаҳрвандон ва субъектҳои хоҷагидор зиёд карда шавад;
- пасандозҳои аҳолӣ бо сармоягузориҳои дарозмуддати ҳаёт ҳавасманд карда шаванд;
- ҷалби захираҳои сармоягузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат;
- баланд бардоштани эътидолнокӣ, эътимоднокии инфрасохторҳои бозори суғуртавӣ ва самаранокии фаъолияти он метавонад ба низоми суғурта шароити мусоид фароҳам созад, то дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас гузорад.

**Холназар Шамсуллозода,**
**устоди Донишгоҳи давлатии**
**Бохтар ба номи Н.Хусрав.**



# УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҚАРЗӢ: таҷрибаи байналмилалӣ

Хавфи қарзӣ ин эҳтимолияти аз тарафи муштарӣ (қарзгир) вайрон кардани шартҳои созишномаи қарз (шартномаи таъминот) мебошад, ки хавфу хатари қисман ё пурра аз даст додани маблағҳои қарздиҳанда ва мукофоти пешбинишаванда барои истифодаи маблағро ба вуҷуд меорад. Хавф асосан баъди қабул шудани қарори ташкилоти қарзӣ дар бораи ҷудо намудани қарз ё интиқоли маҳсулоти қарзӣ ба муштариён ба вуҷуд меояд. Бо назардошти он, ки тибқи қисми 1 моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» қарз яке аз намудҳои асосии амалиёти бонкӣ ба шумор меравад, хавфи қарзӣ метавонад дар маҷмӯъ ба фаъолияти бонк таъсири назаррас расонад.

## НАМУДҲОИ ХАВФИ ҚАРЗӢ

***Хавфи қарзии берунӣ.*** Зери ин мафҳум мо ҳолатҳоеро дар назар дорем, ки қарзгир бо сабаби таъсири омилҳои беруна қарзро баргардонида наметавонад. Ин омилҳои ногувор метавонанд хавфи ҷуғрофӣ, соҳавӣ, саноатӣ, сиёсӣ ё таваррумӣ бошанд.

***Хавфи қарзии дохилӣ.*** Дар ин ҷо омилҳои дохилӣ, яъне иштибоҳу хатогиҳои дағалона, ки дар натиҷаи тиҷорати номатлуб роҳ дода шудаанд, ба қарз таъсир мерасонанд. Хавфи сиёсати қарзӣ ё хавфи амалиётӣ аз ҷумлаи онҳо буда метавонанд.

***Хавфи ҳадди ақал.*** Маблағи талафот дар ин навъи хавф набояд аз бист фоизи қарзе, ки ба қарзгиранда дода шудааст, зиёд бошад.

***Хавфи миёна.*** Дар ин ҷо талафот ба таври назаррас афзоиш ёфта, аз бист то панҷоҳ фоизро ташкил медиҳад.

»

Пардохтпазирӣ ба маънои он аст, ки муштарӣ қодир аст сари вақт ӯҳдадориҳои худро иҷро намояд. Коэффитсиенти пардохтпазирӣ бошад, дар асоси тавозуни муштарӣ ҳисоб карда мешавад, яъне ҷӣ тавр муштарӣ дороиҳои худро ба воситаҳои пулӣ табдил дода, ӯҳдадориҳои худро мепӯшонад.

***Хавфи баланд.*** Зарари эҳтимолӣ дар ин ҳолат метавонад аз панҷоҳ то ҳафтод дарсад бошад.

Илова ба таснифоти пешниҳодшуда хавфи қарзиро инчунин ба хавфи инфиродӣ ё истеъмолӣ, соҳибихтиёрӣ, хавфҳои корпоративӣ ё ширкатӣ гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст. Чунин гурӯҳбандӣ умумӣ буда, ба шартҳои қарз ва ташкилоти қарзгиранда вобастагӣ дорад.

## ОМИЛҲОЕ, КИ БА КОҲИШ ЁФТАНИ ХАВФИ ҚАРЗӢ МУСОИДАТ МЕНАМОЯНД

***Ҳудудҳо нисбати маблағи умумии қарзҳои додашуда.*** Ҳадди сандуқи умумии қарз одатан ҳамчун таносуби маблағи сандуқи қарзӣ нисбат ба маблағи пасандозҳо, сармоя ё дороиҳои умумӣ ифода карда мешавад. Ҳангоми муқаррар кардани ин ҳудудҳо омилҳои зерин, аз қабили талабот ба қарз, тағйирёбии пасандозҳо ва хавфи қарзӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар робита ба ин, ҳудудҳои ҷуғрофӣ одатан масъалаи мураккаб ба ҳисоб меравaнд. Агар фаъолияти бонк дар бозорҳои он ба таври хуб таҷаммӯъ нашуда бошад ва/ё бонк ба таври касбӣ идора карда нашавад, парокандагии ҷуғрофӣ метавонад сабаби тӯл кашидани муҳлати пардохти қарз, яъне дарозмуҳлат шудани он гардад. Кормандони бонк бояд аз ҳудудҳои ҷуғрофии қарздиҳӣ пурра огоҳ бошанд.

***Таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ.*** Сиёсати қарзӣ бояд гуногунрангии сандуқи қарзиро ҳавасманд намуда, ба баробарандозагии (тавозуни) ҳадди даромад ва хавфи ҳадди ақал кумак расонад. Ҳадди таҷаммӯъ одатан ба миқдори ниҳоии қарзҳое, ки ба як муштарӣ, гурӯҳи ба он вобаста ва/ё бахши фаъолияти иқтисодӣ (масалан, кишоварзӣ) дода шудаанд, дахл дорад.

***Тақсимот аз рӯи гурӯҳбандӣ.*** Ҳудудҳои фоизи қарзҳое, ки ба бахши тиҷорат, бахши амволи ғайриманқул, шахсони воқеӣ ё ба дигар бахшҳо дода мешаванд, таҷрибаи маъмул аст. Сиёсати қарзӣ дар бораи ин ҳудудҳо бояд баъзе аз меъёрҳои муқарраршударо иҷозат диҳад, ба шарте, ки ин аз ҷониби роҳбарият тасдиқ карда шавад.

***Намудҳои қарз.*** Сиёсати қарзӣ бояд намудҳои қарз ва дигар воситаҳои қарзиро, ки бонк ният дорад ба муштариён пешниҳод кунад, нишон диҳад ва барои қарзҳои махсус дастурҳо омода намояд. Интихоби намуди воситаҳои қарзӣ бояд ба таҷрибаи кормандони шуъбаи қарз, сохтори пасандозҳои бонк ва талаботи имконпазири қарзӣ асос ёбад. Намудҳои алоҳидаи қарзҳо, ки истифодаи онҳо қаблан ба талафоти ғайричашмдошт оварда расонидаанд, бояд аз ҷониби роҳбарони сатҳи аввал назорат карда шаванд ё тамоман истифода нашаванд.

***Муҳлати қарз.*** Сиёсати қарзӣ бояд муҳлати ҳадди аксари ҳар як намуди қарзро муқаррар намояд ва қарзҳо тибқи ҷадвали пардохти воқеӣ дода шаванд. Банақшагирии муҳлати пардохт бояд аз манбаи интизории пардохт, ҳадафи қарз ва муҳлати муфиди гарав вобаста бошад.

***Нархгузории қарз.*** Меъёрҳои фоизии намудҳои гуногуни қарз бояд барои пӯшонидани хароҷоти бонк, ҷалби захираҳо, назорати қарз, хароҷоти маъмурӣ (аз ҷумла хароҷоти умумӣ) ва зарари эҳтимолӣ кофӣ бошанд. Ҳамзамон, онҳо бояд маржаи қобили қабулро таъмин кунанд. Коэффитсиентҳо бояд давра ба давра бознигарӣ ва бо баробари тағйирёбии андозаи хароҷот иваз карда шаванд.

***Раванди баҳогузорӣ.*** Сиёсати қарзӣ бояд тақсимоти масъулиятро барои қабули қарорҳои баҳогузорӣ нишон дода, расмиёти меъёрии баҳогузорӣ, аз ҷумла тартиби азнавбаҳодиҳӣ ё тамдиди қарзро дар бар гирад.

***Ҳадди ниҳоии маблағи қарз ба арзиши бозории гарав.*** Сиёсати қарзӣ барои ҳамаи намудҳои таъминоте, ки ҳамчун гарав қабул карда мешаванд, уҳдадориҳои иловагии эҳтиётӣ муқаррар намояд. Шахсони масъул таъин карда шаванд ва ҷадвали азнавбаҳогузории даврии гарав муқаррар карда шавад.

***Эҳтимолияти дефолт.*** Бонк бояд бекурбшавии қарз ё гурӯҳи қарзҳоро, ки дар маҷмӯъ нархгузорӣ шудаанд, муайян ва эътироф намояд. Ин дар ҳолатҳое рух медиҳад, ки эҳтимол бонк тибқи шартҳои шартномаи қарз маблағи муайянро гирифта натавонад. Камшавии қарз метавонад тавас-

сути кам кардани арзиши тавозунии қарз ба арзиши фурӯши он (аз рӯи натиҷаҳо) бо роҳи аз ҳисоб баровардани як қисми хароҷот ё илова кардани хароҷоти мувофиқ ба ҳисобот дар бораи фоида ба назар гирифта шавад.

***Маълумоти молиявӣ.*** Таъмини бехатари қарз аз маълумоти пурра ва саҳеҳ оид ба вазъи молиявии қарзгиранда вобаста аст. Истисно танҳо дар он сурат имконпазир аст, ки агар қарз аввал бо шарти истифодаи гарави пардохтпазир ҳамчун манбаи пардохт дода шуда бошад.

## УСУЛҲОИ ИДОРАКУНИИ ХАВФИ ҚАРЗӢ

***Баҳогузории сифатӣ.*** Ин усули баҳогузории хавфҳо тавсифи шифоҳии сатҳи онҳоро дар асоси маълумоти манфӣ дар бар мегирад, ки дар асоси он рейтинги қарзии қарзгир ё дараҷаи маҷмӯии хавф муайян карда мешавад. Дар асоси нишондиҳандаҳои ҳар як қарзгир, дар маҷмӯъ нишондиҳандаи миёнавазни хавф барои сандуқи қарзӣ муайян карда мешавад. Ба ин тартиб, қариб ҳамаи бонкҳо нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, пардохтпазирию даромаднокӣ ва инчунин пардохтпазирии гаравро баррасӣ мекунанд.

*Гуфтаҳои болоро дар мисоли зер шарҳ медиҳем:*

**Ҷадвали 1.**

| Намуди хавф (нишондиҳандаҳо) | Вазни қиёсӣ | Дараҷаи хавф | Хол | Баҳодиҳии хавф (сутуни 2 х сутуни 4) |
|---|---|---|---|---|
| № сутун | I | II | III | IV |
| Хавфи пардохт | 4 | Миёна | 6 | 24 |
| Хавфи таъминотӣ | 5 | Баланд | 4 | 20 |
| Дигар хавфҳо | 1 | Муътадил | 8 | 8 |
| Хавфи маҷмӯӣ | Миёна = 24+20+8 = 52 хол | | | |

1. Мо ҷадвали зерини нишондодҳои сатҳи маҷмӯии хавф барои қарзгирро таҳия мекунем: хавфи пардохт (нишондиҳандаҳо: пардохтпазирӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, устувории молиявӣ ва даромаднокӣ); хавфҳои гарав (муҳлати фурӯши гарав, фоизи пӯшонидани қарз, мавҷудияти баҳодиҳии мустақил), хавфҳои дигар (обрӯи кории қарзгир, мавҷудияти қарзҳои батаъхирафтода).
2. Баъд аз ин нишондиҳандаҳои асосии фаъолияти қарзгирандаро, ки дараҷаи хавфи қарзӣ ва вазни қиёсии онро ҳангоми ташаккули нишондиҳандаҳои маҷмӯӣ муайян менамоянд, ҷудо мекунем: хавфи пардохт - 4%; хавфи таъминот - 5%; дигар хавфҳо - 1%; ҳамагӣ - 10%.
3. Тибқи банди 2 барои нишондиҳандаҳои назаррас ҳудудҳоро муайян менамоем ва нишондиҳандаҳои рейтинги қарзӣ - миқдори холҳоро нишон медиҳад: хавфи миёна - 8 хол; хавфи зиёд - 6 хол; хавфи баланд - 4 хол; хавфи дефолт - 2 хол.
4. Нишондиҳандаи маҷмӯии хавфҳо (рейтинги қарзӣ) ё дараҷаи хавфи маҷмӯӣ бо роҳи ҳамбастагии баҳогузории нишондиҳандаҳои алоҳида аз рӯи вазни мушаххас муайян карда мешавад. Мо хавфро ба тариқи зайл тақсим мекунем: миёна<40; 40 <баланд<60; дефолт> 60. *(ниг. ба ҷадвали 1).*

***Баҳогузории миқдорӣ.*** Агар баҳогузории сифатӣ миқдори нисбатан зиёди нишондиҳандаҳоро инъикос намояд, дар баҳогузории миқдорӣ ҳудуди муайян мушаххас карда мешавад. Нишондиҳандаи миқдорӣ бо зиёд шудани сатҳи (андозаи) хавфи қарзӣ аз ҳисоби қарз муайян карда мешавад.

Равиши муосири баҳогузории хавфи қарзӣ ба консепсияи VaR (андозаи хавф, ки талафоти ҳадди аксарро дар фосилаи муайян ҳисоб мекунад), асос ёфтааст. Ин усул ба ҳосили тақсимоти эҳтимолии дефолт, баҳогузории хавф ва дараҷаи талафоти ҷуброннашаванда дар ҳолати иҷро накардан асос ёфтааст. Одатан, ин усули баҳогузории хавфҳо ҳангоми баҳодиҳии сандуқи қарзии маҷмӯӣ барои пешгӯӣ истифода мешавад.

Кумитаи Базел пешниҳод менамояд, ки коэффитсиенти хавф бо истифода аз рейтинги кредитии берунаи бонк ё системаи худи (дохилии) рейтинги

дороиҳо ва моддаҳои ғайритавозунӣ (барои ҳисоб кардани талабот ба сармоя) ҳисоб карда шавад.

Рейтинги берунии қарзиро агентиҳои махсуси рейтингӣ (Moody`s, Standart & Poor`s ва ғайра) нашр мекунанд. Рейтингҳо аз рӯйи пардохтпазирии кишвари қарзгиранда, инчунин бо назардошти мӯҳлати ӯҳдадориҳо ё маҳсулоти алоҳидаи қарзӣ, ки дар натиҷаи он рейтинг муайян карда мешавад (ААА, ВВ, D ва ғайра), муқаррар карда мешаванд.

Рейтинги дохилии қарзиро худи бонк тавассути баҳогузории баъзе омилҳое, ки эҳтимолияти пурра ва саривақт пардохт кардани қарзро инъикос мекунанд, муайян менамояд. Ҳамчунин меъёрҳои умумии баҳогузорӣ метавонанд қобилияти пардохтпазирии ташкилот, хусусиятҳои маҳсулоти қарзӣ, баҳодиҳии экологӣ ва ғайраро қайд намоянд. Рейтингҳои бадастомада барои таҳияи ҳисобот дар бораи сифати сандуқи қарзӣ, муайян кардани сатҳи зарурии сармоя ва захира, муайян кардани арзиши маҳсулоти қарзӣ ва дигар қарорҳои идорӣ истифода мешаванд.

**Ҳангоми баррасии консепсияи идоракунии хавфи қарзӣ аксаран истилоҳоти зерин мавриди истифода қарор мегиранд:**

1) эҳтимолияти дефолт (ЭД) – эҳтимолияти он ки муштарӣ аз ӯҳдадориҳои худ даст мекашад;

2) андозаи қарз дар вақти дефолт (АҚД) – ҳаҷми умумии қарзи муштарӣ дар ҳолати дефолт;

3) коэффитсиенти бозгашти қарз (КБҚ) – арзиши қисми дороие, ки баъди дефолт баргардонида мешавад;

4) зарар дар вақти дефолт (ЗВД) – зарари воқеӣ, ки бонк дар ҳолати дефолт мебинад, тавассути коэффитсиенти бозгашти қарз ва андозаи ӯҳдадорӣ дар ҳолати дефолт ёфта мешавад;

5) зарари интизорбуда (ЗИ) – зарар дар вақти дефолт зарби эҳтимолияти дефолт.

Гуфтаҳои болоро дар мисоли зерин шарҳ медиҳем.

Фарз кардем, ки соли 2014 ширкати «Сомон» барои корхонаи фаръии худ аз ҶСК «Ориёнбонк» 10 млн. сомонӣ қарз гирифт. Мӯҳлати қарз 5 сол ва фоизи солона 7%-ро ташкил намуд. Баъди ду сол ширкати “Сомон” 4 миллиони қарзро баргардонид, вале ширкат ҳанӯз аз бонк 6 млн. сомонӣ бақияи қарз ва 300 ҳазор сомонӣ фоизҳои ҳисобшуда қарздор аст.

Баъди таҳлили вазъи молиявии ширкати “Сомон” дар моҳи январи соли 2016 ҶСК “Ориёнбонк” ба чунин хулоса омад:

1. Агар дар соли 2016 ширкати “Сомон” дефолт эълон кунад, қарзи ӯ дар ҳолати дефолт 6,3 млн. сомониро ташкил хоҳад кард (6 млн. сомонӣ – маблағи бақияи қарз ҷамъи 300 ҳазор сомонӣ фоизҳои ҳисобшуда);

2. Коэффитсиенти бозгашти қарз (КБҚ) соли 2016 дар вақти дефолт 90% ё ин ки 5,67 млн. сомонӣ (90% аз 6,3 млн. сомонӣ)-ро ташкил медиҳад;

3. Зарари воқеии бонк дар вақти дефолт (ЗҲД) – зарари воқеии ҶСК “Ориёнбонк” дар вақти дефолт ин фарқияти байни 6,3 млн. сомонӣ (андозаи қарз дар вақти дефолт) ва 5,67 млн. сомонӣ (зарар дар вақти дефолт), яъне 630 ҳазор сомониро ташкил медиҳад;

4. Дар соли 2017 эҳтимолияти дефолти ширкати “Сомон” 1% -ро ташкил намуд;

5. Ҳамин тариқ, зарари интизорбуда 6300 сомониро ташкил медиҳад( 630 000 х 1%).

## УСУЛҲОИ ТАҲЛИЛИ ХАВФИ ҚАРЗӢ

Дар асоси гурӯҳи хавфҳои қарзӣ бонк андозаи захираро барои пӯшонидани қарзҳои батаъхирафтода ташкил менамояд.

Ӯҳдадории муштарӣ дар заминаи омилҳои зерин баҳо дода мешавад: сифати таъминот; гардиш дар суратҳисобҳо ва хазина; ҳолати молиявии муштарӣ; воситаҳои худии муштарӣ дар лоиҳа; хароҷоти муштарӣ барои пардохти фоиз ва қисми қарз ва таносуби он нисбат ба гардиши ҳисобҳои муштарӣ; даромаднокии фаъолияти муштарӣ; таъхири пардохти фоиз ва қисми қарз.

**1. Сифати таъминот –** таносуби маблағи таъминот нисбат ба маблағи қарз баҳо дода мешавад.

Дар ҳолати доштани гарави аълосифат, қисми асосии қарз аз ҳисоби гарав пӯшонида мешавад, ин гуна таъминот ба гурӯҳи якуми хавф, новобаста аз дигар нишондиҳандаҳо, нисбат дода мешавад.

Маблағи таъминот аз рӯи арзиши гарави пешниҳодшуда аз тарафи корманди шуъбаи қарз баҳо дода мешавад. Ба ғайр аз ин, ба сифати гарав таҷҳизоте, ки бо маблағи қарз харидорӣ шудааст,

гирифта мешавад.

Тибқи талаботи Бонк аз муштарӣ кафили шахсӣ низ талаб карда мешавад. Кафолатдиҳанда ба сифати кафили шахсӣ баромад менамояд.

**2. Гардиш дар суратҳисобҳо ва хазинаи муштарӣ** – ҳамчун таносуби гардиши миёнамоҳонаи ҳисобҳои муштарӣ нисбат ба маблағе, ки муштарӣ аз бонк қарздор аст, ҳисоб карда мешавад.

К = гардиши миёнавазни моҳонаи ҳисобҳои муштарӣ / қарзи ҷории муштарӣ;

Меъёри нишондиҳанда (гардиши миёнавазни ҳисобҳо / қарзи ҷории муштарӣ):

1. 0,7 ва зиёдтар – хавфи паст, гурӯҳи I
2. аз 0,2 то 0,7 – хавфи қобили қабул, гурӯҳи II –III
3. пастар аз 0,2 – хавфи баланд, гурӯҳи IV-V

Эзоҳ: Гардиши суратҳисобҳои дар бонкҳои дигарбуда фақат дар асоси маълумотномаи тасдиқшудаи бонк ба инобат гирифта мешавад.

## 1. ВАЗЪИ МОЛИЯВИИ МУШТАРӢ

Вазъи молиявии муштариро дар асоси таҳлили молиявӣ бо роҳи экспертӣ муайян менамоянд. Тавассути коэффитсиентҳое, ки меъёри мушаххас доранд, тавсия дода мешавад, ки хавфҳоро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намоем:

♦ **Коэффитсиенти пардохтпазирии мутлақ**

Пардохтпазирӣ ба маънои он аст, ки муштарӣ қодир аст сари вақт уҳдадориҳои худро иҷро намояд. Коэффитсиенти пардохтпазирӣ бошад, дар асоси

| | | | |
|---|---|---|---|
| Коэффитсиенти пардохтпазирии мутлақ | Зиёда аз 0,2 | Аз 0,15 то 0,2 | Пастар аз 0,15 |
| Коэффитсиенти пардохтпазирии мобайнӣ | Зиёда аз 0,8 | Аз 0,5 то 0,8 | Пастар аз 0,5 |
| Коэффитсиенти мустақилият | Зиёда аз 60% | Аз 40% то 60% | Пастар аз 40% |
| Коэффитсиенти пардохтпазирии ҷорӣ | Зиёда аз 2,0 | Аз 1,0 то 2,0 | Пастар аз 1,0 |

тавозуни муштарӣ ҳисоб карда мешавад, яъне чӣ тавр муштарӣ дороиҳои худро ба воситаҳои пулӣ табдил дода, уҳдадориҳои худро мепӯшонад. Бо ин мақсад дороиҳо аз рӯи мӯҳлат ба дороиҳои пардохтпазири зерин ҷудо карда мешаванд: а) дороиҳои кӯтоҳмуҳлат; б) дороиҳои дарозмуҳлат; в) дороиҳои доимӣ (амволи ғайриманқул) ва ғайра.

Муқоисаи дороиҳои кӯтоҳмуҳлат бо уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат – хусусияти пардохтпазирии мутлақро дорад, ба ибораи дигар то кадом андоза дороиҳои кӯтоҳмуҳлат уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлатро пӯшонида метавонанд.

Кпм = ВП + ММК / Ук

Кпм – коэффитсиенти пардохтпазирии мутлақ;

ВП – воситаҳои пулӣ;

ММК – маблағгузории молиявии кӯтоҳмуҳлат;

Ук – уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат;

Меъёри оптималии нишондиҳанда: 0,2 – 0,25.

♦ **Коэффитсиенти пардохтпазирии мобайнӣ**

Ин коэффитсиент нишон медиҳад, ки муштарӣ метавонад дар мӯҳлати муқарраршуда уҳдадориҳои худро пӯшонад.

Ин коэффитсиент бо формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

Кпм = ВП + ММК + ҚД / Ук;

ВП – воситаҳои пулӣ;

ММК – маблағгузории молиявии кӯтоҳмуҳлат;

ҚД – уҳдадориҳои дебиторӣ (қарзи дебиторӣ);

Меъёри оптималии нишондиҳанда: 0,7 – 0,8

♦ **Коэффитсиенти пардохтпазирии ҷорӣ (умумӣ)**

Кпҷ = ВП + ММК + ҚД + ЗХ / Ӯук

ВП – воситаҳои пулӣ;

ММК – маблағгузории молиявии кӯтоҳмуҳлат;

ҚД – уҳдадориҳои дебиторӣ (қарзи дебиторӣ);

ЗХ – захираҳо ва хароҷотҳо;

Меъёри оптималии нишондиҳанда: 1,0 – 2,5.

♦ **Коэффитсиенти мустақилият**

Ин коэффитсиент нишон медиҳад, ки ташкилот то кадом андоза воситаҳои худиро дар фаъолияташ истифода мебарад.

Таносуби маблағи сармояи худӣ бо маблағи умумии тавозун ва бо фоиз ҳисоб карда мешавад.

$К_{М}$ = МВХ / МУТ х 100%

МВХ = маблағи воситаҳои худӣ;

МУТ = маблағи умумии тавозун.

Меъёри оптималии нишондиҳанда: 50 – 60%.

## 2. ВОСИТАҲОИ ХУДИИ МУШТАРӢ

Воситаҳои худии муштарӣ –таносуби маблағи воситаҳои худии муштарӣ дар лоиҳа нисбат

ба арзиши умумии лоиҳа.

Меъёри оптималии нишондиҳанда:

1. Баландтар аз 35% - хавфи паст, гурӯҳи I.
2. Аз 10% то 35% - хавфи қобили қабул, гурӯҳи II, III.
3. Пастар аз 10% - хавфи баланд, гурӯҳи IV, V.

### 3. ХАРОҶОТИ МУШТАРӢ БАРОИ ПАРДОХТИ ФОИЗИ ҚАРЗ ВА ҚИСМИ ҚАРЗ

Хароҷоти муштарӣ барои пардохти фоизи қарз ва қисми қарз дар асоси тақсими гардиши ҳисобҳои муштарӣ ҳисоб карда мешавад.

Таносуби маблағи фоизи қарз ва як қисми маблағи қарз нисбат ба гардиши воқеӣ (бе ҳисоби ААИ) дар аввали моҳи ҷорӣ дар асоси маблағҳои воридшудаи пулӣ ва маблағҳои пешбинишуда ҳисоб карда мешавад.

Меъёри ин нишондиҳанда (маблағи фоиз тақсими қарзҳои додашуда):

1. Пастар аз 10% - хавфи паст, гурӯҳи I.
2. Аз 10 то 50% - хавфи қобили қабул, гурӯҳи II, III.
3. Аз 50% - хавфи баланд, гурӯҳи IV, V.

### 4. ДАРОМАДНОКИИ ФАЪОЛИЯТИ МУШТАРӢ

Таносуби фоидаи соф нисбат ба маблағи фурӯш. Фоида ва маблағи фурӯш дар асоси маълумотҳои воқеӣ аз тарафи корманди шуъбаи қарзӣ ҳисоб карда мешавад.

Меъёри нишондиҳанда (даромаднокии фаъолияти муштарӣ):

1. Баландтар аз 10% - хавфи паст, гурӯҳи I

Ҷадвали 2. **Ҷамъбасти гурӯҳи хавфҳо**

| Номгӯи нишондиҳанда | I (паст) | II ва III (миёна) | IVваV (баланд) | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| 1. Сифати таъминот | Баландтар аз 100% | Аз 50% то 100% | Камтар аз 50% | Таносуби арзиши гарав нисбат ба маблағи қарз |
| 2. Гардиши ҳисобҳои муштарӣ | Баландтар аз 70% | 20-70% | Камтар аз 20% | Таносуби гардиши ҳисобҳо нисбат ба маблағи қарз |
| 3. Воситаҳои худии муштарӣ дар лоиҳа (ҳисса) | Баландтар аз 35% | 10-35% | Камтар аз 10% | Таносуби воситаҳои худии муштарӣ дар лоиҳа нисбат ба маблағи қарз |
| 4. Хароҷоти муштарӣ барои пардохти фоизи қарз ва як қисми қарз ба гардиши ҳисобҳояш | Зиёдтар аз 10% | 10-50% | Зиёдтар аз 50% | Ҳиссаи хароҷоти муштарӣ барои хизматрасонӣ ба гардиши ҳисобҳояш |
| 5. Даромаднокии фаъолияти муштарӣ | Баландтар аз 10% | 0-10% | Зарар | Даромаднокии воқеӣ аз фаъолияти муштарӣ |
| 6. Фоизҳо ва қисми қарзи батаъхирафтода | Камтар аз 5 рӯз | 5-30 рӯз | Зиёдтар аз 30 рӯз | Қарзи батаъхирафтодаи ҷорӣ |

2. Аз 0 то 10% - хавфи қобили қабул, гурӯҳи II, III
3. Зарар - хавфи баланд, гурӯҳи IV, V.

### 5. ФОИЗ ВА ҚАРЗИ БАТАЪХИРАФТОДА

Ин нишондиҳанда дар чараёни гузаронидани мониторинги қарзҳои додашуда ҳисоб карда мешавад.

Меъёри нишондиҳанда (фоиз ва қарзи батаъхирафтода аз рӯи қарзи ҷории додашуда):

1. Камтар аз 5 рӯз – хавфи паст, гурӯҳи I.
2. Аз 5 то 30 рӯз – хавфи қобили қабул, гурӯҳи II, III.
3. Зиёда аз 30 рӯз - хавфи баланд, гурӯҳи IV, V.

Амали мазкур бо мақсади муайян кардани ҳадди зарар аз рӯи қарз ва ҷорӣ намудани тартиби идоракунии хавфҳо иҷро карда мешавад. Баҳогузории миқдорӣ имкон медиҳад, ки ҳудуди нишондодро муайян намоем.

Тавре маълум гардид, таҳлили самаранокии воситаю усулҳои идоракунии хавфи қарзӣ зарурати истифодаи маҷмӯии онҳо, аз ҷумла баҳогузории сифатӣ, баҳогузории миқдорӣ, истифодаи усулҳои камшавии хавфи қарзӣ, мониторинг, меъёрҳои ҷойгиркунӣ, муқаррар намудани ҳудудҳо, идоракунии сандуқи қарзӣ, механизми баррасии қарз, равандӣ баҳогузории қарз, таҷдиди қарз, меъёри хизматрасонии қарз, таносуби қарз ва гарав, хавфҳои қарзии бегарав, хавфҳои асъории муштариёни ҳеҷингнашуда, таҷаммӯъ аз рӯи бахшҳои иқтисодӣ, таносуби қарз ба пасандозҳо, талабот ба кифояти сармоя, меъёрҳои иқтисодӣ, тартиби ташкили захираҳоро талаб менамоянд.

**Сайисмонов Раҳматшо,**
**муовини Раиси Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон, н.и.и., дотсент,**
**Ким Валерий,**
**сардори Идораи ҳуқуқи Ассотсиатсияи Бонкҳои Тоҷикистон.**

# Технологияҳои муосири пардохтӣ ва дастоварди бонкҳо

**Гузориш аз ҳамоиши байналмилалии "Технологияҳои муосири пардохтӣ. Амалияи истифодабарии технологияҳои муосир дар соҳаи молиявӣ"**

Дар шаҳри Душанбе бо ибтикори Бонки миллии Тоҷикистон 6 декабри соли 2019 Форуми байналмилалии "Технологияҳои муосири пардохтӣ. Амалияи истифодабарии технологияҳои муосир дар соҳаи молиявӣ" баргузор гардид. Дар ин ҳамоиши байналмилалӣ, ки бахшида ба пешвози ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор шуд, роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, намояндагони сохторҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар, намояндагони созмонҳои байналмилалии молиявӣ, ширкатҳои иродакунандагони хадамоти ғайринақдии хориҷӣ, операторони алоқаи мобилӣ ва воситаҳои ахбори омма ширкат намуданд.

Чорабинии мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароит барои омӯзиш ва табодули таҷриба дар соҳаи татбиқи технологияҳои муосири иноватсионӣ дар бахши

> Ширкати "Юнистрим" ҳамкориашро бо Бонки миллии Тоҷикистон тавсиъа бахшида, баъд аз ба кор даромадани Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо ҳаққи хизматрасониҳои интиқолҳоро коҳиш додааст.

хизматрасониҳои пардохтӣ ва муаррифии дастовардҳои ташкилотҳои қарзӣ дар ҷодаи рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ баргузор шуд.

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова кори ҷаласаро оғоз бахшида, иброз дошт, ки баргузории ин ҳамоиш ба иштирокчиён имкон медиҳад аз таҷрибаи ҳамдигар дар самти технологияҳои муосири иноватсионӣ дар бахши хизматрасониҳои пардохтӣ, муомилоти ғайринақдӣ ошно шаванд ва дастовардҳои худро барои ҳамдигар муаррифӣ намоянд. Ӯ иброз дошт,ки баргузории ҷаласаи имрӯза метавонад барои рушди минбаъдаи бозори хизматрасонии пардохтӣ ва рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мусоидат кунад.

Таъкид карда шуд, ки бахши молиявӣ-бонкии иқтисодиёт дар тамоми ҷаҳон пештар аз бахшҳои дигар навигариҳои технологияҳои рақамии муосирро ба таври самаранок истифода бурда, дар ин ҷода пешсафӣ зоҳир менамоянд. Метавон гуфт, ки омӯзиши таҷрибаҳои ҳамдигар барои боз ҳам дар ин самт пештар рафтани ташкилотҳои қарзӣ мусоидат мекунад.

Сипас, Ҳамидулло Машрабзода, муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон изҳор намуд, ки Бонки миллии Тоҷикистон тамоми тадбирҳоро барои рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ меандешад ва аз иқдому пешниҳодҳои ташкилотҳои қарзӣ дар ин самт ҳимоят мекунад. Номбурда гуфт, ки яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Бонки миллии Тоҷикистон рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ тариқи татбиқи технологияҳои муосири пардохтӣ, мукаммалсозӣ ва васеъ намудани инфрасохтори низоми пардохт муайян гардида, Бонки миллии Тоҷикистон ҳоло ҷиҳати татбиқи босамари сиёсати пули-



ву қарзӣ ва кумак ба фаъолияти муттасили низоми пардохт барои навсозии низоми пардохти кишвар ва мукаммалгардонии заминаи меъёрӣ - ҳуқуқии он корҳои зиёдро анҷом дода истодааст:

"-Рушди технологияи муосири пардохтӣ барои кишвари мо, яке аз самтҳои афзалиятнок ба ҳисоб меравад, аз ин сабаб, ҷиҳати тақвияти ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, аз ҷумла хизматрасонии бонкии фосилавӣ, афзоиши теъдоди пардохтҳое, ки тариқи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва воситаҳои электронии пардохт анҷом дода мешавад, афзоиши эътимод ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ чораҳои зарурӣ андешида мешавад."

Муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон таъкид кард, ки бо ин сабаб бо назардошти рушди босуръати бозори хизматрасониҳо ва инфрасохтори низоми пардохти кишвар омӯзиш ва табодули таҷрибаи пешқадами иштирокчиёни фаъоли бозори хизматрасониҳои пардохтии кишварҳои рушдёфта муҳим дониста мешавад.

**Тавре Кирилл Палчун иброз намуд, низоми пардохтии байналмилалии "Юнистрим" шабакаи васеъи хизматрасониро барои мизоҷонаш ба роҳ монда, дар Федератсияи Русия беш аз 15 ҳазор нуқтаҳои интиқоли маблағ дорад.**

Дар ҷараёни ҳамоиш Фурқат Раҳматов, сардори Шуъбаи низоми пардохти Идораи низоми пардохти Бонки миллии Тоҷикистон роҷеъ ба рушди хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ карда, иштирокдоронро бо вазъи кунунии хизматрасониҳои пардохтӣ ошно намуд.

Ҳамчунин намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар ва созмонҳои байналмилалӣ бо пешниҳоди рӯнамоҳои ҷолиб дастовардҳои худро дар самти технологияи муосири пардохтӣ муаррифӣ карданд. Аз ҷумла, Бочкарев С.В. муовини директори генералии НСПК "МИР" дар хусуси ҳамгироии НСПК "МИР" ва НП "Корти миллӣ" баромад намуда, иштирокдоронро бо ҷараёни ин ҳамгироӣ ошно намуд. Мавсуф гузаронидани амалиёт тавассути корти яке аз бонкҳои Федератсияи Русия тариқи протссесинги НП "Кортӣ миллӣ" дар назди ҳозирин бо муаррифӣ сухан ронда, технологияи онро чун навгонӣ ба ҳозирон шарҳ дод.

Дар назди меҳмонон Кирилл Палчун, президенти низоми пардохтии байналмилалии интиқоли маблағҳо "Юнистрим" низ суханронӣ намуда, ба ҳозирин навгониҳои низоми мазкурро муаррифӣ намуд. Номбурда гуфт, ки ширкати "Юнистрим" ҳамкориашро бо Бонки миллии Тоҷикистон тавсиъа бахшида, баъд аз ба кор даромадани Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо ҳаққи хизматрасониҳои интиқолҳоро коҳиш додааст. То ба фаъолият оғоз намудани Маркази мил-



лии протсессингии интиқоли маблағҳо ҳаққи хизматрасонии “Юнистрим” ба ҳисоби миёна ба Тоҷикистон 1,5 фоизро ташкил медод, баъд аз пайваст шудан ба маркази мазкур ҳаққи хизматрасонӣ барои интиқоли маблағҳо то ба 0,99 фоиз кам карда шудааст.

Тавре Кирилл Палчун иброз намуд, низоми пардохтии байналмилалии “Юнистрим” шабакаи васеъи хизматрасониро барои мизоҷонаш ба роҳ монда, дар Федератсияи Русия беш аз 15 ҳазор нуқтаҳои интиқоли маблағ дорад. Ӯ қайд кард, ки ширкати “Юнистрим” барои васеъ кардани доираи фаъолият бо ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ва фаъол шудан дар бозори кортҳои пардохтии Тоҷикистон ҳавасманд мебошад.



Дар ҳамоиш инчунин мавзӯъҳои “Имкониятҳои ҳамкорӣ, Нақши дастрасии (фарогирии) молиявӣ ва иқтисодиёт”, “Рушди инфрасохтори ғайринақдӣ”, “Рушди экосистемаи ғайринақдӣ”, “Инкишофи тиҷорати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, UPI Develiper platform”, “Ташкили портали ягона барои пардохтҳои фосилавии хизматрасониҳои давлатӣ” ва “Ҳамёни электронӣ ҳамчун воситаи ҳамоҳангсоз байни бонкҳо ва операторони алоқаи мобилӣ” мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки баргузории ин зумра ҳамоишҳо дар самти рушд ва беҳбудии хизматрасониҳои пардохтӣ саҳми назаррас гузошта, ҷиҳати густариши татбиқи технологияҳои муосир дар соҳаи бонкдорӣ ва зиёд кардани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ мусоидат хоҳад кард.

**А. Мӯминов,**
**“БТҶ”.**

# Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳо фаъолияташро оғоз кард



3 декабри соли 2019 дар назди Бонки миллии Тоҷикистон Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳо ба фаъолият шурӯъ намуд. Акнун тамоми интиқолҳои фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо (ММПИМ) роҳандозӣ шуда, амалиётҳои мазкур дар навбати аввал тавассути низомҳои пардохтие, ки ба ММПИМ пайваст шудаанд, анҷом дода мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки солҳои охир низоми интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли рушди босуръатро касб карда, тадриҷан чун дар дигар кишварҳои минтақа, ҳисса ва нақши он дар миёнаравии молиявӣ ба таври назаррас зиёд шуд. Дар асоси таҷрибаи солҳои тӯлонӣ ва бо назардошти рӯйдодҳои охири марбут ба пардохтнопазирии як қатор низомҳои байналмилалии интиқоли маблағ, Бонки миллии Тоҷикистон вазъи муосири бозори интиқоли маблағҳои пулиро бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ дар Тоҷикистон таҳлил намуд ва дар натиҷа як қатор мушкилиҳоеро ошкор кард, ки ба устувории низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонида, боиси коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ гардиданд. Ин омилҳо бевосита ба рушди низоми интиқоли маблағҳо ва фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонии интиқоли маблағҳо ба муштариён халал мерасонад, аз он ҷумла:

- қабл аз ҳама, мавҷуд набудани маркази ягонаи протсессингии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳо мусоидат намуда, талаботи истифодабарандагони хизматрасонии интиқоли маблағҳоро қонеъ мекунад;
- мавҷуд набудани имконияти аз ҷониби шаҳрванд гирифтани маблағи интиқолшуда аз дилхоҳ ташкилоти қарзӣ, бинобар надоштани шартномаи ҳамкорӣ бо ҳама низомҳои интиқолӣ ва нобаробар ҷойгир шудани онҳо аз рӯи мавқеи ҷуғрофии кишвар. Дар ин ҳолат муштарӣ маҷбур аст, ки вақти худро ба ҷустуҷӯйи ташкилоти қарзие, ки бо низоми интиқолии ба вай зарур буда шартнома дорад, сарф намояд;
- ташкилотҳои қарзии ватаниро зарур аст, ки барои ҳамкорӣ намудан бо ҳар як низоми интиқолии байналмилалӣ дар бонкҳои хизматрасони ин низомҳо суратҳисобҳои муросилотӣ кушоянд, ки ин боиси хароҷоти иловагии ташкилотҳои қарзӣ, сарфи зиёди вақт гашта, хавфҳои иловагиро ба миён меорад;
- ташкилотҳои қарзӣ ҳамарӯза маблағҳои пулии интиқолшавандаро ба муштариён аз ҳисоби худ пардохт намуда, баъд аз як ё ду

рӯз ин маблағҳоро аз бонки хизматрасони низоми интиқолӣ мегиранд, ки ин раванд хавфи напардохтани маблағҳоро ҳангоми ғайрибозоргир будани низоми интиқолии байналмилалӣ зиёд мекунад. Бо назардошти он ки ҳамарӯза маблағи зиёд ба ҷумҳурӣ интиқол мешавад, бевосита ин раванд ба низоми бонкӣ хавфи калон дорад. Таҷриба нишон дод, ки чунин ҳолатҳо боиси ба миён омадани мушкилии молиявии ташкилотҳои қарзӣ гардида, ҳадди ақалл бо муфлисшавии ду низоми интиқоли маблағҳо (Лидер ва Мигом) ӯҳдадориҳои онҳо дар назди ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз 20 млн. рубли русиро ташкил дод;

• мавҷуд набудани интерфейси ягонаи кор бо низомҳои пардохтӣ сабаби мушкилӣ ҳангоми азхудкунии малакаи корӣ бо интерфейсҳои гуногуни низомҳои пардохтӣ мегардад, ки ин боиси зиёд шудани хатогиҳо аз ҷониби кормандони ташкилотҳои қарзӣ ҳангоми хизматрасонии интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ мегардад;

• мавҷуд набудани механизми онлайн мониторинги воруди маблағҳо ҳамчун фишанги муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом. Таҷрибаи амалкунандаи интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ ҳолатҳои хусусияти байналмилалӣ доштаро нишон дод, ки ба нуфузу эътибори кишвар таъсири манфӣ расонид ва ин амал дар навбати хуб метавонад ба ҳавасмандӣ аз фазои сармоягузории мамлакат таъсир расонад;

• мавҷуд набудани маълумоти дақиқ оид ба ҳаҷми интиқолҳои пулӣ ва имконияти таҳлили хавфҳои он, амнияти иқтисодии давлатро зери хатар мегузорад;

• мавҷуд набудани қурби ягонаи мубодилавӣ оид ба интиқоли маблағҳо, ки ба манипулятсияи сунъии интиқоли маблағҳо дар бозори интиқоли маблағҳо овар-да мерасонад.

Бо назардошти камбудиҳои ошкоршуда дар низоми амалкунандаи интиқоли маблағҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи татбиқи сиёсати islоҳотии худ иқдом гирифт, ки Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳоро бе кушодани суратҳисобҳо (ММП) таъсис диҳад.

Мақсади асосии таъсиси Маркази миллии протсессингӣ баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми интиқоли маблағҳо, таъмин намудани шаффофияти амалиётҳо ва коҳиш додани хавфҳои транзаксионӣ бо мақсади таъмин намудани устувории низоми бонкию молиявӣ дар кишвар ва ба амал овардани заминаи мусоид барои амалиётҳои бехавф мебошад.

Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо – маҷмааи барномавию техникии Бонки миллии Тоҷикистон махсуб ёфта, ҳисоббаробаркуниҳоро аз рӯи интиқолҳои фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоб тавассути суратҳисобҳои муросилотии Иштирокдорон, ки дар асоси шартнома дар Бонки миллии Тоҷикистон кушода шудаанд, бо истифода аз воситаҳои электронии қабул, коркард, интиқол ва ҳифзи иттилоот таъмин менамояд.

Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо имкон фароҳам меорад, ки интиқоли фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар шакли ғайринақдӣ ба таври зуд, боэътимод ва бехатар анҷом дода шаванд. Маркази мазкур инчунин имкониятҳои навро баҳри рушди бозори интиқолҳои пулӣ таъмин намуда, барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мусоидат мекунад, сифати хизматрасониро барои интиқолгирандагон беҳтар намуда, имкони назоратро дар заминаи ҳуқуқӣ дар сатҳи давлатӣ ва таъминнокии молиявии ҳар як амалиёти фаромарзии интиқоли маблағҳо таъмин менамояд.

Фаъолияти Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо якчанд бартариятҳо дорад, аз ҷумла:

• таъмини шаффофияти амалиётҳо аз рӯи интиқолҳои пулии фаромарзӣ бе кушодани суратҳисоби бонкӣ;

• таҳким бахшидани механизми муқовимат аз сӯиистифода намудан аз низоми интиқоли маблағҳо бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ бо мақсади расмикунонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон;

• баланд бардоштани самаранокии ҳисоббаробаркуниҳо байни ҳамаи иштирокдорони ММП;

• тақвият бахшидани устувории низоми бонкии мамлакат аз ҳисоби паст намудани хавфҳои амалиётӣ барои ташкилотҳои

қарзии молиявии Тоҷикистон ҳангоми муфлисшавии низомҳои пардохтии интиқолӣ;

• аз байн бурдани ҳолатҳои ҳаннотӣ дар бозори интиқоли маблағҳо ва маҳдуд кардани омилҳои инсонӣ;

• таъмин намудани қурби ягонаи мубодилавӣ барои интиқоли маблағҳо;

• мавҷуд будани қарори инноватсионӣ, ки фаъолиятро бо низомҳои интиқолии гуногун бо истифода аз интерфейси ягона таъмин менамояд;

• беҳтар кардани механизми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

• осону қулай гардидани интиқоли маблағҳои дохилиҷумҳуриявӣ, алалхусус дар манотиқи дурдасти кишвар;

• фароҳам овардани имконияти интиқоли маблағҳо ба суратҳисобҳои кортии дорандагони кортҳои пардохтии “Корти миллӣ” ва дар натиҷа афзоиши амонатҳо дар ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби интиқоли маблағҳо (супориши Пешвои миллат ҷиҳати зиёд кардани амонатгузорон аз ҳисоби интиқоли маблағҳо);

• таъсиси махзани муттаҳидаи иттилоот оид ба интиқолҳои фаромарзӣ, ки боиси беҳтар гардидани сифати маълумотҳои оморӣ ва таҳлилҳо мегардад;

• таъмин намудани маълумотҳои оморӣ дар бораи гардиши пул аз рӯи интиқоли маблағҳо.

Татбиқи лоиҳаи Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо инчунин самаранокии идоракунии хавфҳои низомҳои байналмилалии интиқоли маблағҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияткунандаро таъмин намуда, ба устувории низоми молиявии кишвар мусоидат мекунад.

Бо пайваст шудани низомҳои интиқолӣ ва ташкилотҳои қарзӣ ба Маркази миллии протсессингӣ кори бизнес-протсес бо интиқоли маблағҳои фаромарзӣ бетағйир мемонад ва Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайси бонки ҳисоббаробаркунанда ба муштариён ва иштирокдороне, ки амалиётҳоро бо интиқоли маблағҳо иҷро мекунанд, кафолат медиҳад ва хизматрасонии интиқоли маблағҳоро бетаъхир ва бе расонидани зарар ба онҳо таъмин менамояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки барои иштирокдорони Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо барои иштирок ва ё анҷом додани амалиёт дар доираи ММП ягон намуди маблағ барои пардохт талаб карда намешавад. Дар баробари таъмини хароҷот барои таҳия, татбиқ ва дастгирии ММП, Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайси мақоми танзимгар дар оянда низ тамоми хароҷоти марбут ба татбиқи лоиҳаи мазкурро ба зиммаи худ гирифта, бо ин амал хавфи зиёд шудани ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия)-ро барои шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бозори интиқоли маблағҳо аз байн мебарад.

Аз моҳи январи соли 2019 Бонки миллии Тоҷикистон бо низомҳои байналмилалии интиқолӣ дар хусуси кам кардани ҳаққи хизматрасонӣ (комиссия) барои ММП гуфтушунидҳо доир намуд, ки дар натиҷа як қатор низомҳои байналмилалии интиқолӣ меъёри фоизиашонро барои интиқол ба Тоҷикистон кам карданд, ки ҳаққи хизматрасонӣ ба ҳиссаи назаррас (наздики 80 фоиз) аз ҳиссаи умумии маблағҳои интиқолӣ аз 1,5 фоиз то ба 1 фоиз коҳиш дода шуд ва ин амал боиси кам шудани хароҷоти истифодабарандагони интиқоли маблағҳо гардид.

Иқдоми мазкур аз сатҳи баланди масъулияти иҷтимоӣ ва тарафдории этикаи корпоративии низомҳои пардохтӣ шаҳодат медиҳад ва Бонки миллии Тоҷикистон барои дастгирӣ намудани қишри муайяни аҳолӣ ба низомҳои мазкур миннатдории хешро баён менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон тамоми иштирокдорони бозори интиқоли маблағҳоро бовар мекунонад, ки дар доираи ислоҳоти ниҳодӣ оид ба таъсиси Маркази миллии протсессингӣ тамоми манфиатҳои гирандагон ва фиристандагони маблағҳои интиқолӣ ба инобат гирифта шудаанд, аз ҷумла, ҷонибҳои манфиатдор низ ҳимоя мешаванд.

Бо дарназардошти тамоюли ҷаҳонии ҳамгироии технологияҳои молиявӣ бо технологияҳои танзимгар, ки дар асоси онҳо модели Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо таҳия шудааст, дар оянда он ба ташаккули доираи васеи имкониятҳои технологӣ ва инноватсионӣ ҷиҳати пешниҳоди хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат хоҳад кард.

**www.nbt.tj**

# Дастовардҳои СОЛИ 2019 назаррасанд



**Соли 2019 бо рӯйдодҳои муҳими иқтисодӣ ва комёбиҳои чашмраси низоми бонкӣ дар ёди аксари сокинони Тоҷикистон ҳамчун соли бобарор боқӣ хоҳад монд. Ба кор даромадани чархаи дуюми НБО-и "Роғун", ба фаъолият оғоз кардани аввалин бонки исломӣ-"Тавҳидбонк", ба ҶСП Бонки "Арванд" табдил ёфтани ҶДММ ТАҚХ "Арванд" ва ба он ҳамроҳ шудани ҶСП "АксесБонк Тоҷикистон", афзоиши истеҳсоли рекордии тилло, ҷалби миллионҳо доллар сармоя ба иқтисоди миллӣ, аввалин кешбекҳо аз бонкҳои Тоҷикистон ва ғайра аз муҳимтарин ҳодисаҳо ва дастовардҳое буданд, ки дар соли 2019 ба амал омаданд.**

## ЧАРХАИ ДУЮМИ НЕРУГОҲИ БАРҚИИ ОБИИ "РОҒУН"

→ Ба фаъолият шуруъ кардани чархаи дуюми НБО-и "Роғун" яке аз рӯйдодҳои муҳим ва таърихии кишвар ба ҳисоб меравад ва он 9 сентябри соли 2019 дар вазъияти тантанавӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кор дароварда шуд. Оғози кори онро коршиносон қадами дигари устувори Тоҷикистон барои расидан ба истиқлолияти комили энергетикӣ унвон карданд. Ин идомаи дастёбӣ ба орзуи тамоми мардуми Тоҷикистон буд, ки солҳо мехостанд, неругоҳи "Роғун" ба кор дарояд ва мушкили норасоии барқ, ки ба вазъи иҷтимоиёту иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонид, ҳал шавад ва зиндагӣ хубу гуворотар гардад. Ҳамагӣ як сол пеш аввалин чархаи НБО-и "Роғун" ба кор даромада, тавлиди қувваи барқ оғоз гардида буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар Тоҷикистон сохтмони неругоҳи "Роғун"-ро сохтмони стратегӣ ҳисобида, онро масъалаи маргу зиндагӣ номида буданд ва ба кор даромадани чархи дуюми ин неругоҳ, барои тамоми мардуми кишвар умедбахшу хурсандиовар мебошад. Бо ба кор даромадани чархи дуюм иқтидори истеҳсолии неругоҳ дар як соат то 120 мегаватт барқ расид.

Бино ба иттилоъи расмӣ, бо фаъол шудани ду чархи неругоҳи Роғун аз неругоҳ ду хати баландшиддати 220 квт ба системаи умумии энергетикии кишвар пайваст шуданд, ки ин барои таъмини кишвар бо барқ ва содироти он ба хориҷи кишвар мусоидат хоҳад кард.

Афзоиши истеҳсоли барқ дар неругоҳи номбурда натанҳо мушкили норасоии баркро дар Тоҷикистон ҳал мекунад, балки иқтидори иқтисодии кишварро афзуда, ҷумҳуриро ба яке аз кишварҳои калидии содиркунандаи барқ дар минтақа табдил медиҳад.

## "ТАВҲИДБОНК" – НАХУСТИН БОНКИ ИСЛОМӢ

→ Дар соли 2019 яке аз ҳадафҳои асосии давлат дар соҳаи бонкдорӣ – ба роҳ мондани бонкдории исломӣ дар кишвар амалӣ шуд. Баъд аз чандин соли таҳияи қонун ва баррасии санадҳои ҳуқуқии танзимкунандаи бонкдории исломӣ дар кишвар нахустин ташкилоти қарзии исломӣ таъсис ёфт. Бо қарори Маҷлиси умумии солонаи саҳмиядорони ҶСК «Соҳибкорбонк» Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Соҳибкорбонк» ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тавҳидбонк» табдил дода шуд.

Тавре аз иттилооти расмӣ бармеояд, 1 июли соли 2019 Шӯъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии ш. Душанбе бар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии ҶСК "Тавҳидбонк"-ро ба расмият даровард.

Баъдан Бонки миллии Тоҷикистон барои фаъолияти бонки мазкур тибқи қоидаҳои бонкдории исломӣ иҷозатнома дод. ҶСК «Тавҳидбонк» вориси ҳамаи ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ҶСК «Соҳибкорбонк» ҳисобида мешавад. Суроғаи мақомоти идоракунии бонки марказии ҶСК «Тавҳидбонк» ва реквизитҳои бонк бетағйир мононда шуданд.

Интизорӣ меравад, ки ин навгонӣ масъалаи ҷалби сармояи муассисаҳои молиявии исломии байналмилалиро ба иқтисоди кишвар осонтар хоҳад кард.

## АССОТСИАТСИЯИ ТАШКИЛОТҲОИ СУҒУРТАВӢ ТАШКИЛ ШУД

→ Соли равон аввалин маротиба дар Тоҷикистон Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ташкил ёфт, ки барои соҳаи бонкдорӣ ва бозори суғуртаи кишвар ташкилоти нав ба шумор меравад. То ин вақт дар ҷумҳурӣ ташкилоти мутаҳидкунандаи ташкилотҳои суғуртавии кишвар вуҷуд надошт. Иттиҳодияи мазкур бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати фаъолияти самарабахш ва рушди тиҷорати суғуртавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъмини рақобати солим, ҳимояи манфиатҳои суғуртакунандагон дар назди мақомоти давлатӣ ва тақвият бахшидан ба фаъолияти муназзами ташкилотҳои суғуртавӣ созмон ёфт.

Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон аз аъзои ассотсиатсия дар мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, мақоми назоратӣ, мақомоти қонунгузор, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ ва дигар ташкилотҳо намояндагӣ мекунад ва ҳуқуқҳои онҳоро ҳифз менамояд.

Қобили қайд аст, ки соҳаи суғурта яке аз бахшҳои муҳими бозори молиявии мамлакат ба ҳисоб меравад ва ҳамчун пешниҳодкунандаи хизматрасониҳои суғуртавӣ метавонад дар пешрафти бахшҳои мухталифи иқтисодиёт, хусусӣ, хоҷагии халқ ва рушди онҳо, ҳалли як қатор масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат намояд. Ташкили Ассотсиатсияи миллии ташкилотҳои суғуртавии Тоҷикистон ҳамчунин имконият дорад барои рушди босамари соҳаи суғурта саҳми босазо гузорад.

## РЕКОРДИ НАВИ ИСТЕҲСОЛИ ТИЛЛОВУ НУҚРА



→ Бо назардошти он ки имсол Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишварро яке аз ҳадафҳои стратегии ҷумҳурӣ эълон намуд, саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ хеле пеш рафта, рушд намуд. Аз он ҷумла, истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо дар Тоҷикистон бо суръати баланд зиёд шуд. Ҳаҷми истеҳсоли тилло дар 9 моҳи соли 2019 нисбат ба ҳамин давраи соли пешин 30,2% афзуд ва истеҳсоли нуқра дар ин давра 36,9% зиёд шудааст. Хусусан, истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо дар нимсолаи аввал назаррас буд. Дар ин муддат нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ истеҳсоли тилло ба андозаи 60,8% ва тавлиди нуқра 37,6% афзуд, ки ин натиҷа нишондиҳандаи рекордӣ ба ҳисоб меравад. Ин

ҳам дар соле ба миён омад, ки соли 2018 дар Тоҷикистон рекорди нави истеҳсоли тилло гузошта шуда буд.

Дар айни замон дар Тоҷикистон зиёда аз 10 корхона ба истеҳсоли металлҳои қиматбаҳо машғуланд, ки бузургтарини онҳо дар баробари КМ “Зарафшон” ва КМ “Апрелевка”, корхонаи давлатии “Тиллои тоҷик”, корхонаи заршӯӣ (артел)-и “Одина” ва ширкати “Покрӯд” мебошанд. Корхонаи асосии истихроҷ ва истеҳсоли тилло дар Тоҷикистон корхонаи муштараки Тоҷикистону Чин – “Зарафшон” ба шумор меравад, ки аз ҳаҷми умумии истеҳсоли ин металли гаронбаҳо наздики 70%-и ҳиссааш ба он рост меояд.

Дар ҷумҳурӣ захираҳои зиёди тилло мавҷуд мебошанд. Бино ба маълумоти расмӣ дороиҳои тиллои Тоҷикистон аз 137 кон бо захираҳои ҳисобшудаи тиллои саноатӣ ва 127 кон бо захираҳои тиллои ғайрисаноатӣ иборат аст. Конҳои асосии тиллои Тоҷикистон бо захираҳои тавозунӣ дар қисмати марказии ҷумҳурӣ воқеъ мебошанд. Коркарди ин ҳама захираҳои тилло дар оянда барои пешрафти иқтисоди миллии кишвар мусоидати бузург мекунад.

## ▲ НАВИГАРӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ: ТАҚХ "АРВАНД" БОНК ШУД!

→ Имсол дар низоми бонкии кишвар навигариҳои ҷолиб ба миён омаданд. Бо иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ташкилоти қарзии нав – ҶСП Бонки "Арванд"ба фаъолият шурӯъ намуд, ки дар заминаи ҳамроҳ шудани ҶСП “АксесБонк Тоҷикистон” ба ҶДММ ТАҚХ “Арванд” ташкил ёфт. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни супоридани иҷозатнома ба Раиси ҶСП Бонки "Арванд" Шоира Содиқова ба ӯ баҳри мусоидат намудан ба дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои арзону босифат дастур дод. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчунин аз масъулини бонки навтаъсис хост, ки бо таъсиси филиалҳо ва марказҳои хизматрасонии нав доираи фаъолияти худро дар манотиқи гуногуни кишвар васеъ намуда, ба миёнаравии молиявӣ дар кишвар ва коҳиш додани фоизҳои қарзӣ мусоидат кунанд.

Ӯ бо назардошти хонум будани роҳбари бонки нав ба вай тавсия дод, ки ба ҳайси як зани роҳбари бонки тиҷоратӣ ба таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо ҷалби бонувон ба низоми бонкӣ талош намояд.

Бо таъсиси ҶСП Бонки "Арванд" шумораи умумии ташкилотҳои қарзӣ дар кишвар ба 75 адад баробар шуд, аз ҷумла, шумораи бонкҳо ба 17 адад, теъдоди ташкилотҳои амонатии қарзии хурд ба 21адад, шумораи ташкилотҳои қарзии хурд ба 6 ва фондҳои қарзии хурд ба 31 адад расид.

## ▲ КОҲИШИ НАЗАРРАСИ МЕЪЁРИ МИЁНАВАЗНИ ФОИЗИ ҚАРЗҲО

→ Дар соли 2019 коҳиши назарраси меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо аз навигариҳои хотирмон ба шумор меравад. Дар моҳҳои январ-сентябри соли равон меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо бо пули миллӣ нисбат ба нуҳ моҳи соли гузашта ба андозаи 6,4 банди фоизӣ паст шуда, 22,1%-ро ташкил дод. Ҳамзамон, меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо дар ин давра бо асъори хориҷӣ ба 15,5% баробар шудааст, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 банди фоизӣ паст мебошад. Коҳиши меъёри миёнавазни фоизи қарзҳо барои дастрасии бештари сокинони кишвар бо воситаҳои молиявӣ мусоидат мекунад. Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади татбиқи иқдоми Пешвои миллат оид ба таъмини рушди соҳибкорӣ дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ тадбирҳои паст кардани меъёри фоизи қарзро амалӣ кард ва натиҷааш он шуд, ки аз ҳаҷми умумии

қарзҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар ин давра додашуда, қариб 40%-и он ба соҳибкории истеҳсолӣ рост меояд. Бино ба иттилоъи Бонки миллӣ дар давоми 9 моҳи соли ҷорӣ ба соҳаи истеҳсолӣ ба сурати умум дар ҳаҷми 2,7 млрд. сомонӣ (наздики 280 млн. доллар) қарз дода шудааст, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 980 млн. сомонӣ ё худ 58% бештар аст.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо супориши роҳбарияти мамлакат бояд арзиши воқеии қарзҳои бонкӣ муайян ва меъёрҳои фоиз ба онҳо тадриҷан поин бурда шаванд. Бонки миллии Тоҷикистон барои иҷрои ин дастур соли гузашта гурӯҳи корӣ таъсис дода, изҳор кардааст, ки роҳандозии тадбирҳоро барои амалисозии сиёсати қобили қабули фоизӣ дар низоми бонкӣ давом медиҳад ва онро омили муассир барои рушди иқтисоди кишвар медонад.

## МУЛОҚОТҲОИ СУДМАНДИ РОҲБАРИЯТИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БО СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ



→ Соли ҷорӣ роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарон, коршиносон ва намояндагони ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ мулоқотҳои муҳим ва судманд доштанд, ки онҳо барои рушди соҳаи бонкдории кишвар мусоидат хоҳанд кард. Яке аз рӯйдодҳои хотирмони олами бонкдориии Тоҷикистон баррасии масоили ҳамкории Бонки миллии Тоҷикистон ва Хазинаи байналмилалии асъор буд, ки 14 марти соли 2019 баргузор шуд. Дар он роҳбарияти БМТ дар ҳайати Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ва Муовини якуми Раис Ҷамолиддин Нуралиев бо мудири иҷроияи Хазинаи Байналмилалии Асъор Пол Индербинен ва роҳбари ҳайати Хазинаи Байналмилалии Асъор оид ба Тоҷикистон Падамжа Ханделвал масоили ҳамкориҳои дуҷониба, рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар, нававарию ислоҳот дар низоми бонкӣ, нигоҳ доштани устувории макроиқтисодӣ бо назардошти хавфҳои эҳтимолӣ, беҳтар гардидани вазъи молиявии низоми бонкӣ, зарурати таҳким бахшидани асосҳои сиёсати пулию қарзӣ ва татбиқи босамари ислоҳоти иқтисодиро баррасӣ намуданд.

Дар ҷараёни мулоқот Ҷамшед Нурмаҳмадзода изҳори умед намуд, ки ХБА дар оянда низ ташаббусҳои созандаи худро идома дода, барои баланд бардоштани рушди иқтисодӣ ва низоми бонкии мамлакат тадбирҳои судмандро амалӣ менамояд. Мудири иҷроияи Хазинаи байналмилалии асъор ҷаноби Пол Индербинен ҳангоми суҳбат тақвият бахшидани ҳамкориҳои судмандро зарур ҳисобид. Дар мулоқот, роҳбари ҳайати ХБА оид ба Тоҷикистон Падамжа Ханделвал, оид ба омӯзиши вазъи иқтисодӣ ва таъсири омилҳои беруна ба вазъи бозори дохилии асъор, иқтидори содиротии кишвар ва сатҳи воридот, сатҳи таваррум, идоракунии захираҳои байналмилалӣ андешаҳои худро баён кард. Падамжа Ханделвал бо такя ба ислоҳотҳои татбиқшуда дар низом зикр кард, ки айни замон бо кӯшишҳои роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон низоми бонкии мамлакат нисбат ба чанд соли қабл муътадил арзёбӣ шуда, ояндаи наздик устувории он хубтар хоҳад шуд.

## МАРКАЗИ МИЛЛИИ ПРОТСЕССИНГИИ ИНТИҚОЛИ МАБЛАҒҲО ТАЪСИС ЁФТ

→ Муаррифии Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо дар соли 2019 аз ҷумлаи ҳодисаҳои муҳими соҳаи бонкдории кишвар ба шумор меравад. Тавре маълум гардид, Маркази зикршуда имкон фароҳам меорад, ки интиқоли фаромарзии маблағҳо бе кушодани суратҳисоби бонкӣ дар шакли ғайринақдӣ ба таври зуд, боэътимод ва бехатар анҷом дода мешавад. Марказ инчунин имкониятҳои навро баҳри рушди бозори интиқолҳои пулӣ таъмин

карда, барои баланд бардоштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин сифати хизматрасониро барои интиқолгирандагон беҳтар намуда, имкони назоратро дар заминаи ҳуқуқӣ дар сатҳи давлатӣ ва таъминнокии молиявии ҳар як амалиёти фаромарзии интиқоли маблағҳоро таъмин менамояд. Дар маросими муаррифии он 1-уми октябри соли 2019 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев изҳор дошт, ки солҳои охир низоми интиқоли маблағ бе кушодани суратҳисоб дар Тоҷикистон тамоюли рушди босуръатро касб карда, тадриҷан чун дар дигар кишварҳои минтақа, ҳисса ва нақши он дар миёнаравии молиявӣ зиёд шудааст:

– Бо назардошти рӯйдодҳои охири марбут ба пардохтнопазирии як қатор низомҳои байналмилалии интиқоли маблағҳо, Бонки миллии Тоҷикистон таҳлили вазъи муосири бозори интиқоли маблағҳои пулиро бе кушодани суратҳисобҳои бонкӣ дар Тоҷикистон анҷом дод. Дар натиҷа як қатор мушкилиҳое ошкор шуданд, ки ба устувории низоми бонкӣ таъсири манфӣ расонида, боиси коҳиш ёфтани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ гардиданд. Ин омилҳо ба рушди низоми интиқоли маблағҳо ва фароҳам овардани шароити мусоиди хизматрасонӣ ба муштариён халал мерасонанд.

Бо назардошти камбудиҳои ошкоршуда дар низоми амалкунандаи интиқоли маблағҳои Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи татбиқи сиёсати ислоҳотии худ тасмим гирифт, ки Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳоро бе кушодани суратҳисобҳо таъсис диҳад.

Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти низоми интиқоли маблағҳо, таъмини шаффофияти амалиёт ва коҳиш додани хавфҳои транзаксионӣ ва таъмини устувории низоми бонкию молиявӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

Ҷанбаи дигар ва мусбати Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо дар он зоҳир мегардад, ки аз иштирокдорони маркази мазкур барои анҷом додани амалиёт ягон маблағ талаб карда намешавад. Бонки миллии Тоҷикистон дар баробари таъмини хароҷот барои таҳия, татбиқ ва дастгирии Маркази миллии протсессингии интиқоли маблағҳо, ба ҳайси мақоми танзимгар дар оянда низ тамоми хароҷоти марбут ба татбиқи лоиҳаи мазкурро ба зиммаи худ гирифта, бо ин амал хавфи зиёд шудани ҳаққи хизматрасониро барои шаҳрвандони Тоҷикистон дар бозори интиқоли маблағҳо аз байн мебарад.

## БОНКИ ОСИЁИИ РУШД ВА АФЗОИШИ ҶАЛБИ САРМОЯ




→ Масъалаи ҷалби сармоя яке аз масъалаҳои муҳим маҳсуб меёбад. Тоҷикистон бо ин мақсад бо чандин давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ созишномаҳо ба имзо расонид. Аз он ҷумла, яке аз дастовардҳои Тоҷикистон дар ин замина ба даст овардани тасмими Бонки осиёии рушд барои тахсис додани 404 миллион доллари ИМА барои се соли оянда буд. Ин кумаки молиявӣ ба Тоҷикистон барои мусоидат ба вокуниши хатарҳо ва қонеъ сохтани талаботи кишвар пешбинӣ шудааст.

Намояндаи доимии Бонки осиёии рушд дар Тоҷикистон Прадип Сривастава дар ин хусус гуфт, ки "нақшаи сесолаи мо ба дурнамои ҷории шарикии Бонки осиёии рушд бо кишвар ва афзалиятҳои миллии рушд созгор аст ва бар замми лоиҳаҳо дар бахши давлатӣ, Бонки осиёии рушд имкони сармоягузорӣ ба бахши хусусиро дар тиҷорати кишоварзӣ, бахши молиявӣ ва дигар соҳаҳо низ баррасӣ мекунад".

Нақшаи индикативии сармоягузорӣ аз лоиҳаҳои инкишофи

малакаҳои корӣ, рушди минбаъдаи соҳаи энергетика бо шумули дастгирии ислоҳот дар соҳа ва беҳбуди зербино, пуштибонӣ аз рушди бахши молиявӣ, ҳамчунин беҳбуди идоракунии захираҳои обӣ иборат аст. Бонки осиёии рушд дастгирии рушди бахши сайёҳӣ, таъмиру навсозии долонҳои муҳими нақлиётӣ, рушди зербинои шаҳрӣ, баланд бардоштан устуворӣ нисбат ба офатҳои табиӣ ва ислоҳоти фазои сармоягузориро дар нақша дорад.

Бонки осиёии рушд то ин замон ба Тоҷикистон беш аз 1,8 миллиард доллари амрикоӣ сармоя ворид кардааст, ки беш аз 1,1 млрд. доллари онро грантҳо ташкил медиҳанд. Ин сармоя ба беҳбуди ҳолати нақлиёт ва зербинои кишвар, дастгирии рушди иҷтимоӣ, густариши истеҳсолоти кишоварзӣ ва густариши ҳамкории тиҷоратии минтақавӣ мусоидат кардааст.

## ▲ ТОҶИКИСТОН КИШВАРИ ИСЛОҲОТХОҲ ДАР DOING BUSINESS-2020

→ Яке аз навигариҳои хотирмон дар соли равон ворид шудани Тоҷикистон ба бистгонаи кишварҳои ислоҳотхоҳи рейтинги Doing Business-2020 мебошад. Бино ба маълумоти Бонки ҷаҳонӣ нишондоди ҷумҳурӣ аз рӯйи се нишондиҳанда беҳтар шудааст: “Сабти корхонаҳо”, “Дастрасӣ ба қарзҳо” ва “Тиҷорати байналмилалӣ".

Дар рӯйхати 20 кишвари ислоҳотхоҳ аз кишварҳои Осиёи Марказӣ Қирғизистон ва Ӯзбекистон низ зикр шудаанд. Ба ҷуз ин кишварҳо Озарбойҷон, Бангладеш, Баҳрайн, Ҷибутӣ, Ҳиндустон, Урдун, Қатар, Кения, Чин, Косово, Қувайт, Мянма, Ҳабашистон, Покистон, Арабистони Саудӣ, Того ва Зимбабве низ шомили феҳрист шудаанд.

Бонки ҷаҳонӣ ба ин бистгона кишварҳоеро интихоб кардааст, ки дар онҳо барои роҳандозии тиҷорат дар се ё беш аз 10 соҳа ислоҳоти сабуксозанда гузаронида шудаанд, аз он ҷумла, дар бахшҳои сабти корхонаҳо, андозбандӣ, таъмини иҷрои қарордодҳо, ҳимоя аз сармоягузорони миноритарӣ, гирифтани қарзҳо, насб ба низоми таъминот бо барқ, сабти моликият, ҳалли масъалаи пардохтнопазирӣ, тиҷорати байналмилалӣ, иҷозатнома барои сохтмон.

Интихоби иқтисодҳои беҳтаршуда аз рӯйи дастовардҳои назаррас дар самти осон кардани роҳандозии тиҷорат байни кишварҳое муайян карда мешавад, ки на кам аз се ислоҳот гузаронидаанд.

Ҷойгир шудани Тоҷикистон ба бистгонаи кишварҳои ислоҳотхоҳи рейтинги Doing Business-2020 эътимоди сармоягузорони хориҷиро ба кишвар афзуда, боиси афзоиши ҳаҷми воридоти сармоя дар кишвар хоҳад шуд.

## ▲ ТОҶИКИСТОН ДАР РЕЙТИНГИ “MOODY’S INVESTORS SERVICE” МАВҚЕИ УСТУВОРАШРО ҲИФЗ КАРД



→ Дар соли 2019 Тоҷикистон дар рейтинги соҳибихтиёрии Агентии рейтингии байналмилалии Moody’s Investors Service” мавқеи устувори худро ҳифз кард. Дар робита ба ин, 12 ноябри соли ҷорӣ вохӯрии Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо намояндагони Агентии рейтингии байналмилалии “Moody’s Investors Service” баргузор гардид.

Дар мулоқот Ҷамолиддин Нуралиев дар бораи вазъи феълии низоми бонкии ҷумҳурӣ, амалигардонии сиёсати монетарӣ ва нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда, самтҳои гуногуни рушд дар бахши молияи давлатӣ ва имконоти мавҷуда барои ҷалби сармоягузорӣ ба кишвар суханронӣ намуд. Ӯ таъкид намуд, ки “новобаста аз таъсири омилҳои беруна, Тоҷикистон тавонист, тайи солҳои охир устувории макроиқтисодиро таъмин намояд”.

Бино ба итилоъи расмӣ, беҳтар гардидани вазъи ни-

зоми бонкӣ, аз ҷумла, таъмини даромаднокӣ, афзоиши сандуқи қарзӣ, коҳиши қарзҳои ғайрифаъол ва зиёд шудани ҷалби пасандозҳо, баланд шудани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ боис шудааст, ки устувории макроиқтисодии Тоҷикистон таъмин гардад. Муовини якуми Раиси БМТ аз намояндагони Moody's даъват ба амал овард, ки дар ҷараёни баҳогузорӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои воқеӣ хулоса бароранд. Ҳангоми таҳияи рейтинги навбатӣ бояд хусусиятҳои минтақа ва кишвар, афзоиши Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ва саҳми бахшҳои иқтисодиёт дар он, беҳтар гардидани сатҳи даромаднокии низоми бонкӣ, таҳким ва рушди идоракунии захираҳои байналмилалии кишвар, ислоҳоти гузаронидашуда ва нишондиҳандаҳои муҳими дигар ба инобат гирифта шаванд.

Ноиби калони муовини президенти Гурӯҳи баҳодиҳии хавфҳои кишварҳои соҳибихтиёри Агентии мазкур Кристиан де Гузман ва мудири иҷроияи он Жин Фенг гуфтанд, ки аз рӯйи методологияи нав дурнамо барои 12 моҳ пешниҳод карда мешавад ва он дар асоси нишондиҳандаҳои ироакардаи ҷониби Тоҷикистон омода мегардад.

Натиҷаи баҳодиҳии рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Тоҷикистон талаботи асосии ворид шудан ба бозорҳои байналмилалии сармоя ба шумор рафта, дар рушди сармоягузорӣ ва ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, бонкҳои сармоягузорӣ ва шарикони рушд аҳамияти бузург дорад.

## ▲ АВВАЛИН КЕШБЕК АЗ БОНКҲОИ ТОҶИКИСТОН




→ Бархе аз ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон дар соли 2019 дар хизматрасониҳои худ навгониҳоеро ҷорӣ карданд, ки барои муштариён муҳим мебошанд. Аз ҷумла, ҶСК ТАҚХ “Алиф сармоя” аввалин бор дар кишвар хизматрасонии кешбекро ба роҳ монд. Ташкилоти қарзии мазкур ҳангоми харид бо кортҳои пардохтӣ ва ё ҳамёни электронӣ як қисми маблағро бармегардонад. ТАҚХ “Алиф сармоя” бо ин мақсад ҳамёни электронии “Алиф моби”-ро ташкил намудааст ва барои харидорон аз 0,5% то 40% кешбекро пешниҳод кардааст. Ин иқдоми “Алиф сармоя” дар Тоҷикистон бесобиқа буда, барои афзоиши амалиётҳои ғайринақдӣ ва ҳавасманд сохтани мардум барои пардохтҳо бо кортҳои бонкӣ мусоидат мекунад.

Ба сурати умум, соли 2019 бо ҳодисаҳои муҳиму хотирмони худ чун як соли пурсамар дар ҳаёти мардуми кишвар ва низоми бонкӣ дар ёдҳо боқӣ хоҳад монд, ки дар он барои беҳтар шудани вазъи иқтисоду иҷтимои кишвар замина гузошта шудааст.

## ▲ ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОДӢ

→ Дар соли 2019 рушди иқтисодии кишвар бо суръат рушд кард. Бино ба омори расмӣ дар давоми нуҳ моҳи соли ҷорӣ рушди иқтисодӣ 7,2%-ро ташкил дод, ки аз нишондиҳандаи соли гузашта бештар аст. Нишондиҳандаи Маҷмӯи маҳсулоти дохилии Тоҷикистон дар давоми 9 моҳ 52,9 миллиард сомониро ташкил дод. Бино ба маълумоти вазорати рушди иқтисод ва савдои Тоҷикистон, рушди иқтисоди кишвар асосан дар пайи пешрафти соҳаҳои асосии иқтисодиёт – саноат, кишоварзӣ ва тиҷорат ба даст омадааст. Дар соли 2019 ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар дар ҳаҷми 78,2 миллиард сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Таҳияи М.Аслам,
“БТҶ”.**

# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

**Суроғаи маҷалла:**
734025 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 23/2, Email:
majalla@nbt.tj
тел: (+992) 44 620-05-37,
факс: (+992) 44 600-32-49.

# ОБУНА
# ба
# маҷаллаи
## “БОНКДОРӢ ТАРАҚҚИЁТ ҶАҲОНИШАВӢ”
## барои соли 2020 идома дорад.




**Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”-и Бонки миллии Тоҷикистон – нашрияи иттилоотии бонкӣ, иқтисодӣ имрӯз ба минбари олимони соҳаи иқтисод ва бонкӣ, мутахассисони иқтисоддон ва коршиносони бонкӣ табдил ёфта, инъикосгари дастоварду комёбиҳои низоми бонкӣ мебошад. Хонандагони гироми бо истифода аз маводу гузориш ва мусаввараҳои маҷалла, ки рангорангу ҷолиб мебошанд, ҳамеша ҳамқадами ҳаёт хоҳанд буд.**
**Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”-и Бонки миллии Тоҷикистон имрӯз ва дар оянда ҳамчун:**

- **Равзанаи ошноӣ бо вазъи иқтисодӣ ва низоми бонкии кишвар;**
- **Оинаи нишондиҳандаи ҳаёти иқтисодии кишвар;**
- **Василаи инъикосгари комёбиҳои нав ба нави низоми бонкии кишвар;**
- **Баёнгари навгониҳои олами сиёсати пулию қарзии кишвар;**
- **Ношири ҳисоботи асосии омори бонкҳои кишвар;**
- **Пули дастрасу қулай миёни шаҳрвандон ва бонкҳои кишвар;**
- **Беҳтарин нашрия дар бахши таҳлилу баррасии навгониҳои иқтисодӣ ва бонкдорӣ;**
- **Дастрасӣ ба иттилооти иқтисодӣ ва соҳавӣ ба се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ боқӣ мемонад.**




**Маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” ягона маҷаллаи иттилоотии бонкӣ дар кишвар аст, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон таъсис ёфта, ҷанбаҳои муҳим ва рӯзмарраи низоми бонкӣ ва соҳаи иқтисодиётро баррасӣ, таҳлил ва пешкаши хонандагони азиз мегардонад.**

**Ба маҷаллаи ранга ва пурҷилои “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” обуна шуда, беҳтарин матлабҳои хонданибобро дар бораи рӯйдодҳои ҳаёти низоми бонкӣ ва иқтисодии кишвар мутолиа намоед.**



**Расидан ба ҳадафи чорум-саноатикунонии босуръати мамлакат рушду нумӯи иқтисодӣ ва зиндагии осудаю шоистаи аҳолии кишварро таъмин хоҳад кард.**